**Рофеи РАБИЗОД**

**ВАҚТЕ КИ БОЛОИ ШАҲР БОРОН МЕРЕХТ**
*қисса*

Дар хилвати канорае роҳаки нимнамоён, ки миёни майсаҳо аз аҳён-аҳён гузаштани мошин пайдо гардида буд, аз роҳи асосӣ, яъне аз роҳи мумфарш ҷудо шуда, теппаро тоб хӯрда, паси он панаҳ мегардид.

Паси теппа бошад ҳамааш шуда як порча нимҳамвории кӯчаки яклаба ба назар мерасид, ки онро ҷарии чуқур, яъне сойи селгаҳ пешбур карда буд. Дар ин нимҳамворӣ мошине меистод, ки амсоли танаи теппаи ин ҷо сабзина ба назар мерасид. Андаруни мошин ҷавонзан ва ҷавонмарде менишастанд, балки паҳлӯи ҳам буданд, балки шуғл доштанд ба бусу канор ва висол. Пуриштиёқу печон буданд ҳардуи онҳо. Дар хилваткада касе ба онҳо халал расонида наметавонист. Дар подстансияи электрикӣ, ки паси ҷарӣ, яқинтараш дар он тарафи дигари селгаҳ ба назар мерасид, ҳамчунин касе наметофт…

Вале баногаҳ чизе бо чунон азамате тароқотуруқ кард ва гулдуррос зад, ки замину осмон аз таъсираш ба ларза биомад. Магар подстансияи электрикии он тарафи сой якбора таркидааст, ки шӯълааш чунин тезу бурранда бошад? Аз бими ин ҷавонзану ҷавонмарди нимаурёни андаруни мошин кебида аз ҳам ҷудо гардиданд. Ҳамчунин нигоҳи ҳаросони худро берун бурданд, ки чӣ шуда бошад?

Гулдурроси ба ларза оваранда ва дурахши чашмро хиракунанда такрор гардид ва танаи нимаурёни ҷавонмарду ҷавонзанро як зуъми дигар рӯшан ва намоён кард.

Ҳайрати ҳарду ҳанӯз аз он буд, ки дар ин хилватҷо гулдурросу дурахши якбора аз чӣ бошад? Ё магар касе дар хилваткада падид омада ва анвори тези чароғро тарафи онҳо рост намудааст?

Дар асл гулдурросу дурахш ба раъду барқи абрҳои ситабри осмон дахл дошт, на ба ягон нафари ин ҷо падидомада. Касе ҳам пайдо нашуда буд дар хилваткада, ки он ҷо фақат мошин меистод ва андарунаш фақат худашон буданд, яъне ду ошиқи печида…

– …Ай, заб чиз тарсидем-а?... - аз ҳолати ноҳинҷор худашро ва ҷавонзанро берун кашидан хост ҷавонмард ва як чизи ба табассум шабеҳ гирди лабонаш падид омад.

Боз раъд гулдуррос зад, барқ аз нав шӯъла пошид.

– Ишқварзӣ, ки дуздӣ шуд, кас аз овози ҷисми худаш ҳам ҳарос мекашидааст, - сухани ҷавонзан буд.

Табассум гирди лабони ҳарду фаррохтар гардид ва онҳо боз ба оғӯши якдигар фурӯ рафтанд.

Ҳарчанд раъду барқ бо қувваи ғулғулабори собиқа ва шунаҳпошии пешина такрор гардид, вале акнун ду нафарро, яъне ҷавонзану ҷавонмардро, ки ба ҳамдигар часпида, тани худро ба якдигар бештар месовиданд, дигар ҷудо карда натавонист. Фақат аз раъду барқи навбатӣ қиёфаи ҷавонмард завқи бештар бардошта буд, қиёфаи ҷавонзани зери тани вай бештар кушода гардид...

Пасон аз абр қатраборон ба шишаи мошин рехт ва рӯи он пардаоб кашид ва ҷавонмарду ҷавонзанро ва дохили мошинро ва соати андаруни мошинро, ки ақрабакаш аз як рақам ба рақами дигар мегузашт, аз олами берун бештар хираву ҷудо кардан гирифт.

* * *

Ақрабаки соат ҳамоно аз як рақам ба рақами дигар мегузашт.

Вале ақрабаки соати мошин набуд, ҳарчанд ба соати мошин шабоҳат дошт аз кадом ҷиҳат.

Ва ин соат ба назар мерасид дар яке аз хонаҳои шаҳри зери тури борон монда.

Ҷавонмарде, ки аз ин соат чашм канда буд, муддатҳо ба берун дида дӯхт. Вай назди тиреза меистод. Ниҳоят тоб хӯрда, ба мизи ороишёфтаи пурнози дар миёнаш торти хуштарҳ гузошта назар афканд: аслан чунинашро барои азизи хонадон омода месозанд. Ва болои торт «Зодрӯз муборак» ҳам навишта шудагӣ буд.

Ҷавонмард, ки ниҳоят ба курсии гӯшаи мизи ороста беҳол биншаст, нигоҳаш ба духтарчае рафт, ки дар гӯшаи дигари миз нишаста буд.

– Ягон чиз бихӯр, - изҳор намуд ниҳоят вай барои духтараки гӯшаи миз.

– Очам биёд, баъд… - ҷавоби духтарча чунин буд.

Ҷавонмард дигар ҳарф нагуфт, нигоҳаш боз ноайён майл намуд ба танаи девор, ки духтарак он сӯ нигариста буд. Он ҷо сурати очаи духтарак, яъне сурати ҳамсари худи ҷавонмард овезон меистод, яъне ҳамон бонуе буд, ки ҳамроҳи марди дигар, дар хилвати паси теппа, андаруни мошин ишқварзӣ дошт.

– Чаро ин қадар дер кард, очам? - овози духтарчаи гӯшаи миз боз ба гӯш расид. - Дар зодрӯзи худаш-а... - ба торте, ки болояш «зодрӯз муборак!» навиштагӣ буд, назар андохт. Паҳлӯи торт муғчагулҳо низ ба назар мерасиданд. Яқин онҳо низ барои модари вай оварда шудагӣ буданд.

Вале очаи духтарак, гӯё дар олам чизе рӯй надода бошад, ҳамоно табассум мекард бо тарзи қадим аз сурати танаи девор.

Падари духтарак боз ҷониби тиреза тоб хӯрд.

Дар берун абрҳо ҳамоно мегиристанд ва дар биноҳои баландқабата чароғи паси тирезаҳои мардум фурӯзон метофтанд.

Шаб кайҳо ба ҳукмронӣ шурӯъ карда буд.

* * *

Борон ҳамоно болои мошине, ки дар нимҳамвории хилвати бари теппа меистод, мерехт. Балки резиши борон зиёд гардида буд.

Оби борон аз танаи мошин сӯи чархҳо мешорид. Атрофи чархҳо лойқахез мегардид.

Тиқ-тиқи нооромӣ соат ҳам буд амсоли собиқа.

Навбати дигари шунаҳи барқ, ки аз гӯшаҳои осмон барҷаста буд, имкон дод чашми ҷавонзан ба соати андаруни мошин афтаду нигоҳаш нобоварӣ пайдо кунад, танаш суст гардад, каме аз ҷумбиш бимонад.

– Ин дафъа гузаронидем аз пешина ҳам-изҳор дошт дасташро рӯи пештанаи ҷавонмарде, ки ӯро ҳамоно зери танаш дошта буд, тир карда-Шавҳараму духтарам маро интизор шудагистанд хело боз...

– Ха-айр чиӣ? - мад кашид ҷавонмард, ки Неъмат ном дошт. - Зани ману писарчаам интизор намешаванд магар? Барои ҳамин рафтан лозим?

– Марду зан куҷое нараванд, хоҳу нохоҳ, баргаштанашон лозим ба хонаву дари худашон?

– Баргаштан лозим, албатта... Фақат… каме… де-ер-та-ар...

Боз ҷавонзанро зери тан фишӯрда, силтав дод.

Дар берун гиряи борон фузунтар мегашт.

Баробари ин аз болои мошин пардаи зиёди об шорида, бехи чархҳо ва рӯи заминро аз аввала ҳам бештар лойқахез гардонда буд…

* * *

Дар шаҳр, дари утоқи биное тақ-тақ гардид.

Чун дари утоқ боз шуд, зани калонҷӯссаи азими хилъати сафедпуш, ки дар дасташ ҳамчунин қуттии азими чоркунҷаи духтурӣ дошт, суол намуд:

– Даъват карда будед, духтура? - ба дарун хоста шудани худро мунтазир нагашта, ворид шуд ва ба яке аз ҳуҷраҳои хона рафт, ки дар танаи девораш сурати ҷавонмарде

метофт; ҳамон ҷавонмарде буд, ки дар хилваткадаи паси пуштаҳои беруни шаҳр, андаруни мошин бо ҷавонзани дигаре бусу канор дошт. Ин ҷавонмард, яъне Неъмат аз миёни сурат ҳамчунин фаррох табассум мекард. Вале дар поён, бехи девор, кате меистод, болои он писараке дароз кашида буд. Месулфид… Зани бузургҷуссаи хилъати сафедпӯш ҷониби ҳамин писарак хам гардид, варо муоина намуд, зери кашаш ҳароратсанҷ гузошт.

То дараҷаи ҳарорати бача муайян шудан зани азими калонҷусса бо нигоҳ хонаро аз назар гузаронид ва ба сурати танаи девор ба ҷавонмарде, ки табассумаш фаррохо буд, таваҷҷӯҳ намуд.

– Шавҳарат? - суолаш ба модари бача равона шуда буд. Зани калонҷусса барои он чунин пурсид, ки гуё ягон чиз гуфтанаш лозим меомад дар вазъи мунтазираи ҳозира.

Модари бача, ки ба кадом хаёл печида буд, баъди тааммул ба тасдиқи гуфтаи занак калла ҷумбонд, ки «дар ҳиқиқат, шавҳарам».

– Наметобад? - зани калонҷусса дар хона набудани ҷавонмарди дар сурат ҳувайдоро дар назар дошта буд.

Бонуи хона ҷавоб надод, вале ноайён оҳ кашид.

– Яъне рафтааст? - афзуда буд вай: - Тамоман?…

Бонуи хона гӯё рад кардан мехост, аммо аз чӣ бошад, чунин накард ва ба сони пешина хомӯш монд.

Вале айёли азимҷусса шояд барои он, ки боз ягон чиз гуфтанаш лозим буд, идома дод:

– Аз зани худ мегурехтагӣ шудаанд мардо, барои чӣ бошад, ки…

Зани калонҷусса ниҳоят ҳароратсанҷро аз зери каши бача гирифт ва аз назар гузаронид.

– Он қадар набудааст, ки вақти телефон карданат, ба мо, воҳима кардӣ-а, - ва афзуд: - Ҳаа, занҳо, ки танҳо монданд, ҳамин хел дилашон тангӣ меорад, воҳимашон зиёд мешад… - ва боз илова кард: - Ҳаа… зан, ки танҳо монд, шӯ карданаш лозим. Шӯ ором мекунад занро. Бешухӣ. Ана, худи ман чанд бор шӯ кардам… Ту бошӣ ҳоло ҷавон, - аз қабул шудан ва нашудани суханаш, ё зидди ақоиди вай будан ва ё набудани соҳибаи хона эътибор надода, аз сумкаи чоркунҷаи духтурӣ чанд ҳубба дору гирифта, пеши ҷавонзан бимонд: - Ҳаминро ба бача, бидеҳ, кифоя, тасфаш мегузарад, дигар хатаре нест, - вале аз чӣ бошад боз чор ҳубаи дигар дору гирифту пеши соҳибаи хона бигзошт: - Инаш барои худат; барои ором кардани асабҳот. Асабот чунон хароб шудаанд, ки…

Зани азимҷусса ниҳоят аз ҷой бархоста буд.

– Вале ҳақи гапро гӯям, ягон дору, занро ун қадар ором карда наметавонад мисли доруе, ки «мард» ном дорад, «шавҳар» ном дорад, - ва занаки азимҷӯсса чӣ хеле ки салому алейк накарда, ворид гардида буд, ҳамон зайл хайрухуш накарда, аз ин хонадон бадар рафт.

Соҳибаи хона чанде беҳаракат биистод, пасон бемадор назди кати писараш биншаст. Баъдан нигоҳи вай низ рафт ба сурати ҷавонмард, ки дар танаи девори хона фаррохо табассум дошт. Хории бону биомад, нигоҳашро аз сурати шавҳараш барканд, ба ҳуббаҳои дору овард. Доруе, ки духтурзанак махсус барои худи вай монда буд. Ва ниҳоят ҷавонзани хона дутои ин доруҳоро рӯи дастони пурҳаяҷонаш гирифту якбора ба ҳалқаш партофт, бо оби пиёла фурӯ кашидаш. Вале ҷавонзанро гиря ҳам гирифта буд.

Писараш аз вай чашм намеканд ва бачаро ҳам сулфа гирифт аз нав.

Модараш ниҳоят инро ҳис карда, ба писараш ҳам дору хӯронид.

Писарак ҳамоно аз модар ва хоса аз чашмони тари вай чашм намеканд.

– Оча, гиря накун, - ниҳоят ба забон омад бачаяк. - Дадам меомадагист, ҳамин лаҳза…

Чун модараш, ҳанӯз гиря мекард, боз афзуда буд:
– Хоҳӣ, худат ба кофтани дадам рав. Ман то омадани ту тоқат мекунам…
Модараш, ки Лоҷуvард ном дошт сахттар гиря мекард ҳолиё.

* * *

Мошини сабз ҳанӯз дар як каф нимҳамвории хилвати бари теппа меистод – дар беруни шаҳристон буд ин. Балки аз он дур буд. Аз болои мошин пардаи зиёди об шорида, бехи чарх ва рӯи заминро бештар обшор ва лойқахез мегардонд…

Даме, ки ҷорубакҳои рӯи шишаи мошин ниҳоят ба ҷумбиш омад ва пардаи ғафси оби болои шишаро фиреҷ карда, ду тараф бурдан хост ва чароғаки андаруни мошин фурӯзон гардид, ҷавонмарду ҷавонзани андаруни он, яъне Неъмату Афсона якҷоя набуданд, балки ҷудо-ҷудо менишастанд, яқинтараш яке дар нишастгоҳи пеш буд, дигаре дар қафо. Хуллас, акнун, тарзе менишастанд, ки гӯё барои якдигар дастнорас бошанд. Ва тарзе ба назар мерасид, ки дар ин хилваткада миёни онҳо чизе нагузашта ва ишқварзии пуриштиёқи тулонӣ ҳам набуда...

Ниҳоят Неъмат, ки паси чамбари фармон менишаст, маторро ба гардиш овард ва забонаи газро бо нуги пояш пахш намуд. Бармеомад аз ин хилваткада рафтанӣ шудаанд онҳо дар ниҳоят. Хилваткадае, ки ягона шоҳиди ишқварзии ин ду нафар гардида буд.

Ва то гардана, яъне гардиши теппа як порча роҳи сарболо буд, ки он ҷо сарҳади асосии хилваткада ба охир расида, баъд замини ҳамвор ва пасон роҳи фаррох шурӯъ гардида, миёни сабзаҳоро убур намуда, дар охир ба роҳи асосии мумфарш пайваст мехӯрд. Вале барои ин, аввало бояд мошин аз хилваткадаи бари теппа мебаромад, ки он алҳол муяссараш намегардид. Зеро замини хокӣ аз оби борони зиёд лойқахез гардида, дар он чархҳо тоб хӯрад ҳам, ҷисми болояшро пеш бурда наметавонист.

Ҷавонмарди паси чамбар, яъне Неъмат суръати тобхӯрии чархҳоро зиёд кардан мехост. Дар натиҷа мошин алвонҷ хӯрда, оҳиста-оҳиста майли боло рафтан намуд. Вале баробари ин ҳамчунин оҳиста яклаба ва якёна мелағжид ва ба лаби бурриши азими ҷар наздик мегашт мошин.

Даме ки то лаби ҷар як-ду ваҷаб монд, Неъмати хавотиршуда тормозро пахш намуд; гумон дошт чунин кунад, яктарафа лағжидани мошинро боздошта метавонад.

Албатта, мошин, гар аз лағжиш меистод ва қарор мегирифт, Неъмат, шояд тадбири дигар пайдо мекард ва бо ин васила мошинро аз варта шояд дур бурдан муяссараш мегардид.

Вале тормоз чархҳоро аз гардиш дошта бошад ҳам, мошин бо вазни худаш ҳамоно ҷониби варта мелағжид, ҳарчанд оҳиста буд, вале мелағжид он тараф.

Ҷавонмард тормози дастии мошинро ҳам ба кор андохта буд, вале мошин аз лағжидан бознаистод: ду чархи як тарафи он ба лаби ҷар расида буд. Баъдан якбора аз сари девораи ҷар чархҳои як тарафи мошин кандаву нишеб гардид.

Аз ин боис мошин сахт такон хӯрд, аз зарбаш Неъмату ҷавонзани ҳамроҳашро ҷонибе ҳаво дод.

Вале мошин чаппа нагашта буд, чунки оҳани зери он ба замини лаби ҷар пахш хӯрда, онро «газида» истода буд.

Ба назар мерасид, акнун дигар намеҷумбад аз ин ҷо мошин, ҳарчанд Неъмат ва Афсонаи ба гӯшаи хамхӯрдаи мошин фитодаву лундашуда ҳанӯз тарсхӯрдаву ваҳмзада буданд ва дар қиёфаи онҳо аз асари ишқварзии собиқа заррае нишон намонда буд.

Вале баъди муддатҳо ноҷумбон истодан, Неъмату Афсона ҳар яке дар алоҳидагӣ ба ҷумбиш омада буданд ва ҳар яке дар алоҳидагӣ зӯр мезаданд қади худро аз дари хамхӯрдаи мошин сӯи дари боломонда рост карда тавонанд. Зеро дари поёнро кушодан маънои ба ҷарӣ, яъне ба умқи сойи чуқур парида рафтанро дошт, ки нисфи мошин болои ҷар ҳамоил меистод. Афсонаву Неъмат зӯр зада, ҳоло дари боломондаи мошини

яклаба ҳамоилро кушоданӣ мешуданд. Зеро дари боломондаро агар кушодан муяссар мегашт, он гаҳ ҷисмашонро боло кашида ва аз он ҷо ба бари роҳ фаромада, ҷонашонро амон доданашон имкон мегардид.

Ҳарчанд дари боломондаи мошинро бардоштану кушодан осон набуд, вале ҳар яке дар алоҳидагӣ зӯр зада, ун дарҳоро боло бардошта буданд. Гӯё илоҷи наҷот пайдо гардида буд барои онҳо, ҳарчанд ҳарду гӯё ҳамдигарро акнун фаромӯш карда буданд.

Лек ин ду нафари андаруни мошинро зарби дигар такон доду дарҳое, ки боло мебардоштанд, шараққасзанон аз нав пӯшида гашт, Неъмату Афсонаро ин зарб аз нав бехи дари поён партофт. Онҳо ҳайратзада буданд, ки зарбаву такони навбатӣ аз чӣ бошад?

Огаҳ набуданд, ки девораи намкашидаи лаби ҷар зери вазни оҳанини мошин дошт надода, рӯ ба кафидан овардааст ва роғаш васеъ мегардад.

Бехабари ин Афсонаву Неъмат дар бехи поёншудаи мошин аз нав ба ҷумбиш омада буданд ва қоматашонро рост гирифта, ҳар яке ба сари худ дарҳои қисмати боломондаи мошинро аз нав кушоданӣ ва боло бардоштанӣ ва худро ҳамчунин боло гирифтанӣ ва тани худро берун – лаби ҷар партофтанӣ мешуданд.

Боз дарро кушода буданд, балки пурра кушода буданд. Ва акнун зӯр мезаданд аз он берун шуда бошанд... Ва шояд чунин ҳам мешуд ва наҷот муяссар мегардид дар ниҳоят барои ин ҳарду…

Вале боз такон онҳоро аз ҷониби дарҳои бардоштаи мошин ба андаруни худ, яъне поён партофт. Балки такони сахттар чунин карда буд онҳоро. Зеро пораи дарзовардаи зери мошин, яъне пораи лаби ҷар, ҳамроҳи мошин канда гардида буд. Канда гашта буд пораи лаби ҷар ва поён мепарид ҳамроҳи мошин.

Шамшери анвори чароғи пеши мошин, ки ҳанӯз фурузон буд, синаи тираи ҳаворо тобхурон «мебурид», зеро мошин ҳамчунин дар ҳаво чарх мезад ва тобхӯрон поён, ба умқи ҷарии сой мерафт. Ниҳоят ба таги ҷар бархӯрд. Аҷиб, ки бо чархош зада буд он ҷо. Чархҳо, аз ин, то ҳади охир фишор хӯрда, боз боло хез зада, мошинро яктарафа партофта буданд. Мошин болои обу лойи таги ҷар яклаба чанде лағжида рафту пасон чаппа гашт, ғел зад. Ҳамчунин ба кадом сангҳои зери ҷар бархӯрд. Садои шикастани шишаҳо ва оҳан омад ва чароғҳои фурузони пеши мошин ниҳоят милтирросзанон мурданд. Фарёди тарсолуди занона ҳамчунин фурӯ нишаст ва таги ҷарро тирагиву сукунат аз нав фарогир шуд.

Дигар шамшери барқ намепарид, синаи торикиро намедарид, маълум набуд, дар сойи қаъри ҷар мошин чӣ шакл гирифта, ҳамчунин маълум набуд, ду шахси андаруни он зиндаанд ва ё на? Ва ё шояд кайҳо ҳамроҳи шиша ва оҳанҳои мошин шикастаанду беҷон хобидаанд он ҷо. Беҷон шуда ду ошиқи пуриштиёқ. Ин ҳам дида намешуд, ки ҳамагӣ дар коми торикии тираи умқи ҷар фурӯ рафта буданд.

Аз манзараҳои собиқа фақат як чиз монда буд: ин ҳам гиряи абрҳои ситабри осмон буд ва гиряи беохири онҳо…

* * *

Дар шаҳри азими зери борон, дар як ҳуҷраи бинои баландошён, ки сурати ҷавонзани бо мошин ба умқи ҷар парида, яъне Афсона табассум дошт, миёни мизи ороишёфтаро ҳамоно торти хуштарҳ зеб медод ва болояш бо ширавории ранга «Зодрӯз муборак!» навиштагӣ буд. Бари миз ҳамоно духтараке менишаст ва амсоли пешина чизе ба даҳон намебурд ва падари вай, яъне Ромиш бари пардаи тиреза меистод ва берун назар меандохт, яқин пайдо шудани занашро мунтазирӣ мекашид. Рӯи ҳавлӣ, шояд аз таъсири шиддат гирифтани борон бошад, холӣ гардида, касе пайдо намешуд. Чашмони Ромиш хавотирии бештар пайдо мекард.

Ниҳоят вай аз берун чашм канду тоб хурда, ба духтараш нигарист, ки паси мизи пур аз ғизо менишаст.

– Ту як худат хона истӣ, наметарсӣ? - ниҳоят ба забон овард Ромиш, аз чӣ бошад.

Духтарак мақсади падарро нафаҳмид, ки китф ба ҳам даркашид.

– Ин ҷо будани ту шарт, - шарҳ дод падар. - Очаат телефон кунад, ё даромада ояд, ту ба ман хабар метӣ; ман аз кӯчаҳо ба ту занг мезанам...

Падар дар даст плаши боронӣ, аз назди дари баромад, бори дигар ба духтарча назар андохт.

Ва даме, ки бо лифт поён мерафт, плаши борониашро мепӯшид.

Баъд дар ошёни аввал аз дари кушодаи лифт баромада, ҷониби баромадгоҳи иморат қадам бинҳод.

Ҳамин вақт аз роҳи калон мошини «Ёрии таъҷилӣ» тоб хӯрда, сӯи бино омад. Оби борони зери чарххои вай пош хӯрда, ба Ромиш, ки тугмаҳои борониашро гузаронидан мехост, чарахса кард ва боиси таваққуфи вай гардид.

Мошини «Ёрии таъҷилӣ» аз вай ду-се қадам гузашта, истод. Дари паҳлӯи мошинро кушода, як марди чирминапӯш берун омад ва аз думболи вай ду хилъати сафедпӯш замбарро аз даруни нимтираи мошин кашида, берун гирифтан хостанд. Замбаре, ки болояш пайкари шахшудаи беҳаракат ба назар мерасид.

Чашми Ромиши ба суроғи занаш баромада, ба пайкараи хиратоби болои замбар афтоду хавотирии андомаш фузуда гашт, балки хаёлҳои мағшуш варо ҳамлавар гардид. Шояд ҷасади рӯи замбар, ба хаёлаш, зани худаш тофта буд.

– Тинҷӣ ҳаст? - ҳатто пурсид зӯр зада аз чарминапӯш, ки дар поғундаҳои зинапоя қариби вай қарор гирифта буд.

Чарминапуш нигоҳашро бар вай овард.

– Куҷо тинҷӣ? Намебинӣ?

Ромиши ба суроғи занаш баромада пакар гардида буд.

Чарминапӯш аз паҳлӯ афзуд☺

– Ҳаа… ҷон ба ҷаббор супорид, бечора… - дареғи ниҳон буд дар сухани чарминапӯш.

Ранги Ромиш тамоман канда буд.

– Акнун ба хонааш овардем, ки ҳеҷ не, имшаб «меҳмон» бошад, пеш аз он, ки ба гӯристон бурда, ба гӯрхона супорида шавад.

Ромиши ба сурoғи занаш баромада, бештар пакар гардид.

– Ҳаа, мурд... - пичиррос зад чапминапӯш аз нав. Ва баъди тааммул илова кард: - Мурд, очам...

Ромиши ба сурoғи занаш баромада як такон хӯрда, нигоҳашро ҷониби чарминапӯш гардонд ва аз сари ҳайрати беҳад ба забон овард:

– ...Очаат?...

– Нашнидӣ магар?…

– ...Ман… ман… ба сурoғи занам баромада будам-у...

– … Чӣ дахл дорад ба марги очаи ман ба сурoғи занат баромадани ту? - чарминапӯши ҳамсоя нигоҳашро ба Ромиш оварда буд.

Ромиш бештар дар ҳолати нобоб монд ва ҷавоб дода наметавонист.

Хилъатпӯшон, барои он, ки ҷасади болои замбарро борон тар накунад, болои вай суф (простин) партофта, баъд аз мошини «Ёрии таъҷилӣ» берун кашида, ҷониби дари даромадгоҳи бино бурдан хостанд. Лек шамоли бороомехта матои сафеди болои ҷисми замбарро бозӣ доронда, як бари онро сӯе партофт ва як бари рӯи шахшуда дар партави чароғҳои шаб намоён гардид, ки Ромиш аз он чашм канда наметавонист.

– Ҳаштодсола буд-а, очам, - овози чарминапӯш омад аз паҳлӯ. - Вале ҳайф шуд, бо вуҷуди ин... Ман бо вай сахт одат карда будам. Акнун намедонам, чӣ мекунам. Худо ҳеҷ касро бе модар накунад-а… - чарминапӯш гуфта-гуфта, ба онҳое, ки ҷасади модари варо дохили бино даровардани буданд, расидан мехост.

Ромиш ҳам гӯё акнун ба худ омада бошад, нопечон ба ҳаракат омад ва аз як гӯшаи замбарғалтак дошт, барои ба лифт ворид кардани он, ки болояш ҷисми модари мардаки ҳамсоя буд, ёрӣ додан мехост.

…Баъд Ромиш аз назди лифт бозгашт, аз воридгоҳи бино берун гардид. Борони бошиддат аз нав ба сару рӯи пакаршудааш бархӯрд. Ромиш боз муддате дар поғундаи зинапоя таваққуф кард, шояд барои он, ки аз бархӯриши резаҳои борон ба пешонаву рӯяш андак ба худ омада тавонад.

Ва аз паси тирезаи яке аз утоқҳо духтарчааш ба шиша часпида, ба ӯ менигарист.

Ромиш қадам ниҳод ниҳоят ҷониби «Жигулӣ», ки қатори мошинҳои муқимиёни бинои баландошён, дар саҳни фаррохои иморат ба назар мерасид. Ба он расиду гӯё кадом чиз ба хотираш омад, ки боз нигоҳаш рафт ҷониби иморат. Он ҷо, паси тирезаи яке аз утоқҳо духтарчаи худаш ба шиша часпида меистод.

Ромиш билохир дари мошинро кушоду ворид гардид. Мошинаш ба ҳаракат омад, суръат гирифт. Он тоб хӯрда, ба кӯчаҳои шаҳристони азим баромад.

* * *

Кӯчаҳо каммошину камодам буданд, шояд ин ҳам аз таъсири борон буд, ё аз он буд, ки чанд соат гузашта аз шаб.

Мошини Ромиш ҳанӯз дар кӯчаҳо медавид. Нигоҳи Ромиш мерафт гоҳ ба як сӯ ва гоҳ ҷониби дигар. Аммо аз кӯчаҳои ду тараф, миёни одамони дар дасту сар чатрдошта ва ё бе чатр каси дилхоҳро пайдо намекард.

Боз ба кӯчаҳои дигар ва дигар мегузашт мошин.

Ва миёни одамони каммонда занҳо камтар метофтанд дар кӯчаҳо.

Ромиш, ниҳоят, дар ҷое мошинро боздошт, ба хоначаи шишагии «телефон-автомат» ворид гардид.

– Наомадааст, очам… - шунид аз гӯшаки телефон овози духтарчаи худашро вай. - Ман ҳам хавотир, дада...

Ромиш баъди гӯшакро ба ҷояш овехтан, ба худ фурӯ рафт, чанде дар ин телефонхонаи кӯчак истод, пасон аз он баромад. Муддате боз зери борон буд. Баъд назди мошинаш баргашт.

* * *

Ҷавонзане ҳам, ки шавҳараш наомада буд, писарчаи беҳолашро хона монда, берун шуда буд. Безобитагиаш яқин аз ҳад гузашта буд, ки бозарбаву бошитоб мерафт дар кӯчаҳо. Ба боронии танаш печида қадам мениҳод. Ҳар куҷое, ки аҳён-аҳён мардҳо ба назар расиданд, суст гашта, назар меафканд.

– Э, нозанин-а, шояд маро кобӣ-а? - аз миёни се мард, ки бо ҳам буданд, яке аз онҳо ҷониби ҷавонзан, яъне Лоҷуворд гардан ёзонид. Вай марде буд, ки дар даст шишаи нимхӯраи шароб дошт. – Шояд барам туро ман ҷое, ки борон набошад-а, гарму нарм бошад-а мисли оғӯши худам!…

Лоҷуворд бо зарбу суръати бештар роҳашро идома бахшида буд.

Марди дар даст шишадор, ки ҷониби вай қадам ниҳода буд, қафо монданашро эҳсос намуда, овозашро баландтар кард:

– Эю, вақте ки қабат ба қабати устухонат нам кашид, баъд мефаҳмӣ қадри сухани маро, қадри ба хонаи хушку гарм даъват карданамро… Лек дер мешавад баъд. Баъд ун вақт худат маро мекобӣ, намеёбӣ. Афсус мехӯрӣ, ки куҷо шуда чунин марди меҳрубон!... Эюю!…

Лоҷуворд наистода, миёни борони бошиддат ғӯттида буд.

Мард бошад умедашро аз ӯ канда, қадамашро суст мекард.

* * *

Дар кӯчаҳои шаҳристон ҳанӯз медавид мошине, ки паси чамбари он менишаст Ромиш ва бо нигоҳ мекофт кадом касеро аз атроф, яқинтараш зани худашро мекофт. Ҳушаш ба ҳар тараф буд ва ҷое якрӯя шуда аз думболи кадом зани пайдогашта нигаристанӣ шуд ва нигоҳаш муддате аз пеш барканда гардид ва чун нигоҳро ба пеш овард, мушоҳида кард, мошинаш рост ҷониби касе меравад, ки дар канораи роҳ равон бошад. Ромиш барои он, ки мошинаш ба вай барнахӯрад, чамбари рулро якбора тоб дод ва баробари ин тормозро пахш намуд.

Ҷавонзан мисли мошини қариб ба вай расида такон хӯрд. Аҷибаш, ки ин ҷавонзан ҳамоне буд ба суроғи шавҳараш баромада.

Ромиш ҳам такон хӯрда, аз паси рул ба ин менигарист. Баъд дари мошинро кушода, як пояшро ба замин монда, пойи дигараш ҳанӯз аз рӯи тормоз намеканд, гӯё мошини истодаро ҳанӯз маън кардан мехост.

Ҷавонзан Лоҷуворд ҳам шояд Ромишро шинохта буд… ва ё шояд сабаби дигар буд, ки суст гардид, дигар ҳарфе ба забон оварда натавонист. Ё шояд, ки…

Ниҳоят аз Ромиш чашм канду рафтан хост. Шояд рафтан хост аз пайи ташвиши худ-ба ҷустуҷӯи шавҳараш ин ҷавонзан, ки Лоҷуворд ном дошт…

Вале садои ҳуштак баромад ин лаҳза.

Лоҷуворд он сӯ нигарист, нозири роҳро бидид.

Бармеомад нозири роҳ рӯйдодаи ҳозираро ба мушоҳида гирифта будааст.

– Ҳардуятон, биёен ин ҷониб! - фармуда буд нозири роҳ, (яъне гаишник), ки суханаш басо ҷиддӣ садо дод.

Лоҷуворд ба нозири роҳ ва пасон ба Ромиш, ки чанд лаҳза пеш мошинаш қариб ба вай бархӯрда буд, назар афканд.

Нозири роҳ Лоҷувардро аз нав барои омадан ба хоначаи шишагӣ ишора намуд. Ва Ромишро ҳам ишора намуд. Ва ҳардуи онҳоро даровард ба хоначаи шишагӣ.

– Ман даъво карданӣ нестам аз болои касе, - зӯр зада, ба забон овард Лоҷуворд.

– Яъне гуфтанӣ, ки худат гунаҳкору ронанда не-ъ?

– Ҳушам куҷое рафта буду... - сухани Лоҷуворд буд.

– Боварии кас намеояд, ки бо ин ҷавонӣ, ин қадар парешонхотир шуда бошиву...

Лоҷуворд намедонист боз чӣ бикунад, ҳарчанд кадом чиз гуфтан ва кадом чора ҷустан мехост.

Нозири роҳ ҳамчунин соҳиби мошин, яъне Ромишро ба наздик омадан ишора намуд…

– Ман ин ҷо… - гуё як чизи асосӣ расида буд ба хотири Лоҷуворд, ки худашу боз аз чӣ бошад, соҳиби мошинро ҳам халосӣ бахшидан мехост: - Ин ҷо ман… барои кофтани… Барои кофтани… - киссаҳои плаши борониашро кофт ва ниҳоят чизе пайдо карда, пеши нозири роҳ гузошт. Сурате буд. Ва нозири роҳ ба сурат ва боз ба Лоҷуворд назар афканд.

– …Барои кофтани… ин… буромада будам… - шарҳ дод Лоҷуворд. - Кофтани шавҳарам… Ҳушам ба кофтани вай шуда, ин ҷо қариб, ки… ба мошин…

– Яъне ту худат гунаҳкору соҳиби мошин неъ-ъа?

– Ман бошам… - нимғурма кард Ромиш, ки ҳамчунин нигоҳи нозирро эҳсос кард. - Ман бошам… занамро мекофтаму… Барои ҳамин ҳушам куҷое рафта… - вай ҳам оҳиста сурате бигзошт бари мизи нозири роҳ. Ва ин сурат ҳам мисли сурати аввала тар буд ва аз он ҳам табассум мекард нафаре, балки аз инаш ҷавонзане табассуми фаррох дошт.

Нозири роҳ нигоҳашро ба ду сурат оварd, ки онҳо якхела табассум доштанд ва пасон ба касони суратро гӯшаи миз гузошта, яъне ба Ромишу Лоҷуворд назар андохт.

– Аҷаб, албатта! Кам шуда, ки як зану як мард, баробар кофта бошанд шавҳару зани худро дар ин ҷо… - Ва боз афзуд: - Аслан занҳо нағз мебинанд кофтани

шавҳарашонро… Вале мардҳои ба кофтани занашон баромадаро камтар ба мушоҳида гирифтаем… Ё бисёр бароянд ҳам ба мо камтар мурочиат мекунанд.

– …Мо ҳам мурочиат карданӣ набудему… - сухани норизои Ромиш буд. - аммо худатон, ки моро ин ҷо даъват кардед… - хомӯш монда буд вай аз чӣ бошад.

Нозири дигар, ки ба хонаи шишагӣ ворид гардида буду либосҳои ҷо-ҷо лойолуди танашро бо кадом латтаҳо тоза кардан мехост, чашмаш баногаҳ ба суратҳои гӯшаи мизи нозири навбатдор афтид, аз чӣ бошад, пештар омад ва хам гашт ва расмҳоро аз назар гузаронид:

– Ҳаа, ҳамин хел тасодуфҳо низ мешаванд гоҳе. Тасодуфе, ки на танҳо ду кас баробар ба кофтани зану шавҳар меоянд, балки зану шӯи онҳо низ ёфт мешаванд баробар аз як ҷо.

Лоҷуварду Ромиши ба суроғи шавҳару занашон омада, балки нозири навбатдор ҳам ба нозири навомад, ки либосҳояш ҷо-ҷо лойолуд буд, дида андохта буданд.

– Тасодуфи аҷиб аз даруни як мошин ёфт шудани ин ду нафар аст, - ҷониби суратҳо ишора кард вай боз: - Ёфт шуданд онҳо аз таги ҷарии беруни шаҳр.

Ромишу Лоҷуcontainerвард ва нозири навбатдор ба нозири навомад то ҳаде бо ҳайрат нигоҳ карданд, ки «чӣ хел шуда бошад-а?…»

– Ин садама, азбаскӣ дар бари бероҳаи хилват рух дода буд, аз ин бармеояд, ки садама аз боиси ҷойи хилват кофтани мошиннишастаҳо барои кадом муносибате ва инчунин аз таъсири бориши зиёди борон сар зада, - шарҳ дод нозири навомад-Агар як корманди подстансияи электрикии наздик садамаи шударо тасодуф намедид ва хабар намедод, он гаҳ кормандони милис ва бозрасии автомобилӣ ба зудӣ расида, аз пайи наҷот шуда ҳам наметавонистанд...

– Ҳанӯз ҳам бовар намекунед? - тааҷҷуби физояндаи андоми Лоҷуварду Ромишро ҳис карда, давом дод, нозире, ки лойҳои ҷо-ҷойи либоси танашро аз нав тоза карданӣ мешуд. - Вале ба ҳар ҳол Шумо толеи нек доштаед, ки на инатон бе шавҳар мондаед ва на унатон бе зан. Яъне инҳо, - ба ду сурати паҳлӯи ҳам ишора кард нозири навомад: - зинда… Бовар намекунед?… Беморхона раведу бо чашматон бинед… Боз кӣ медонад, шояд онҳо зану шавҳари шумо набошанду аз кадом ҷиҳат ба онҳо монандӣ доранд ва шояд ман хато карда бошам; охир зери ҷарии сойи обканда торику ваҳмхез буд, чеҳраҳо дуруст дида намешуданд. Ба ҳар ҳол унҳо, касе, набошанд, толеи нек доштаанд, ки аз ун қадар баландӣ парида ва боз зинда мондаанд…

Ромишу Лоҷуварди ба суроғи шавҳару зани худ омада ҳанӯз аз нозири ин хабарро расонда, чашм канда наметавонистанд. Баъд нигоҳи ин ду нафар омаданд ба ҳамдигар. Магар онҳо, яъне Лоҷуварду Ромиш ҳоло ба якдигар часпиданӣ ва якдигарро гунаҳкор карданӣ, ки «айби шавҳари ту» ва ё «айби зани ту» гуфта...

Вале ҳаракате зоҳир карда наметавонистанд ҳарду ва фақат ҳайратзада аз якдигар нигоҳашонро меканданд ва боз ба ҳам меоварданд... Ё шояд гумон мекарданд ун касҳои ёфташуда зан ва ё шавҳари худашон набошанду?…

Суратҳои паҳлӯи ҳами шавҳари яке, яъне Неъмат ва зани дигаре, яъне Афсона дар бари якдигар, дар гӯшаи мизи нозири навбатдор беғамона табассум доштанд сони собиқа. Чунон табассум, ки гӯё дар дунёи азими печон чизе рӯй надода бошад дар ҳаёти онҳо ҳамчунин…

* * *

…Ин зане, ки дар сурат фаррох табассум мекард, яъне Афсона дар ҳақиқат рӯи кати яке аз палатаҳои шӯъбаи зарбу лати беморхона мехобид.

Ва нигоҳашро аз нигоҳи шавҳараш-Ромиш, ки ин ҷо расида буд, мегурезонид.

– …Ин тараф меомадаму… - зӯр зада, ҷумбиданд лабони Ромиш. - …Ин тараф меомадаму… - сухане дарёфтанӣ мешуд вай…. - …бовар намекардам, ки каси милитсаҳо мегуфтагӣ… ту бошию…

Зани вай– Афсона нигоҳашро гурезондан мехост аз шавҳараш ва дар миён сукунати пуртуфон буд...

– Пас ту танҳо набудӣ дар беруни шаҳр, дар бероҳа, ки… - сухани канда-кандаи Ромиш буд.

Ба ҷойи ҷавоб тани ҷо-ҷо дорумолида ва харошхӯрда ва ҷо-ҷо ба докаҳо бастаи бону, яъне Афсона ба кат бештар пахш хӯрд, рӯяш яктарафа рафт, ҳатто чашмонашро пардаи об гирифт.

Ромиш боз муддатҳо нишаста буд дар ин ҷо. Нишаста буд бесухан, ғарқи андеша, балки менишаст гӯё болои сузан.

Пасон оҳиста бархоста буд вай.

– Кош туя аз ин ҷо намеёфтаму кофтукобамро давом дода метавонистам, - хомӯширо шикаста тавонист боз Ромиш, - Охир ман… ба духтарчаат, чӣ гуфта метавонам акнун нисбате, ки туро ёфтам ин ҷо…. ту бошӣ барои он ин ҷо афтодӣ, ки… - Ромиш боз хомӯш монд ва чунин ноҷумбон истод тулонӣ, пасон карахтона тоб хӯрд, қадамҳои ҳамчунин карахтонааш варо бурд аз палата ҷониби берун.

Дар долони дарози бемористон мерафт Ромиш.

Пасон дар зинапояҳои он тоб хӯрда мефаромад. Печиши зинапояҳо ба ростхата намерасид гӯё. Поён мебурд печишҳо Ромишро ва поён мебурд варо беохир…

* * *

Дар як палатаи дигар ҷавонзане менишаст, ки барои суроғи шавҳараш овора гардида буд дар нимашаб ва ӯ Лоҷувард буд. Вай паҳлӯи кате, ки шавҳараш рӯи он буд, менишаст, чизе гуфта наметавонист. Фақат қатраҳои ашк аз рухсораш мешорид ва аз домани плаше, ки онро ба танаш, аз чӣ бошад, сахт мепечонд, ҳамчунин об мечакид: чакра-чакра, қатра-қатра.

– ...Мана чунин ноумед карданат барои чӣ буд-а? - ниҳоят сухан дарёфта тавониста буд Лоҷувард.

Шавҳари вай– Неъмат, ки як пояш гаҷбаста ва сару рӯву танаш пур аз пайи зарбу захм буд, ҳарф намезад.

– ...Агар бори аввал мебуд… - сухани Лоҷувард нимбуд монд. - Агар бори аввал мебуд… - кадом чизе гулугир карда буд аз нав варо.

– ...Хайр... - ба забон омад ниҳоят шавҳари Лоҷувард, яъне Неъмат. - Зан маъно… ба ҳама чиз сабр карданаш лозим… Ҳамту не?

– Ҳатто ба он, ки шавҳараш бо зани дигар?... - боз зӯр зад, ки ҳарфе илова кунад Лоҷувард, ки сахт алағда буд: - Бори аввал нест, ки умедамро барбод додаӣ ту... - гиряи Лоҷувард боз ларзонд ҷисми варо.

– Хуб воҳима кардӣ-даа… - овози шавҳараш буд.

– Ба ҷойи ман каси дигар мебуд чӣ мекард ҳоло? Аа?!…

– Хайр… мард гоҳе гуноҳ накунад, мард аст магар?..

– Мардӣ, фақат, гуноҳ кардан аст?! Аа?!… - аз миёни гиряҳош саволи Лоҷувард рӯида буд яку якбора ва аз нав.

* * *

Лоҷувард, ки ашк ҳамоно ба рухсораш мешорид, аз беморхона мебаромад.

Аз назди мошине гузашт, ки паси чамбари он яке менишаст карахт ва дар нимторикии ин ҷо чунон ғарқи андешаи пурпечу бусарунуги худаш буд, ки атрофро ҳис намекард, ҳатто гузашта рафтани бонӯи мисли худаш хайёлзада ва ғамзада ва карахтро ҳамчунин.

Ҷавонмарди паси чамбари рул ва дар андешаҳои худаш печида, албатта, Ромиш буд. Ромише, ки ба кофтукоби занаш, ин ҷо расида, варо аз шӯъбаи зарбу лат ва шикастабандии ин ҷо дарёфта буд.

…Резиши борон ҳамоно бошиддат идома меёфт ва идома...

* * *

Баъд Лоҷуворд ба хонааш ворид гардид.

Ва ба он утоқе даромада буд, ки кате дошт, дар кат ёзида буд писарчааш.

Лоҷуворд беҳолу хаставу дилшикаста гӯшаи кат биншаст.

Писарчааш, ки аз модар чашм намеканд, зӯр зада, нимхез гардид, сари беҳолашро ба тани модар оҳиста расонд, балки ба он такя кунонд ва ӯро боз сулфа гирифт…

Лоҷуворд сари писарашро бари танаш пахш намуд.

Дар танаи девор сурати шавҳараш чун собиқа табассуми фаррохо дошт, балки худбоварона табассум мекард ҷавонмард ҳамоно.

Сулфаи бачаяк ист намекард. Лоҷуворд сари писарашро сахттар ба қафаси сина пахш намуд ва аз нав канда-канда гиря кард. Балки ларзида ва кебида гиря мекард акнун. Балки бо тамоми ҳастӣ ашк мерехт ҳоло вай.

– Барои кадом гуноҳҳом ин хиёната кард, додот-аа? Барои кадом гуноҳҳом-аа?!...

Писараш сарашро аз тани вай намеканд.

Гиряи ҷавонзан дигар ист намекард…

* * *

Ромиш аз мошинаш, ки ба шафати бинои баландқабата омада истода буд, берун гардид. Пакару карахт метофт ҳамоно. Аз паси шишаи тирезаи ошёнаҳои мобайн нигоҳеро ниҳоят эҳсос намуд. Вай дахл дошт ба духтарчаи худаш. Духтарча пешониашро ба шишаи тиреза бештар часпонда, гӯё дар бораи модараш ягон чизи навро аниқ кардан мехост...

Ромиш пеш аз он, ки аз мошин ҷудо шаваду сӯи бино қадам ниҳад муддатҳои тулонӣ аз миён даргузашта буд.

…Баъд Ромиш ба хонааш даромада буд, меистод беҳол назди дар.

Духтарча аз падар чашм намеканд, ҳарчанд, саволе намедод доири модараш акнун вай.

Нигоҳи Ромиш, аз чӣ бошад рафт ба мизи миёни хона. Мизи ороста, ки болояш торт дошт ва болои он навиштае бо ранги тирукамон ба назар метофт: «зодрӯз муборак!». Паҳлӯи торт дастаи муғчагули зебо худнамоӣ мекард. Ин ҳама ба мавлуди бонуи хонадон омода гардида буд.

Аммо ун занак…

Зане, ки аз сураташ беғамона табассум мекард гӯё парвои ин ҳама надошт…

Ромиш якбора пеш қадам ниҳод, чанг зада, тортро гирифт ва бо тамоми кин ба замин барзад. Навиштаҳои «зодрӯз муборак!» нест гардиданд. Ва Ромиш ба ин қонеъ нашуда гулҳоро низ миёни панҷаи пурҳаяҷон ва телбашудаи худ канда, реза карда, рӯи фарш барафканд.

Баъди ин гӯё дигар коре карда наметавонист, ки беҳол ва бемадор ба курсии гӯшаи мизи дар собиқ ороста ва ҳоло бетартиб биншаст.

Торту гулҳо рӯи замин парешон мехобиданд...

* * *

Осмон гиря мекард ҳамоно.

Бештари чароғи шаҳристони азамат куштагӣ буданд, ҳарчанд дар ду хона фурӯзон монда буданд ҳанӯз ҳам: дар хонае, ки Ромишу духтараш бари мизи бенизомшуда менишастанд ва рӯи замин торту пораҳои гул парешон мехобиданд; ҳамчунин дар хонаи дигари бинои дигар чароғ фурӯзон монда буд, ки ҷавонзан Лоҷуворд ва писари шамолхӯрдаи бемадораш бедор буданд, балки хоб намебурд онҳоро акнун…

* * *

Омадани рӯзи дигар шаҳрро бедор карда буд, ба ҳаракат оварда буд. Яъне ба ҳамон ҳаракату гардиш оварда буд, ки ба ҳар шаҳри азим хос бошад.

Одамон ба ҳар сӯ мешитобиданд, аз пайи кору ташвиш мерафтанд, ғайри Лоҷуварду писари бемори ӯ ва ғайри Ромишу духтари вай, ки монда буданд дар хонадони худшон.

* * *

Баъд духтарча ба шишаи тиреза часпида, медид, ки чӣ тавр рӯи ҳавлӣ мурдаи модари чарминапушро мебаранд одамон болои тобут.

Ва чарминапуш аз думболи тобути модараш қадам ниҳода, овоз мебаровард:

– Маро танҳо партофта рафтӣ-а, оча! Ман бе ту чӣ кор мекунам, дар танҳоӣ?… – чарминапуш гӯё хурдсол бошаду модараш варо ба ин аҳвол партофта рафта, ки чунин навҳа мекашид. : - Ман ба ту одат карда будам, оча?… Ман бе ту чӣ кор мекунам, акнун, очаҷон?…

Падари духтарак, яъне Ромиш ҳамчунин аз ин ҳама чашм наканда, сахт андешаманд буд ва болои поғундаи зинапояи берун истода, маълум набуд аз қафои тобут меравад ва ё қафо ба сӯи хонадонаш бармегардад.

Ниҳоят, аз чӣ бошад, аз думболи тобут қадам бинҳода буд вай.

* * *

Лоҷуверд бошад дар хонадони худаш ҳамчунин ба гирдоби андеша печида буд.

Писараш аз вай чашм намеканд.

Ниҳоят Лоҷуверд бо дастони аз ҳаяҷон ларзон ду ҳубба доруи боқимондаро, ки духтурзанак барояш шаби гузашта монда рафта буд, гирифта, боз ба комаш партофту аз болояш оби пиёларо ошомид.

Писараш ҳамоно аз ӯ чашм намеканд.

Ниҳоят писараш тоқат накарду гуфт:

– Оча, ман дилтанг шудам аз ин ҳама. Аз зиқии ту зиёд… Аз ин хона ҳам хело боз набаромадаам. Дилам ба кафидан наздик шудааст, оча…

Лоҷуверд аз миёни хаёлҳои пурпеч худашро берун кашидан хост.

– Ҳаа, - мад кашид ниҳоят ҷавонзан, ки ба писараш нигариста буд. - Ба ғурбати худам овора шуда, чанд рӯз боз туро набаровардаам берун, ба ҳавои кушод… Охир ту беҳолу… Сайругашт зарур буд барои ту, - боз тулонӣ сукут кард ва ба андешаи худ ғӯтта зада буд: писарашро магар ҳанӯз аз хона берун баровардани нест вай?

* * *

Вале боғистони баъди борон пурфасона мерасид ба назар.

Боғистоне, ки ба ин ҷо овардааст писарашро Лоҷуверд барои гардиш.

Дар пайроҳи миёни гулу буттаву дарахтҳо қадам мениҳоданд онҳо.

Ягон-ягон донаҳои бозмондаи борон дар сари хамхӯрдаи навдаву баргҳо ба назар расида, аз таъсири партави хуршеди рӯйзада мерахшиданд.

Пайроҳи бороншустаи боғ дилнишин буд, ба гардиш созгору мувофиқ метофт. Ҳарчанд дар онҳо паҳлӯи писараш Лоҷуверд қадам мениҳод, вале вай гӯё дар олами дигар монда буд ва аз олами хаёл ва андешаҳои печхӯрдаи худаш халосӣ ёфта наметавонист.

Боғ пурфасона меистод, овози мурғони сари шохсорон эҳёгару давобахш буда метавонист ба ҳар чиз.

Лоҷуверд, ки писарашро ба оғӯши табиат оварда буд, ҳанӯз дар олами пурпечи дигар монда буд.

Баъд писари вай шояд аз бетарафӣ ва ё хаёлзадагии модар хаста гардида буд, ки нишаст ба хараке. Модараш Лоҷуворд ҳам биншаст паҳлӯи вай. Ин хараке буд миёни анбӯҳи дарахтони пурфасонаи боғ. Балки ин ҷо ду харак буданд пушто ба пушт. Дар як харак менишастанд Лоҷуворду писарак, дар хараки пушти онҳо менишастанд рӯ ба сӯи дигар ду зани миёнасоли дигар, ки миёни худ сӯҳбати хоси занона доштанд:

– Дар ҳаёти ман, - мегуфт яке аз занҳои дар пушт нишаста ба дугонаи ҳампаҳлӯи худ-албатта, мард буд, - ва баъди чанде тааммул афзуд: - Баъд ун мард ба зани дигар майл кард… Ман ба ҷойи домани ун марди худама сахт доштан, қаҳру ароз кардам, аз баҳри вай баромадан хостам... Вале… аз қаҳру итобу дуршавии ман, зани дигар фоида бурд, марди маро чунон печонд, ки дигар варо аз чанголаш халос карда, гирифта натавонистам. Ун зан марди мана пурра аз худ карда гирифт... Дар мобайн ман зарар дидам... - гӯянда муқаддам аз он, ки фузуда бошад чанде хомӯш монд: - ҳол он, ки барои зан шавҳар ёфтан душвортарин кор аст дар дунё...

– Ҳаа, хоса барои зане, ки аллакай як бор шӯ дидааст-тасдиқ кард дугонаи вай.

– …Ман мардаки худама, агар барои худам набошад ҳам, ҳеҷ не, барои фарзандом, аз доманаш сахт бояд медоштам, ки шояд занаки дигар варо бурдаву пурра аз худ карда наметавонист, фарзандони ман ҳам бе падар намемонданд. - занак чанде хомӯш монда буд ва ба фарзандонаш, ки баъди гулбуттаҳо буданд, назар афканд. - Фарзанди бепадара ҳолаш чӣ, худат медонӣ, дугон…

Ду писари зани гӯянда бехи буттаҳо беҳаракат истода буданд, гӯё ба ягон чиз завқу ҳавасе пайдо карда наметавонистанд.

– Чаро бозӣ намекунед?

Онҳо ҷавоб надоданд…

– Бозӣ кардан, ки нахоҳед, маҷбур хона бармегардем… - занак аз ҷояш хест.

Лоҷуворд, ки дар хараки пушт менишаст ва ин ҳамаро мешунид, авзояш тағир мехӯрд. Ё бештар фурӯ рафта буд ба худаш ва хайёлҳои худаш. Аз миёни хаёлҳо менигарист ҳар гоҳ бар писараш. Писараш, ки сари беҳолашро ниҳода буд ба пештанаи вай.

Занҳои хараки пушт рафта буданд кайҳо ва ду писаракро бурда буданд.

Аммо Лоҷуворд менишаст ҳамоно ноҷумбон ва ба худ фурӯ рафта буд. «– Агар ман, ҳеҷ не, барои фарзандом шуда домани ун мардака раҳо намекардам, аққалан фарзандом бе падар намемонданд. Фарзанди бепадара ҳолаш чӣ мешавад, маълум…», - шунид сухани занҳои сӯҳбаткардаву кайҳо рафтаро Лоҷуворд гуё аз миёни андешаҳои худаш.

Ва ӯ ларзида нигарист ба сари писараш, ки ба пештанааш такя зада буд.

Боғи паҳно амсоли Лоҷуворд ва амсоли писари вай ба андешаи дигар ғутида мезад.

– Меравем, - хест ниҳоят Лоҷуворд аз ҷо.

– Ба хона? - гумон кард писарак.

– Ҷойи дигар.

– Ҷойи дигар? - писарак нафаҳмида буд мақсади модарро ҳамоно.

– Барои ту шуда…

– Барои ман?

– …Дигар чӣ кор ҳам кунам? Барои фарзанд ғайри модар, падар ҳам лозим будагист, шояд, ки… Ҳаа, ҷое меравам боз, ки рафтанам лозим нест.

Дасти писарашро ба кафи даст фишӯрда, қадам мезад ҷониби баромадгоҳи боғистон Лоҷуворд.

Писараш ҳанӯз ҳайрон менигарист ба вай ҳар гоҳе.

* * *

Баъд Лоҷуварду писараш менишастанд дар палатае, ки ҷавонмарди пояш миёни гаҷ ин ҷо буд, яъне падари писарак ин ҷо буд.

Лоҷуварду писараш менишастанд, вале акнун сухани мегуфтагӣ гӯё надоштанд барои падари писарак, ки хомӯш буданд. Лоҷуворд, ҳарчанд худаш писарашро ба ин ҷо оварда буд, дам ба дарун менишаст.

– Ба сари мард… - ниҳоят ин вожаро аз куҷое дарёфта, гуфтан хост падари писарак, яъне Неъмат.. - Ба сари мард, ҳамин тавр, ҳар чӣ ояд, бигзарад, - шояд хомӯшии вазнину гаронро хотима додан мехост вай. - Хуб, ки ту Лоҷуворд, инро фаҳмидӣ, омадӣ… Хуб, ки омадед ҳардуи шумо. Ҳоо… барои зан шавҳар лозим, фарзанд ҳам бояд падари худашро дошта бошад. Ҳамту не-ъ?…

Рухсори Лоҷуворд бештар тағир хӯрда буд, балки ба он ду қатра ашк чакида буд. Аҷиб, ки вай худаш бозомада буд ва боз худаш ашк мерехт. Шояд аз он, ки мақсади ниҳони омади онҳоро шавҳараш Неъмат дарёфта буд.

– Ҳамин тавр зан ба толеаш тан медиҳад ҳамеша, - сухани Неъмат буд боз.

Гиряи Лоҷуворд зиёдтар гардида аз ин ва тани ӯро меларзонд.

* * *

Дар як хонаи биноҳои баландошёни шаҳр расми ҷавонзане аз танаи девор фаррохона табассум мекард. Ва ин расми Афсона буд.

Шавҳари Афсона— яъне Ромиш ғарқи андешаҳои худ дуди тамокуро чуқур-чуқур фурӯ мекашид.

Духтараки хонадон, гӯё ба андешаҳои падар халал расонидан нахоста, хомӯшона тамошо мекард оинаи нилгунаро.

Ромиш дуди сигарро чуқуртар фурӯ мекашид.

Духтараш ниҳоят оинаи нилгунаро хомӯш намуда, қариби падар омад ва биншаст.

Ба падараш менигарист вай.

Падараш миёни дуди тамокуи худаш гоҳ хира ва гоҳ айён буд.

– Дада-ниҳоят баъди муддатҳо ба забон овард духтарак тоқат наоварда.

Падар дуди сигарро чуқуртар кашид.

– Тилевизор боз нишон дод садамаи мошинаҳоро, - ба забон овард духтарак оҳиста.

Падар ҳарфе нагуфт.

– Ҳамон садамаи мошине, ки дарунаш буд очам.

Ромиш сигари дигар даргиронд.

Духтарак ҳамоно ба вай менигарист.

– Худатон доим мегуфтед, дада, ки мӯҳтоҷу бемора хабар гирифтан шарт, на вобаста ба ҳар чӣ, ки рӯй дода…

Ромиш дуди дамкашидаашро сар дод ва паси он хираву нимпайдо гардид…

Духтарак ҳанӯз аз вай чашм намеканд, ҳарчанд, чизе намегуфт дигар барои падар.

– Дилат хоҳад ман туро ба беморхона мебарам, аммо худам он ҷо намедаром-баъди дуд додани сигари дигар чунин гуфта буд вай.

* * *

Мошин ба бемористон баробар шуда, биистод.

– Худат медонӣ, ки ман ин ҷо омаданӣ набудам. Фақат барои ту…

Духтарак чизе намегуфт, ҳарчанд дар қаъри чашмони маҳзунаш андешаҳо чарх мезад, ки падараш аз мошин баромаданӣ ва ё на?

– Аммо ман бе шумо ба ин беморхона даромаданӣ не, - сухани духтарак буд.

– Он ҷо даромадани ман душвор аст, - сухани падар буд ниҳоят. - Худат медонӣ инро…

– Дукаса шавем шояд ба якдигар қувват шавем барои даромадан… А?…

Падар ҷавоб надод, ҳарчанд майли аз дар баромадан накард.

Бо вуҷуди ин духтарак баъди аз мошин баромаданаш тулонӣ истода буд, то падар ҳам берун шуда бошад…

Ромиш ҳанӯз ҳайрон буд, ки аз думболи духтарчааш сӯи беморхона қадам бизанад, ё на?

Ромиш аз мошин баромада буд, вале як истод-зӯр зада, аз думболи духтараш, ки дами дари беморхона ӯро мунтазир буд, қадам бинҳод….

Онҳо аз омадану рафтанашон пушаймон буданд магар, ки?… Ё шояд ҳайрон буданд аз кору кардаи худашон ҳоло падару духтарак.

* * *

…Ва Афсона ҳам бовар намекард чун шавҳарашу духтараш ворид шуда буданд бар палата, духтараш пешопеш, падар қафо. Онҳо назди дар истоданд….

…Духтарча, ки аз модар чашм намеканд, вале барои ӯ ҳарфе нагуфт, ҳарчанд, падарашро худи вай оварда буд ба ин ҷониб…

* * *

Чун Ромишу духтарча рафтанд Афсона тулонӣ ба даре, ки онҳо баромада буданд, назар андохт. Ҳанӯз бовар намекард ба омаду рафти шавҳару духтарчаи худаш вай.

Баъд зӯр зада, хест, яклаба-яклаба пой ниҳода, назди тиреза омад…

Аз паси тиреза назора кард, ки шавҳарашу духтараш хайёлманд, бо сари хам аз беморхона баромада, дур мераванд: онҳо ҳамин тавр карахтона ба мошини дар бари роҳ монда, расида, ба он нишастанд.

Мошин ҳам гӯё карахтона равона гардид ва дур рафт.

Чун мошин панаҳ гардид, Афсона боз муддати мадид паси шишаи тиреза, андаруни палата хайёлманд истод.

Ниҳоят нигоҳашро аз роҳи калони мошингард, ки кайҳо он ҷо дигар мошини шавҳараш набуд, барканд ва оҳиста тоб хӯрд. Ба палата, ки чанде пеш шавҳару духтараш ин ҷо буданд ва пасон ба халтачаи салафании онҳо овардаву монда назар афканд.

Боз гӯшаи кат биншаст Афсона ва боз нигарист ба халтачаи салафании овардаи шавҳарашу духтараш.

Баъд оҳиста даст пеш бурд, бо нуги ду ангушт аз даруни халтачаи салафанӣ ду дона тут, ки марворидгун метофта баргирифт, ба онҳо боз назар афканд, баъд онҳоро ба комаш андохт. Оҳиста фурӯ бурд. Тамъи онҳоро гӯё бо тамоми ҳастиаш эҳсос намудан мехост ҳолиё.

Ва чанде дар асари лаззати тутҳои шаҳдрез ва асари кадом хаёли дигар нишаст. Пасон ба хотираш гӯё кадом чизи дигар расиду сӯи дар ва боз сӯи халтачаи тути балхӣ назар бурд. Пасон хест. Халтачаи рӯи курсиро гирифт, оҳиста тоб хӯрда, якбара по ниҳода, ҷониби дар рафт. Оҳиста ба долони дароз баромад.

Чанде истод, чун долонро лаҳза холишудаи духтурону беморон дарёфт, зӯр зада, худро ба палатаи дигар гирифт ва он ҷо аз думболаш дарро пӯшонид. Дар ин палата рӯи бистар каси дигар буд ва он албатта Неъмат буд. Бо пойҳои гаҷкарда ва тани зарбхӯрда буд Неъмат ҳолиё.

Ва ба Афсона ва хоса халтачаи салафании дасти вай назар андохт Неъмат.

Афсона ба курсии паҳлӯи кати Неъмат биншаст. Чанде хомӯшу хайёлманд буд.

Баъд саволе ба забонаш омад:

– Медонӣ, инро кӣ овард?…

Неъмат аз Афсона, ки ин суолро дода буд ва аз халтачаи салафании дасти ӯ чашм намеканд.

– …Шавҳарам овард инро… - сухани Афсона буд, ки аз чӣ бошад ба пичиррос монандӣ дошт ва миқдоре аз тутҳоро ба лайличаи пеши Неъмат ҳам рехт бо кадом ҳаяҷон.

– Хайр-чӣ… Чӣ аҷоибот ҳаст дар ин? - овози Неъмат буд.

Афсона ба вай нигарист.

– Охир, зани худат бо шавҳари ман, аз шахр берун рафта… чунин мекарданд, ки… ману ту кардем… пас худат… меомадӣ… ба хабаргирии занат?…

Ин суол гӯё тамоман ногаҳон буд ва ба миён хомӯшии ноҳинҷор барафканд.

– Инҳо бояд… Бояд меомаданд… - сухане дарёфтан хост Неъмат. - …Ғайри омадан дигар илоҷ доштанд? Ба тақдири худашон бояд тан медоданд… Ё нодуруст гуфтам?… - Неъмат боз хомӯш монда буд.

– …Хайр, зани туро фаҳмидан мумкин, - пичирроси Афсона буд. - Вай зан аст... Зан ҳар чӣ ба қисматашояд, дер ё зуд шояд тан диҳад… Аммо шавҳари ман... Ба ҳар ҳол… вай мард... - ҳанӯз фаҳмидан мехост сабаби бозомади шавҳари худро Афсона.

– …Ин «мард» ҳам… - ба хайёл рафт муддате Неъмат, - шояд дигар илоҷ надошт, ғайри ба ин ҷо омадан... Баъд… шояд… Шояд одат кардааст ба ин хел корҳо вай...

– Шавҳари ман? Одат кардааст? Ба ин хел корҳо?

– Ҳоо… - Неъмат мад кашида буд боз.

Афсона ба ҳайрати бештар омада буд ва аз Неъмат чашм намеканд.

– Ҳоо… - Неъмат боз лаҳзае хомӯш буд. - Зеро, ягон бор, нагузоштаам, луқмаи ҳалол фақат азони вай монда бошад… ё танҳо азони вай бошад...

– …Нафаҳмидам… - дар ҳайрати бештар буд ҳамоно Афсона.

– Чӣ гӯям?… - Неъмат лаб хоид як муддат. - Акнун, ки аз забонам баромад, то охир нагӯям шубҳаат зиёд мешавад… Агар гӯям чӣ?…

– Акнун, ки гуфтӣ, то охир расониданат лозим.

– Агар гӯям, шояд қаҳрат биёяд.

Афсона аз вай чашм намеканд.

– Акнун, ки гуфтӣ, чӣ фарқ дорад?…

– Ман зани худамро ҳам, - ба забон овард Неъмат, - аз вай кашида гирифта… будам...

Ҳайрати Афсона аз ҳаду худуд гузашта буд.

– Аз шавҳари ман?

– Ҳоо… - ҷавоби Неъмат буд чунин.

Ҳайрати Афсона паст намегашт.

– Ту шухӣ мекунӣ-а? Аз рӯи одат-а?

– Дар ин масъала шухӣ мешавад магар?

– …Ба ман… дар ин бора… нагуфта будӣ... то ин дам…

– Аслан… - забон хоид Неъмат. - Аслан одат надоштам ба касе ҳисобот дода бошам… аз корҳои мардонаи худам… Аммо ҳоло… - Неъмат хомӯш гашта буд якбора. Вале давом дод боз– Шояд таъсири аз сари ҷарӣ паридан ва ё зарб гирифтан буд, ки сире аз забони худам ошкор гардид... - боз хомӯш монд.

Авзои Афсона, ки ҳанӯз аз Неъмат чашм намеканд, тамоман дигар шуда буд. Ва инро ҳис карда, Неъмат аз нав ба сухан омад:

– Чӣ хел гӯям буд дар ин бора пештар ба ту-а? Пештар гӯям буд, ки зани худамро ҳам аз шавҳари ту кашида гирифтаам?… Хайр, ҳар мард ягон сиру асрор доштанаш лозим-а? Ҳамту не? Марди бе сиру асрор намешавад дар ин дунё…

– Хуллас, шавҳари маро мешинохтӣ-а? Пештар? - қонеъ нашуда буд ҳанӯз Афсона ва боз баъзе чизҳои дигарро барои худаш аниқ кардан мехост.

Неъмат лабханд заданӣ буд, яъне масъаларо мулоим кардан мехост. Ошкоргӯии минбаъдааш низ ба ин мақсад равона шуда буд:

– Мешинохтам, албатта, шавҳари туро… Аз наздик… Чӣ рангат дигар мешавад? Қаҳр мекунӣ ту? Пас дар ин бора, пешакӣ бояд ҳисобот медодам, ба ту? А?

Афсона ҳайратзада меистод ҳанӯз.

– Хуллас ҳамин тавр гӯ? - ниҳоят аз ҷой бархост Афсона.

– Хайр чӣ? - сухани Неъмат буд, ки аз Афсона чашм намеканд. - Ин як чизи муқарар. Ин хелаш дар ҳама ҷо шуданаш ва вомехӯрданаш мумкин…

Афсона, ки назди дар расида буд, истод.

– Барои ман ин чизҳои шунидаро ҳамл кардан душвор...

– Яъне «қаҳр кардам» гӯ?

Афсона назди дар муддате андешаманд биистод.

– Ҳарчанд баъди ҳар чизи шуда, қаҳр карданам ноҷоя, ё дер шуда… вале чизҳои шунидаро ҳамл карданам, шояд вақт талаб кунад... Ё шояд, ки…

Вай ба долон баромада буд. Гӯё акнун аҳмият надошт, ки варо мебинанд дар долон одамон ва духтурон, ё на?

Неъмат бошад ҳанӯз аз дари бозмонда, ки аз он Афсона баромада рафта буд, чашм намеканд.

…Дар ҷое, ки Афсона то рафтанаш нишаста буд, халтачаи тути овардаи вай, балки овардаи шавҳараш ва духтараш монда буд. Нисфи тут рехтагӣ буд дар лаълича.

Неъмат ба онҳо нигоҳашро бозовард. Тутҳо марворидранг буданду иштиҳоро меоварданд. Шояд барои ҳамин бошад, ки Неъмат, як вақт сӯи онҳо даст бурд, чандто гирифт, ба комаш андохт. Як чизи ба табассум шабеҳ гирди лабонаш падид омад, шояд аз тамъи меваҳо буд ва ё аз андешаи андаруни худаш буд, маълум нашуд…

Вале ҳарчӣ набошад боз тут гирифту ба даҳонаш андохт. Ва гӯё ҳар чизи шударо фаромӯш мекард ва ё фаромӯш кардан мехост…

* * *

Шавҳари Афсона, яъне Ромиш ба хонадони худаш баргашта буд. Баргашта буд ҳамроҳи духтараш.

Ва падару духтарак акнун дар ду гӯшаи мизи хона менишастанд.

Ҳар яке дар алоҳидагӣ банд буданд ба андешаи худ.

Миз акнун дигар чизе надошт, ороста набуд, на аз торт, на аз гулу гулдон. Умуман холӣ буд болои миз ҳолиё.

– Ман он ҷо барои ту рафтам… - ниҳоят гуфт падари духтарак. Вай ҳарчанд сарашро набардошта мегуфт, вале маълум буд, ба духтараш мегӯяд. Ва баъди чанде ғарқи хаёл нишастан афзуда буд: - Набошад кадом мард мерафт, баъди ҳар чизе, ки шуд…

Боз ба андешаҳои пурпечи худаш рафта буд падар…

Духтараш ҳам чизе нагуфт, андешманд менишаст.

Ва аз сурати девор Афсона-модари духтарак, фаррох табассум дошт бо зайли қадим.

* * *

Зани Неъмат, яъне Лоҷуворд, ки ҳамчунин аз шӯъбаи зарбу латҳои беморхона кайҳо ба хонадони худаш баргашта буд, гӯшаи кате менишаст, ки писари беҳолаш ба он ёзида буд аз нав, вале сарашро рӯи зонувони модар ниҳода буд.

Ва ҳардуи онҳо ба андешаи худ ғуттавар буданд.

Баъд Лоҷуворд писарашро хобонида буд.

Паҳлӯи писараш боз тулонӣ ва андешаманд менишаст.

Дар берун шаб ҳукмрон шуда буд.

Ниҳоят Лоҷуворд оҳиста бархост, бо қадамҳои оҳиста хонаи дигар гузашт.

Назди ҷевони хона муддате истод, баъд онро оҳиста бикшод.

Кадом чиҳоро кофту аммо чизи даркориро дарёфта натавонист.

Вале кофтукобро идома ҳамедод ва ногаҳ кадом чиҳо аз ҷевон афтоданд ба пеши пояш. Лоҷувард яке аз онҳоро бардошт, миёнашон сурате дарёфт. Сурати буридае буд, ки нисфи дигараш наметофт. Яъне сурати худаш буд ва шавҳараш Неъмат, вале аз гӯшаи даридааш бармеомад, ягон вақт паҳлӯи сурати ин ду нафар боз сурати кадоме ҳам буда, ки баъд ҷудо карда шудааст.

Лоҷувард муддате ба ин сурати як бараш набуда нигарист, пасон боз кофтукобро идома дод ва чанде баъд нисфи дигари суратро дарёфт. Дарёфта буд аз ҷойи дигар. Чанде ба ду ҳиссаи сурат нигарист, сипас бо дастони пурхаяҷон ду ҳиссаро ба ҳам наздик овардан гирифт...

Сурати се нафар ҳосил гардид паҳлӯи ҳам: ду ҷавону миёнашон бонуи ҷавони дигаре. Бонуи ҷавон, худи Лоҷувард буд, ки бо дастони пурхаяҷон ҳоло пораҳои бурида ва ҷудои суратро ба ҳам наздик овардан мехост. Ва ҷавонҳое, ки дар сурат, паҳлӯи Лоҷувард меистоданд, шавҳараш буду дигаре... Дигаре, ки дар пораи буридаву ҷудокардаи сурат меистод, ҷавонмарде буд. Яқинтараш Ромише буд, ки зани вай, яъне Афсона, бо шавҳари Лоҷувард, яъне бо Неъмат аз ҷарӣ парида буданд бо мошин ва ҳоло дар бемористон буданд…

Ҳаяҷон ва ҳатто ларзаи дастоне, ки пораҳои суратро ҳоло ба ҳам наздик доштан мехостанд, айёнтар шуду он се нафар, ки аз навҷавонӣ ва аз дунёи нуронӣ шод буданашон яқин метофт, боз аз ҳамдигар канда ва ҷудо гаштанд, яқинтараш сурати онҳо боз чунин шуд, ки Лоҷувард пораҳои онро дигар ба ҳам наздик дошта наметавонист...

Чаро онҳо-се нафар якҷо буданд дар навҷавонӣ ва чӣ хел якҷо буданд?

Чаро якҷо буданд ин се нафар дар навҷавонӣ: яъне Лоҷувард, Неъмат ва Ромиш? Ва чӣ сиру асрор буд дар ин муаммо?

*

Шаҳри азим пурасрор метофт паси тиреза. Шаҳри чароғонаш даргирон, вале бо вуҷуди ин дар торикии шаб печида. Яқин асрорҳои гузаштаро басо медонисту дар худ ниҳон медошт шаҳристони азамат. Шаҳрҳои азим, ҳамин тавр, асрорҳои азим ниҳон доранд дар синаи худ.

* * *

Беморхона.

Неъмат зӯр зада, ба асобағал такя карда, аз ҷой бархост.

Тақо-тук қадам ниҳода, ҷониби дар рафт.

Ба долон баромад.

Дар долон каме рафту дари як палатаро бо нуги асобағал тела дод. Ба даруни он назар барафканд.

Афсона ин ҷо буд, болои рахти хобаш андешаманд менишаст.

Паю осори зарбу лати рухсору дасту оринҷи Афсона акнун кам метофт ва аҳволаш гӯё беҳтар барин буд, бармеомад аз миён чанд рӯзи дигар даргузашта.

Неъмат он ҷо ворид шуд ва ҳамчунин дар гӯшаи рахти хоби ҷавонзан биншаст.

– Чанд рӯз боз дигар наомадӣ пеши ман? - чунин гуфта буд Неъмат. - Қаҳр кардӣ-аа?

Афсона чанде андешаманд менишаст, баъд мавзӯро сӯи дигар бурдан хост:

– Мумкин, як-ду рӯз баъд маро барои аз бемористон рафтан ҷавоб диҳанд, - сухани Афсона буд, ки баъди муддатҳо шунида шуд.

– Хуллас гуфтанӣ, ки маро танҳо монда рафтанӣ ту? - шухӣ кардан хост Неъмат омехтаи гила.

– Ин ҷо меҳмонхона нест, ки барои зиёдтар истодан иҷоза бошад.

Неъмат чанде хомӯш буд.

– Баъди рафтанат шавҳари ту мемонда бошад, ин ҷо биёӣ, ба хабаргирии ман? - боз шухӣ кардан хост Неъмат ва ё шояд ҷиддӣ мегуфт вай.

Афсона ҳамоно дар андеша буд.

– Аслан кадом мард иҷоза медиҳад занаш рафта бошад назди марди дигар, ҳарчанд бо ту мерафтам баъзан беруни шаҳр… Акнун?… - китф ба ҳам кашид, ки «намедонам».

Муддате хомӯшӣ буд дар миён.

– То ман мебароям яқдигарро боз меёбем ва ба ҳамдигар мерасем, дар миён вақти зиёд мегузарад, - сухани Неъмат буд, ки маълум набуд шухӣ мекунад ва ё ҷиддӣ мегӯяд.

– Одамӣ ба ҳама чизи қисматаш тоб меоварад дар ин зиндагӣ, - бар кадом маъние бошад, ки гуфт Афсона…

– Вале… пеш аз он, ки равӣ, наздиктар шин, сер шавам аз ту, вақте ки илоҷи омаданат, назди ман, шояд кам аст.

– Ман наздик, - норизо нимғурма кард Афсона.

Неъмат наздиктар шудани ҷавонзанро мунтазир нашуда, худаш даст ёзонда, варо тарафаш кашид. Бари чеҳраи ҷавонзанро бӯса зад. Шояд аз ин такон, ё шояд аз он, ки дасти Неъмат китфи куртаро кашида буд, аз чоки дарози гиребони куртаи кушоду хосаи беморхона синаи бардамида ва мармарини Афсона падид омада буд.

Аз дидани ин дили Неъмат гум зад, панҷа андохту синаи ҷавонзанро тарафаш кашидан хост...

* * *

Ҳарду бехабар буданд, ки зану писар ва шавҳару духтарашон меоянд ҷониби беморхона аз нав.

Балки ба бемористон ворид шуда буданд онҳо.

Бехабари ин буданд ду нафар, яъне Неъмату Афсона…

* * *

Ва ана дар роғ шуд.

Шояд беовоз роғ гардида буд ва ё аз боисе, ки Неъмату Афсона ба ҳамдигар овора буданд, инро ҳис накарданд.

Паси остонаи дар истод оне, ки дарро роғ кард.

Шавҳари Афсона буд. Танҳо набуд. Ҳамроҳаш духтарчааш ба назар мерасид. Яқин ба хабаргирии «бемор» омада буданд, ки доштанд дар даст салафанқоғаз, ки дар он метофт мева, бодиринг ва анвои хӯрданӣ.

Вале андаруни палата рӯи кат Неъмат тарафаш кашида, мебӯсид синаи Афсонаро. Ва Афсона гӯё норизо чашмонашро пӯшида буд, аммо Неъматро аз худ дур накарда буд, шояд барои ин нерӯи теладиҳии вуҷудаш алҳол камӣ мекард.

Онҳое, ки паси дар пайдо шуда буданд, ба ин нигариста, на даромада метавонистанд ва на тоб хӯрда рафта.

Ду каси дигар, ки аз долон гузаро буданд, нигоҳашон ҳамчунин тасодуф афтид ба даруни ин палата.

Онҳо низ кебида, суст гашта, нобовар монданд ва нобовар истоданд, ҳанӯз нобовар менигаристанд ба даруни палатаи дараш кушода. Ва ин касони навбатӣ, ки истода ва даруни палатаи дараш роғшуда менигаристанд, яке зани Неъмат-Лоҷуворд буд ва дигар писари вай. Яқин онҳо низ ба айёдати бемори марбути худашон омада буданд, ки дар дасташон метофт халтачаи салафании ғизо ва мева ва бидончаи таъом; ҳарчанд «бемор»– и онҳо дар палатаи худаш неву дар палатаи занаки «бемор» буд...

Хуллас Лочуворд медид, ки чӣ тавр шавҳараш мебӯсад Афсонаро. Ҳамон Афсонае, ки чашмонаш пӯшида буд ва ин шояд нишонае буд, ки он қадар ризо нест аз чизи шуда, вале аз тарафи дигар гӯё қудрат надошт Неъматро аз худ дур фиканда бошаду озод шавад…

…Ва ин то даме идома ёфт, ки Афсона нигоҳҳои дигаронро аз назди дари нимкушода эҳсос намуд ва гӯё ларзида, ба худ омад ва ду дасташро тир карда, Неъматро аз худ дур барафканд. Азбаскӣ вай бо ҳайрату нобоварӣ сӯи дар менигарист, Неъмат низ, ки то ҳозир синаи Афсонаро мебӯсид, аз ин чизеро пай бурда, нигоҳашро овард ҷониби дар.

Ва он ҷо зану шӯ ва фарзандон пайдо шуда буданд ғайри чашмдошти онҳо. Бале Неъмату Афсона умедвор набуданд, ки ҳамин ҳозир пайдо мешаванд унҳо-зани яке ва шавҳари дигаре ва фарзандон…

Чор ҷуфт чашмон менигаристанд ба Неъмату Афсона.

Ва сукунат дар миён буд. Вале чӣ қадар пуршиддат ва тӯфондор буд сукунати ҳозира.

Аз ду нафари андаруни палата хоса ранги Афсона бештар меканд, сурх мешуд, сафед мешуд, яқин вай зиёдтар намехост шавҳарашу духтараш шоҳид шуда бошанд ба чизи ин ҷо рӯйдода.

Дар миён ҳамоно сукунат буд, сукунати ноҳинҷор. Сукунате, ки гӯё тамом намешавад ҳаргиз.

– Гумон карда будам…, - ҷумбиданд лабони яке, - баъди фалокате, ки тасодуф зинда мондед… тавба мекунед аз ин корҳо… - ва инро Ромиш мегуфт, яъне шавҳари Афсона мегуфт. - Аммо шумо… - баъд хомӯш монд, гӯё дигар чизи мегуфтагӣ надошт, ё гуфтан намехост, даме ки ҳамаи ин такрор шуда буд боз.

Афсонаву Неъмат аз бӯсу канор кайҳо монда буданд ва шахшуда меистоданд кайҳо боз.

– Аслан айби худи мо, ки беномусӣ карда, омадем хабаргирии Шумо. Хоса, ки ман бояд намеомадам, агар мард мебудам! - сухани Ромиш буд аз нав, ки яқин ҳастиаш ғулғула мезад. Ҳатто салафани ғизои овардаашро якбора бардошта, ба замин барзад. Бодирингу мева аз даруни салафан парида, перешон шуд. Ҳатто бодиринге парида, ба Неъмат, ки рӯи кат буд, бархӯрд.

Ромиш, ки дасти духтарашро кайҳо раҳо карда буд, тоб хӯрд ва садои дур шудани поймонии вай муддате шунида мешуд.

Вале паси дар ҳанӯз монда буд духтари Ромиш. Менигарист духтарча ба модараш ва хоса ба синаи аз чоки гиребони курта намоёни вай, ки модар яқин дарун кардани онро фаромӯш карда буд аз шахшавии якбораи худ.

Баъд духтарак ба думболи падар нигарист, ки дар охири долони дарозои бемористони азамат мерафт. Балки аз зинапояҳо поён шуд ва он ҷо ниҳоят нопадид гардид.

Духтарак аз он сӯ нигоҳашро барканд, боз овард ҷониби модари худ. Модараш, ки дар кати вай нишаста буд марди бегона. Ва марди бегона, гӯё ҳеҷ чиз нашуда бошад, сӯи духтарак эҳсосе зоҳир кардан мехост, балки он ба табассум шабоҳат дошт дар гирди лабони ин мард. Нигоҳи духтарак боз рафт ҷониби долон, ки он ҷо холӣ ва бекас буд, гӯё дар ин беморхона ҳоло дигар касе нест ва касе пайдо намешавад...

Духтарак аз ҷониби зинапояҳо чашм канда, бори дигар ба модараш ва марди рӯи кат, ки барои вай акнун беибо табассум кардан мехост, нигарист ва гӯё бештар шах мешуд, вале якбора тоб хӯрд ва якбора ҷонибе рафт, ки рафта буд падари худаш. Қадамаш тез мешуд. Дар зинапояҳои гардон духтарак тоб мехӯрду дар баъзе поғундаҳо қариб каллапеч мефитод, вале суръаташро суст намекард, балки давидан мехост. Падари ғайбзада ва панаҳгаштаашро ёфтан мехост ва яқинтараш ба падар расидан мехост ин духтарак.

…Вале паси дари палатаи ошиқон ду нафари дигар монда буданд. Ва ин Лоҷуворд буду писараш, яъне зану фарзанди Неъмат. Ва аз даруни палата канда намешуд нигоҳи онҳо, яъне аз ошиқони муштоқи он ҷо канда намешуд. Лоҷуворд ба ларза меомад, балки ба гиря меомад. Ва якбора гиря кард. Балки канда-канда овоз андохта, гиря кард. Баъд якбора тоб хӯрд. Қадами вай дар долони дарозои бемористон суръат мегирифт. Яъне аз ин ҷо ва аз ин палата дур рафтан мехост Лоҷуворд… Бидончаи дасти вай аз гардиши пуртакон лаппидаву ларзида обу равғани шурбо аз он рӯй зада, бари куртаи атласи варо доғдору тар мекард. Вале Лоҷуворд яқин инро эҳсос карда наметавонист, ки дар ҳолати бехудӣ буд. Қадаму такони вай ва такони бидончаи дасташ афзун мегашт. Лоҷуворд писарашро ҳам мебурд бо чунин шева. Балки модару писар дасти якдигарро дошта, чунин бошитобу осемасар мерафтанд, балки аз ин ҷо гурехтан мехостанд ҳарҷӣ зуд ва баробари ин оби шурбо бари либоси ҳардуи онҳоро зиёдтар тар мекард.

* * *

Ромиш кайҳо аз ин бемористон баромада, ба мошинаш нишаста буд, аммо мотори мошинро ба ҳаракат оварда наметавонист. Матор инҷиқӣ мекард ва барқасди вай ба гардиш омадан намехост. Ромиш бештар телба мешуд, қаҳрашро аз мошин гирифтан мехост ва забонаи педали маторро сахттар пахш мекард, то маторро ба кор оварда бошад ва рафтанаш мавқуф нашавад, ки дигар ин ҷо, дар ин бемористон ва наздики он истодан намехост…

Хоса, ки духтараш давон аз зинапояҳо сӯи вай мефаромад ва аз вай ҳам гурехтан мехост. Духтараш, ки варо, яъне Ромишро оварда буд ин ҷо-ба ин беморхона. Духтари Ромиш, ки зинапояҳои гардонро бо ҳамон саросемагиву шитобзадагӣ, ки гӯё ҳамин лаҳза дар поғундаҳо лағжида мефитад ва ё по ба по печида, каллапеч мезанад, ниҳоят тай намуд ва бо ҳамон шаст аз беморхона берун шуд.

Мошини matораш якбора ба гардиш омада ва суръатгирифта барои он, ки ба духтарак барнахӯрад, Ромиш чамбари фармонро сахт тоб дод ва мошин тоб хӯрда, миёни ду чинор даромад, ки ин ҷо роҳи пеш рафтан ҳам надошт.

Ва мошин аз нав қафо омад, ба роҳ рост шуд ва суръат гирифт ва рафтан хост.

Духтарак худашро сӯи дари он зада буд ва чанг андохта, дастгираки дари мошинро кашид. Мошин дари кушодаи худро ва духтаракро кашола карда, чанде бурд, то даме, ки падар мошинро тормоз дода, боздошт. Ниҳоят падар аз мошин фаромад, панҷаҳои духтарашро аз дастаи дари мошин бо қаҳр ҷудо кард ва таъкид кард:

– Ту бе очаат наметавонӣ? Ҳамту не? Ман бошам наметавонам дигар бо очаи ту! Барои он, ки худат дидӣ ҳамаашро ҳоло!… Ва ман ба хотири ту омада будам ин ҷо!... Набошад!… Хуллас баргаштанат лозим пеши очат! - духтарчаро тела дода, дари мошинро бо зарб пӯшонид ва бо ҳамон шасту зарб паси чамбари рул биншасту мошин бо шасти дигар такон хӯрда, ба ҳаракат омад.

Духтарак аз ин мошине, ки дар роҳи калон суръаташро зиёдтар мекард, балки гӯё ҳамин ҳозир ба ягон чиз бархӯрда, фоҷиа ва садамаи дигар ба миён омаданаш яқин буд, чашм намеканд. Ва мошин миёни мошинҳои дигар печутобзанон ва албонҷхӯрон панаҳ гардид, вале чашми духтарак ҳанӯз аз он ҷониб канда набуд.

«Ту бе очаат наметавонӣ. Ҳамту не? Ман бошам наметавонам дигар бо очаи ту! Баргард пеши очат!»– сухани падар монда буд дар гӯши духтарак. Шояд аз ин боис буд, ки нигоҳи духтарча рафт бошаст ҷониби беморхона.

Паси тирезаи як палата дид модари худро духтарак. Модараш ба чоки гиребонаш андохта буд синаи мармарини худашро ва менигарист ҳоло бо хавотир ҷониби духтараш.

Духтарак менигарист аз гӯшаи роҳи мошингузар акнун ба вай.

Ниҳоят модар аз паси тирезаи кушода даст ҷумбонид, яқин духтарчаро мехонд бечуратона вай ҷониби худаш.

Духтарча боз нигоҳашро овард ба роҳи сермошин, ки мошини падар ғайб зада буд кайҳо миёни унҳо.

Модар аз тирезаи беморхона боз даст гардонд тарафи духтарча.

Шояд духтарча равад ҷониби модараш? Охир падар гуфта буд ку: «Ту бе очаат наметавонӣ, ман бошам наметавонам бо очаи ту! Баргард пеши вай!»

Духтарча ин лаҳза ба мушоҳида гирифт, ки паси тирезаи беморхона паҳлӯи модар пайдо шуд нафари дигар. Пас бармеомад ин марди бегона ҳанӯз монда дар палатаи модари вай.

Марди паҳлӯи модар боз табассум кардан мехост бо тарзи худ барои духтари бари роҳ. Шояд бо лабхандаш мулоим кардан мехост воқеаҳои ин ҷо шударо ин мардак. Бале чунон табассум мекард, ки гӯё ягон чизи ғайриоддие нашуда бошад ва рӯй надода бошад ин ҷо, дар беморхона.

Духтарак нигоҳашро аз онҳо барканду нигарист ҷониби роҳе, ки дар он рафта буд мошини падари худаш.

Баъд ба ҳамин роҳ қадам ниҳод духтарак. Ва мерафт ҷонибе, ки мошини падар рафта буд.

Модар бештар ҳайратзада мешуд паси тирезаи палатаи беморхона, паҳлӯи марди чигасдори дигар.

Духтарак бошад суръат мегирифт. Балки медавид. Медавид миёни роҳ, балки миёни мошинҳои зиёди бо суръат дар равуо. Ва сӯе медавид, ки рафта буд мошини падари худаш ва ғайб зада буд он ҷониб.

Духтарча миёни мошинҳои зиёд нопадид гардид дар охири охир.

Вале бари роҳ мерафтанд ҳамоно ду нафари дигар, балки зану писараке мерафтанд. Балки Лоҷуворд буд ва фарзанди вай. Бидонча дар дасти Лоҷуворд ҳамоно меларзид ва аз он оби шурбо лапида, берун мезад ва бари либоси худи вай ва писарчаашро ҳам тар ва равғанолуд мекард. Аммо инро ҳанӯз ҳис намекарданд онҳо. Зеро инҳо низ ба ғаму изтироби худашон овора буданд.

* * *

Дар паси тирезаи кушодаи бемористон Афсона ҳанӯз монда буд. Балки тулонӣ шах шуда буд, то даме, ки тоб хӯрда тавонист ниҳоят. Тоб хӯрду Неъматро бидид. Ҳамон Неъмате, ки фаромӯш карда будаш чанд муддат.

– Чӣ кори кардагемон буд-а? - сухани Афсона бо изтироб садо дод. Ва пасон ҳатто ҷониби Неъмат даргирифт. - Чаро омадӣ палатаи ман?! Агар намеомадӣ, шояд намешуд ин ҳама-аа?!

– Шудагӣ кор шуд… - Неъмат тамоман ором буд. - Дигар ислоҳ намешавад. Ману ту ҳам ислоҳнашаванда. Хайр… - Неъмат чун одат сабук кардан мехост вазъро.

– Акнун чӣ кор мекунам-аа? - хавотирии Афсона паст наменишаст.

– Воҳима кардӣ-да?… - сухани Неъмат буд.

– Чӣ хел воҳима накунам будааст-а?

– Хайр, меоянд унҳо. Куҷо ҳам мераванд?…

– Чӣ хел меоянд, баъди ҳар чизи ин ҷо шуда?

– Хайр… Як бор, ки дидаву дониста омада буданд, меоянд боз… - суханашро боварие мегирифт, ки гӯё он қадар фоҷиаи ҷиддӣ рӯй надода дар ҳаёти худаш ва дар ҳаёти атрофиён.

– …Шавҳари туро намедонам, - идома дод Неъмат бо ҳамон боварии хоси худаш баъди муддате-духтари туро, намедонам… - Вале зани ман… - баъди лаҳзае боз афзуд: - Зани ман бояд биёяд, писари маро биёрад… Куҷо ҳам мерафт ун занак?.. - лаҳзае андеша кард: - Дар ин шаҳр ғайри хонаи ман дигар сарпаноҳ надорад вай, - боз

таammул намуд: - Хонаи ман бошад моли шахсии ман. Ин маъно дорад, ки ун занак ё ин ҷо меояд ба хабаргирии ман ва ё дар хонадонам мунтазир мешавад маро.

Ва гӯё дар ҳақиқат кори ҷиддӣ нашуда бошад, кадом як бодирингро, ки аз салафанхалатаи партофтаи Ромиш хез зада, ба худи ӯ бархӯрда, пасон рӯи бистар афтода буд гирифт ва газид. Ва «ғарҷ– ғурҷ» хоиданаш ба гӯш мерасид.

Вале Афсона аз андешаҳои пурпечи худаш халосӣ ёфта наметавонист, балки бештар безобита мегардид.

– Агар шавҳарам ба хонааш маро роҳ надиҳад-чӣ? Аа? - ба ғумуми зиёд ғунуда буд Афсона. - Баъд намедонам чӣ мекунам? - дар изироби зиёд буд-Магар, ки иҷорахона кобам барои зиндагии минбаъдаи худам?

– Иҷорахонаа? - мад кашид Неъмат гӯё бозёфте карда бошад-Ин беҳтар будагист! Он гаҳ зарур намешавад бароем беруни шаҳр ману ту, кобем хилватҷо барои ишқварзӣ!

Афсона ба ӯ нигарист.

– Шухӣ хуб, вале на дар ин масъала, на, ки ҳоло!

Андешаҳои пурпеч Афсонаро ҳанӯз раҳо намекарданд ва дар изтироб медоштанд:

– Охир кадом зан намехоҳад хонаву дари худашро дошта бошад? - ба Неъмат нигарист вай. - Дили занҳоро дар масъалаи ишқ мефаҳмӣ, вале дар масъалаҳои дигар сарфаҳм намеравӣ... Хайёле, ки занҳо танҳо аз ишқ иборат, гумони мардона аст ва хатои мардон...

Афсона бо изтироб дар худ фурӯ рафта буд.

*

…Дар берун меистод шаҳристони азамат бо иморатҳои баландқабатаи зиёдаш. Шаҳристоне, ки асрорҳояш дар ҳоли фузун буд бо гузашти ҳар рӯзи зиндагӣ.

Балки ин шаҳр сукут карда буд якбора, балки ба андешаи дигар рафта буд якбора.

* * *

Баъд шаҳристони азамат як шаби дигарро аз сар мегузаронид.

Лоҷуворд бедор буд дар хонадонаш. Менишаст назди писараш.

Писараш ҳам бедор буд, ҳарчанд, ки рӯи кат ёзида буд ин бачаяк.

Баъд бачаякро хоб бурда буд ва Лоҷуворд аз миёни чизҳо боз сурати дупораро дарёфта буд ва ба онҳо менигарист.

* * *

Субҳ дамид дар шаҳристони азамат аз сари нав, чуноне ки солҳо ҳамеша меомад чунин…

Лоҷуворд, ки чашмонаш хаставу бехоб ва сурхина ва андешапеч буд, ниҳоят гӯё ба кадом хулосае омада бошад, салафанхалтаҳое дарёфта ва кадом чизҳоро ба он андохтан гирифт.

Писараш ба кори вай менигарист бо кадом тааҷҷубе.

– Либбосҳоятро пӯш, - ҳарчанд Лоҷуворд ба писараш нигоҳ намекард, вале ҳамин тавр фармуда буд.

Писарак либосҳояшро пӯшида истода, ҳамоно ба кори модар менигарист. Ниҳоят тоқат накарда, суол намуд:

– Боз ба хабаргирии дадам меравем чӣ? - тааҷҷуб дошт писарак яқин.

Модар аз ғундоштану ба салафанқоғаз андохтани баъзе чизҳо бииcтод. Баъди каме андеша ва карахтӣ боз кадом чиҳоро ба салафанқоғази дигар ҳам андохт.

– Нее, - нигоҳаш ниҳоят ҷониби писараш омад-Аз ин хонадон тамоман меравем, - чунин гуфта буд вай.

Писарак нобовар ба модар, ки боз кадом чизи дигар ба салафанқоғаз андохтанӣ буд, назар афканд.

– Ҳа, - афзуд Лоҷуворд оҳиста-Меравем аз ин хонаву дар.

Писарак ҳанӯз аз модар чашм намеканд.

– Меравему дигар барнамегардем, - хулосаи охирашро изҳор карда буд Лоҷуворд. Ва баъди чанде боз афзуд: - Ту розӣ не?...

Бача ҷониби берун, ки борон бошиддат мерехт, оҳиста дида бурд.

Нигоҳи Лочуворд ҳам ҷониби тиреза рафт, ба шаҳри азими зери борон нигарист: агар аз ин хонаву дар бираванд, дар ин шаҳри азим дари дигар ба рӯяшон боз мешуда бошад магар? Инро худи вай намедонист…

– Бо вуҷуди ин меравем… - сухани Лоҷуворд буд аз нав. Ва чанде баъд боз илова кард: - Зеро дар ин хонадон дигар истода наметавонам ман... Ту чӣ?…

Сухани охираш ба писараш дахл дошт.

Писарак, ки ноҷумбон меистод, оҳиста калла ҷумбонд, вале худаш надонист, ба кадом маънӣ калла ҷумбонида буд ҳолиё.

Оби борон дар беруни тиреза рах мекашид ҳамоно.

Лоҷуворд аз он чашм намеканд.

…Бо вуҷуди ин ду халтачаи салафанӣ дар даст, аз бинои азим баромад Лоҷуворд.

Писараш ҳам аз думболи вай қадам мениҳод.

Фақат зери арки бино онҳо лаҳзае истода, ба борони резон дида дӯхта, ниҳоят зери қатраборон шуда, роҳи худро идома доданд.

Баъди чанде писарак якрӯя гашта, ба биное, ки то ин дам зиндагӣ доштанд, бори дигар назар афканд, сипас қадамашро тезонид, ба модараш, ки пештар рафта буд, расид. Баробари вай роҳашро идома ҳамедод. Пасон даст бурда, яке аз салафанхалтаро аз дасти модар баргирифтан хост-ҳарчанд Лоҷуворд онро сахт медошт-вале ҷудо карда, гирифт-яқин ба модараш ёрдам додан мехост бачаяк ин лаҳзаҳо.

…Модару писарак ҳанӯз мерафтанд зери борон ва мерафтанд ва ҳар ҷое истода, ё даромада, кадом чиро мепурсиданд, аз он ҷоҳо ноумед берун мешуданд…

Боз зери тӯри борон роҳи худро идома ҳамедоданд...

* * *

Беморхона.

Афсона дар палатаи худ танҳо буд. Ба тиреза часпида, менигарист берун. Амсоли беруни тиратоби боронӣ ба андеша ғунуда буд андоми Афсона, сараш печидаи хаёлҳо буд...

* * *

Дар шаҳри азим, ки ҳанӯз болояш борон мерехт, мерафтанд Лоҷуворд ва писараш.

Ба кучоҳо даромаданд ва берун шуданд ва боз зери борон ҳамерафтанд унҳо.

* * *

…Инак ба иморати дигар ворид гардида буданд модару писарак.

– Хулласи калом ба шумо иҷорахона лозим-а? - суоли кампири соҳибхона буд.

Лоҷуворд, ки аз мӯяш ва тамоми либосаш об мечакид, ба маънои «ҳаа» калла ҷумбонид.

– Шавҳар дорӣ? - суоли кампир буд аз нав.

Лоҷуворд ин дафъа ҳарф назад, балки калла ҳам ҷумбонда натавонист.

– Мепурсам, ки ғайри ҳардутон боз каси дигар ҳаст ё не? - кампир, ки ин суолро медод модару писари аз борон шип– шилтаро бори дигар аз назар мегузаронид.

Лочуворд бо инкор ду тараф калла чумбонд, балки ин маротиб қатъиву айёнтар буд каллачумбонии вай, яъне «ғайри худаму писарам дигар касе нест бо мо».

– Хайр, рафтем, - кампир ниҳоят ба пеш даромад ва дар долону зинапояҳои ба ошёни дуюм баранда қадам ниҳод ва сухани худро идома дод: - Аҷибашро бинанд-а; пештар дар ин утоқи болохонаи ман ду оила зиндагӣ мекарданд; иборат буданд аз зану шӯҳо. Яъне оилаҳои пурра буданд… Ғалатиаш, ки унҳо баробар кӯчида рафтанду қариб баробар, ду иҷоралталаб омад, ки ҳарду аз нимаоила иборат, яъне аз ту пештар марде омад, ки зан надорад ва духтарчааш бо вай; ту бошӣ шӯ надоштаӣ ва писаракат бо ту... Ғалатӣ ин, албатта!…

Онҳо баромаданд болохона ва вориди долони ун ҷо гардиданд, кампири соҳибхона ин дафъа ба салафанқоғазҳои дасти ҷавонзан ва писари вай нигариста, суол намуд:

– Молу маводатон ҳам ба фикрам ҳамааш ҳамин?

Лочуворд ба маънои иқрор калла чумбонда буд акнун.

– Инаш ҳам ғалатӣ! Марде, ки ҳамроҳи духтарчааш, аз ту пештар омад, иҷорашини ман гашт-ғайри бори ду салафанчаи монанди дасти ту, чизи дигар надорад; гӯё дар тамоми зиндагиаш, мисли ту, ғайри ду салафанқоғаз чизи дигар ҷамъ наовардааст, - баробари ин сӯи даре ишора намуд, ки суханонаш ба он ҷониб мутаалиқ буд, яъне ба иҷоранишини дигари ин ҷо муқумигардида вобаста буд.

Лочуворд сӯе, ки кампири соҳибхона ишора карда буд, яъне ба дари нимроғу нимакушода нигарист, кебид, ҳатто истод, ҳарчанд кампири соҳибхона кадом чиҳои дигар мегуфт ва ба хонаи қисмати муқобили долон даромада буд. Вале Лочуворд гӯё дигар кампирро намешунид, ночумбон монда буд дар ҷойи худаш…

Ва чизе, ки боиси пакариву карахтии Лочуворд гардид, ҳамин буд, ки дар хонаи дараш роғ яке ба назар мерасид, ки дар сурати пора буд, яъне оне буд, ки занаш бо шавҳари худаш ишқварзӣ карда, ба садама гирифтор гардида буд, яъне вай шавҳари он занак буд, яъне Ромиш буд. Балки Ромиш ба назар мерасид ҳамроҳи духтари худаш. Аҷибаш, ки онҳо низ ҳарду саропо тар буданд, балки ҷавонмард аз салафанқоғаз дастмол баровара, мӯю сари аз борон таршудаи духтарчаи худро покиза мекард; бармеомад, онҳо низ чанде пеш ворид гардида будаанд ин ҷо.

– Ана ин хона, - андаруни дари хонаи дигари рӯ ба рӯ мегуфт кампири соҳибхона. - Агар курпа лозим шаванд, ғайри иҷорапулӣ маблағи илова месупорӣ, ман барои туву писарат курпа ҳам ёфта медиҳам.

Лочуворд ба ҷойи ба утоқи ишоракардаи кампир ворид шудан, ҳамоно шах шуда меистод ва басо ҳайратзада буд. Балки менигарист боз ба дари нимроғи хонаи дигар. Хонаи дигар, ки он ҷо буданд Ромишу духтарчаи вай…

Чашми Ромиш ҳам афтод ба Лочуворд ва тоза кардани муву сари духтарчааш аз ёдаш рафт. Охир Ромиш ҳам бовар намекард, ки Лочуворд омада ба ин ҷо ва омада бо писарчаи худ.

Лочуворд низ нобовар меистод аз ин рӯйдод ва аз ин вохӯрии ғайриинтизор.

Пасон Лочуворд тоб хӯрд. Вале сӯи утоқи ишоракардаи кампир, ки бояд иҷорахонаи минбаъдаи вай мешуд неву ҷониби зинапояҳо тоб хӯрд. Муқаддам аз он, ки банди дасти писарашро гирифта, ҷониби зинапояҳо биравад, бори дигар ба дари кушода, ки он ҷо Ромиш метофт, назар афканд.

– Ҳаа? - ҳайрон монд кампир, ки сӯи зинапояҳо рафтани ҷавонзанро ба мушоҳида гирифта буд. Ҷавонзане, ки бо пойи худаш иҷора кофта омада буду аммо акнун мерафт. - Ин ҷо маъқул нашуд-а?—нигоҳи Лочувардро ба хонаи дараш кушода эҳсос намуда, бо тарзи худаш маънӣ бардоштанӣ шуда буд: - Ё маъқул нашуд ин ҷавонмард ба ту? А-а?...

Лочуворд такон хӯрд, вале ҳарф нагуфт.

Кампир боз афзуда буд:

– Оо, ин магар нағз не, ки дар як хона марди муҷаррад бошад паҳлӯи зани муҷаррад? А? Оо, зан ҳам гоҳе зор мешавад ба сухани мард, ба як навозиши мард. Оо, мо ҳам, як вақт, зани ҷавон будему медонем инро...

Аммо Лоҷуворд бо зинапояҳо поён мерафт, дигар намеистод ва дасти писарчаашро аз рӯи одат сахт фишӯрда буд миёни ангуштони худ...

* * *

Баъд зери тӯри борон даромада буданд модару писар ва тани бе ин ҳам тари онҳо бештар тар мегашт.

– Ба хонаи худамон бармегардем? - суоли писарак буд чунин ба модараш баъди муддате.

Лоҷуворд зери тури борон қадамашро тезонд.

– Мо дар ин шаҳр дигар хонаву дар надорем! Хонаву дар надорем, ки моли шахсии мо бошад, - ҷумбида буданд ниҳоят лабони вай.

Лоҷуворд тамоман тарафи дигар тоб хӯрду писарашро ҳам он ҷониб бурд.

Ҳис намекард, ки аз паси тирезаи болохона, ки иҷоранишинони дигар он ҷо монда, яъне нимаоилаи дигар он ҷо монда буданд, менигаранд аз думболи онҳо. Ва ин нигоҳи Ромишу духтарчаи вай буданд.

Лоҷуворду писараш миёни тури борон ғӯтида, панаҳ гардида, дигар ба чашм намерасиданд, вале Ромишу духтарчааш ҳанӯз аз паси тиреза ҷудо намешуданд ва аз ҷониби рафтаи онҳо чашм намекананд...

* * *

Мерафтанд Лоҷуворду писараш ҷониби биноҳои азим, ки ҳамчу қасрҳое метофтанд, ки роҳ доданӣ набуданд касеро андаруни худ ва хосатан дар ин бегоҳи боронӣ.

Нигоҳҳои ба пеш духташудаи Лоҷуворд бештар ҳузнангез метофтанд, чунон, ки нигоҳи Ромиши паси тирезаи иҷорахона ҳамчунин ҳузнангез монда буданд.

Лоҷуворд бо писарчаи худ куҷо мерафт дар шаҳри боронӣ ва пурасрор, маълум набуд, яқинтараш худашон ҳам намедонистанд инро ҳолиё…

* * *

Бонуи дигар, ки Афсона ном дошт аз беморхона баромада буд.

Ва аз автобусе, ки дар кадом як истгоҳ истод, фаромад ва бар бинои баландошён наздик рафтан гирифт. Бо ҳайрат менигарист ба ин бино. Охир биное буд, ки пештар мезист ин ҷо худи Афсона бо оилаву духтарчаи худ.

Афсона муддате муттаҳайир истод. Шавҳараш ин ҷо бошад магар? Омадани варо қабул медорад ва ё меронад аз даргоҳаш барои ҳар чизе, ки шуд ва карда буд вай бо Неъмат?

Афсона биистод чунин ҳайратзада, муқаддам аз он, ки сӯйи бино қадам ниҳад аз сари нав.

Яке аз ҳамсояҳо, ки аз паҳлӯяш мегузашт, якёна шуда, ба вай назар афканд, яқинтараш ба думболи вай дида андохт. Ва ин нафар чарминапӯш буд, ки чанде пеш модарашро ба хок супорида буд.

Ва Афсона ба бино ворид гардид.

Ба дари утоқе наздик рафт. Дари ҳуҷрае буд, ки чанд сол ин ҷо зиндагӣ ба сар бурда буд Афсона бо шавҳари худ ва духтарчаи худаш.

Чанде биистод назди дар Афсона.

Баъд дарро тела дод.

Кушода нашуд ин дар.

Дастгираки дарро пахш кард. Кушода нашуд аз нав ин дар.

Тугмачаи зангро пахш кард. Баъд тақ-тақ кард. Натиҷа набуд.

Чанде беилоҷ истод, гӯё чӣ кор карданашро намедонист акнун. Вале ногаҳ ба ёдаш гӯё чизе расида бошад, даст ба чуби болои дар бурд. Аз он ҷо чизе дарёфт намуд баногаҳ, нобовар ба он назар дӯхт: калиди дар буд. Афсона чунон ҳайратзадаву нобовар истод, ки ҳатто кадом ҳисҳои ногаҳонии аҷиб пайдо мешуд гирди лабонаш, гум мешуд, боз падид меомад.

Афсона бо ҳаяҷону нобоварие, ки бастаи он гардида буд, калидро ба қулфи дар андохт, оҳиста тоб дод. Гирдаи қулф тоб хӯрд ва дар кушода шуд. Ҳаяҷону нобоварии Афсона зиёдтар шуда буд. Паси остона меистод ҳанӯз вай. Баъд ворид гардид ба ин хонадон.

Хонаҳо бекасу сокит буданд, ҳарчанд ҳама чиз дар ҷойи собиқаи худ меистод. Вале дар ҷамеи хонаҳо пайдо набуд ягон нафаре.

Афсона ниҳоят, дар яке аз хуҷраҳои хона нобовар ва беҳол ба диван фурӯ нишаст.

Нишасту ногаҳ чашмаш биафтод ба навиштаҷоти болои курсичаи пеши диван:

*«Дадам, дар ин хонадон дигар истода наметавонад. «Баъди ҳар чизи шуда, ин ҷо истодани ман душвор» мегӯяд…7*

*Бе дадам, бошад, ин ҷо истодани ман ҳам душвор, оча...»*

Маълум буд навиштааст инро духтарчаи худи Афсона.

Ва Афсона ҳанӯз нобовар ва беҳол менигарист ба навиштаҷоти қоғазе, ки акнун ба дасташ гирифта буд:

*«Дадам, дар ин хонадон дигар истода наметавонад… Бе дадам бошад, ин ҷо истодани ман ҳам душвор, оча…»*

Афсона беҳолтар шуда, балки карахт гардида буд, балки чуқуртар ғӯтида буд ба диване, ки менишаст ҳоло.

* * *

Дар берун мерехт борон. Балки осмон гиря мекард ҳамоно, ҳамоно.

* * *

Афсона ҷое телефон мекард.

– Ин хонаву дарро… гумон мекунам шавҳарам… ба ман монда рафтааст... - пичиррос мезад ва ҳанӯз навиштаҷоти духтарчааш дар дастони пурҳаяҷонаш меларзид.

– Ҳоо, - мад кашид овозе, ки яқин овози ҷавонмарди дар бемористон мондае буд, яқинтараш овози Неъмат буд. - Ҳооо… Шавҳари ту… Шавҳари ту, бешак, бекалла буд ва бе калла монд, - яъне боз шухӣ кардан мехост Неъмат ва ё нимшухиву нимҷиддӣ мегуфт: - Барои ҳамин шуда, ҳама чизи варо дигарон соҳиб шуда мегарданд...

– Ҳоло вақти шухӣ аст магар? - аз изтироб фаромада наметавонист Афсона.

– Зиндагӣ худаш аз шухиву ҳазлу фиреб ва ишқу хиёнат иборат… - боз кадом мисрае ба ёдаш расида буд: - «Ва дигар ҳеҷ, дигар ҳеҷ, дигар ҳеҷ»– ва инро гуё замзама кардан мехост Неъмат бо кадом оҳанге.

Ва баъд афзуда буд:

– Ба ҳар ҳол туро табрик мекунам бо ин ғалаба. Ғалабаи оламшумуле! Бо ман, ки будӣ, бо ман монанд шудӣ дар охир! Зеро ман одат дорам ҳама чиро ҳал карда тавониста бошам мудом ба фоидаи худам! - баъд афзуда буд: - Ана акнун беруни шаҳр рафта, барои ишқварзӣ хилватҷо кофта намегардем, ҷонамона дар азоб намемонем- зеро худи шавҳарат барои мо хилваткадаи дигар мондааст, ки он бехатар ва тамоман орому роҳатбахшо! Урраа-эъ!...

– Аз ҳазилҳои зилзиловарат намондӣ-да ту ягон бор!…

Баъде, ки Афсона гӯшаки телефонро дар ҷояш монда буд, ба диван нишаст. Бинщасту якбора, аз чӣ бошад, гиря кард. Баробари гиряаш навиштаҷоти духтарчааш

дар дасташ меларзид: *«Дадам, дигар дар ин хонадон истода наметавонад. Мегӯяд, ки «баъди ҳар чизи шуда ин ҷо истоданаш душвор»… Бе дадам бошад, ин ҷо истодани ман ҳам душвор, оча...»*

Чарминапӯши ҳамсоя, ки яқин аз кӯчае баргашта омада буд, аз дари кушодамонда ва пӯшиданашро фаромӯшкардаи Афсона ба дарун, ба зане, ки ларзон гиря мекард назар андохта буд, вале ҳарфе гуфта наметавонист…

Афсона бештар ва канда-канда гиря мекард…

* * *

Ромиш ва духтарчааш дар иҷорахонаи худ ғарқи андешаҳои худ нишаста буданд ва ҳарду ба андешаи якдигар халал расонидан намехостанд.

* * *

…Рӯзе расида буд, ки Неъмат ҳам акнун аз бемористон баромада буд, ҳарчанд, ҳанӯз бо асобағалаш такя карда, қадам мениҳод.

…Ва ниҳоят ба хонаи худаш расид, аз кисааш калид баровард, дарро кушод, он ҷо ворид гардид.

Аммо касеро пайдо накард ин ҷо.

Неъмат, ки дар фароғаткурсӣ биншаст, асояшро дар як тарафи он бимонд. Пасон ба мизи пешорӯ, аз чӣ бошад, ки ангушт кашид. Миёни чанг рахи кашидае хувайдо монд: бармеомад, дар ин хонадон хело боз касе набудааст. Неъмат, ки маълум буд, ба чунин гарду чанги хонадон одат накардааст, қиёфааш бурма зад.

Баъди чанде андешаманд нишастан, ниҳоят Неъмат, телефонро тарафи худ кашид, рақамҳое барчид.

– Зани ман ҳам рафтааст, - ангушташ ба курсичаи гардпахшкарда боз рахи дигар кашида буд-Ҳамроҳи шавҳари ту нарафта бошад-а? - хаёле баногаҳ расида буд ба сари Неъмат. - Маслиҳат карда, ҳамроҳ рафтанашон ҳам аз эҳтимол дур нест-а... - бармеомад, ки ҳарф мезанад чунин бо Афсона.

* * *

Аммо ҳамроҳи шавҳари Афсона, яъне ҳамроҳи Ромиш набуд зани Неъмат, яъне Лоҷуворд.

* * *

…Балки иҷорахонаи дигар дарёфта буд Лоҷуворд, ки ҳамроҳи писараш чирку чарб ва гардҳои онро тоза карда, ин ҷоро ба тартибу сомон ва озодагӣ кашидан мехост.

Писарак, ки аз даруни салафанқоғазҳои тар чизҳоро баровардаа, ба ҷевони тозакардаи модар андохтан ва ба модар ёрдам доданӣ мешуд, миёни чизҳо ногаҳ ду пораи аз ҳам ҷудо ва алоҳида гузошташудаи суратро бидид. Бидиду берун кашидаш. Сурати сенафарон буд, ки ду тақсим гардида; як тарафаш модари худаш буд бо падари худ, дар пораи дигар ҷавонмарди дигар, яқинтараш ҳамоне буд, ки дар иҷорахонаи дигар ҳамроҳи духтари худ монда, яъне пораи аз сурати асосӣ ҷудошуда сурати Ромиш буд. Магар пештар-дар ҷавониҳошон якдигарро мешинохтанд ин се нафар-модараш, падараш ва Ромиш, ки чунин якҷо сурат гирифтаанд, ки моломоли дӯстии ҷавонӣ метобад? - шояд дар ҳамин бораҳо андеша меронд писарак ҳолиё.

Модари бача инро пай набурда буд, ки ба ҷумбуҷӯл ва фикрҳои печидаи худаш баста буд.

Писарак бошад аз пораҳои сурат чашм канда, ба модараш нигарист.

– Оча, - ниҳоят ҷумбиданд лабони писарак: - дар иҷорахонаи дигар чаро наистодем-а?

– Дар кадомаш? - модар сар набардошта, хайёлолуд ҷавоб гардонид, ки банди корҳои худаш буд.

– Ҳамоне, ки мардак буд бо духтараш...

Нигоҳи Лоҷувард, ки аз кору бор ва андешаи худаш канда шуд, омад ба ҷониби писарак.

– Ин ҷо магар бад аст? - савол дод Лоҷувард ҳамчунин. - Ба тартиб дарорем, аз иҷорахонаи дигар хубтар мешудагист...

Писарак чанде андешаманд истод, ҳанӯз ба пораҳои сурати дасташ чашм медӯхт, хосатан аз порасурати Ромиш нигоҳашро барканда наметавонист.

– Гумон мекунам, ту... аз ун иҷорахона не… балки аз ин мардак… - як забон хоид ва афзуд: - …аз ин мардак гурехтӣ, оча...

Модар кебид, ба писараш назар овард аз сари нав.

– Гурехтиву аммо сураташро овардӣ, ин ҷо... - иловаи писарак буд.

Нигоҳи Лоҷувард ниҳоят ба сурати дасти писараш афтод. Чанде шах шуда буд. Пасон дасташ пеш омад: пораҳои суратро аз дасти писараш гирифт. Гӯё кадом чиҳо гуфтан мехост ҳоло Лоҷувард, аммо чизе гуфта наметавонист. Ба сурати ҷавонмард, ки аз сурати ӯву шавҳараш ҷудо карда шуда буд, нигаристу руфтан ва тамизу тартиб кардани иҷорахона аз ёдаш рафт... Балки пурра аз ёдаш рафта буд руфтану тамизу тартиб кардани иҷорахона.

* * *

…Баъд шабона, вақте ки Лоҷувард писари хаставу намкашидаи худро хобонида буд ва болояш курпае кашида буд, аз куҷое пораҳои суратро худаш дарёфта, ба онҳо назар андохт. Ва ба андешаи амиқтар рафта буд акнун Лоҷувард.

Ва бо дастоне, ки ларзаашро фурӯ нишондан мехосту наметавонист, ду пораи суратро боз ба ҳам наздик оварданӣ мешуд вай...

* * *

Шароққоси суратгирак шунида шуд ва ин се нафар аз сурат ба шакли зинда бадал ёфта, ба ҳаракат омаданд.

– Ҳаа, дӯстии мо сенафарон бояд абадӣ бошад, - сухани Неъмат буд.

Ҳама ҷавонтар буданд ун айём; Неъмат, Лоҷуворд, Ромиш, балки донишҷӯ буданд ин се нафар дар ун замон.

– Ҳаа, дӯстии мо сенафарон бояд то рӯзе бошад, ки ҳастем рӯи замин! - сухани Неъмат буд аз нав.

– Албатта, - тасдиқ кардан хост ҷавондухтар Лоҷуворд, вале аз чӣ бошад китфашро аз китфи Неъмат, ки ба вай наздик овардан мехост, дур гирифт. Балки бурд наздик ба китфи ҷавони дигар, яъне Ромиш, ки дар паҳлӯи дигараш меистод. - Дӯстии мо... - аз чӣ бошад пичиррос зад Лоҷувард ҳам.

Китфрасонии ин ду нафарро-Лоҷуварду Ромишро эҳсос карда буд, албатта, Неъмат ва дар қаъри чашмони вай кадом андешае ба гардишу печиш омаданд.

Аммо он ду нафар-Лоҷувард ва Ромиш ба ҳам банд буданд, Неъматро фаромӯш мекарданд, балки фаромӯш карда буданд кайҳо.

Шароққаси суратгирак омаду онҳоро акс кунонид чунин.

Баъд ин ду нафар— Ромишу Лоҷувард пичир-пичиркунон ва миёни ҳам хандазанон аз Неъмат дур ҳамерафтанд, балки дур рафта буданд кайҳо ва миёни донишҷӯён ғуттида буданд унҳо.

Ромишу Лоҷувард пичир-пичиркунон ва миёни ҳам хандазанон дур рафта буданду Неъмати танҳомонда, ки аз думболи онҳо чашм намеканд, авзояш дигар гардида, дар қаъри чашмонаш андешаҳо бештар гардиш мехӯрданд. Хоса аз духтараки дуршаванда

ва пайкари аҷибу дилнишин ва моломоли ҷавонии вай чашм намеканд Неъмат. Ва ин духтарак, албатта, Лоҷувард буд.

* * *

Паҳлӯи ҳам ва мамнун буданд Лоҷуварду Ромиш ҳангоми дарс;

ва чунин мамнун буданд даме, ки дар китобхонаи донишгоҳ дарс тайёр мекарданд якҷоя.

Онҳо чашмони Неъматро, ки гоҳ наззораашон мекард, кам эҳсос менамуданд, балки умуман эҳсос намекарданд.

* * *

Баъд чизи дигар ҳам буд:

– Ман туро интизор мешавам, - сухани Ромиш буд.

– Меоям… - сухани Лоҷувард буд.

– Ман назди гулхона интизорат мешавам, - дукони гулро дар назар дошта гуфта буд Ромиш. - Аз намоиши театр дер намонем. Охир он ҷо спектакли «Ошиқон, э, ошиқон». Чӣ хел тамошо накардан мумкин инро-а: «ошиқон, э ошиқон»!

Ҳарду табассум карданд бо тарзи хоса ва андаке бо шарм.

– То оғози намоиш ҳоло аз як соат зиёд вақт ҳаст, - сухани Лоҷувард буд. - Ман меоям. Безобита нашав.

Ҳарду—Лоҷувард ва Ромиш боз лабханд заданд ва дар хобгоҳ духтарак ба ошёни дигар, ки утоқи зисташ буд ва Ромиш ба ошёнаи дигар, ки утоқи зисташ буд, равона гардиданд.

Лоҷуварди танҳомонда ҳис накард нигоҳҳои думболагири Неъматро аз нав. Нигоҳи мудом думболагир.

Лоҷувард ба ҳуҷраи зисти худаш ворид гардид ва либоси беҳтарашро пӯшида, худашро назди оина зеби дигар додан мехост барои ба театр рафтан.

Бехабар буд, ки Неъмат ҷониби утоқи вай меояд.

Неъмат аввал дари аз думболи духтарак пӯшидаро хост тақ-тақ кунад. Вале, аз чӣ бошад, бе тақ-тақ тела доду вориди он гардид.

– Неъмат? - ҳайрон бимонд Лоҷувард-Ту?

– Боз кӣ мебуд? Умедвор набудӣ?

– Аз омаданат, пешакӣ, хабар медодӣ, хуб буд-аз рӯи одоб.

– Ромиш хабар надода омадан мегирад-уу… - чунин гуфта буд Неъмат: - Ва ҳар дӯст ба манзили дӯсти дигараш бояд бе тақ-тақ дарояд.

Лоҷувард ҷавоб доданро шояд нолоиқ донист, ки ин маротиб лаб накушод.

– Гуфта будӣ, ки дӯстии мо сенафарон ҷовидона... - сухани Неъмат буд аз нав, ки аз саропои духтарак чашм намеканд.

– …Ҳамин хел суханҳо низ буданд… - баъди андешае тасдиқ кард Лоҷувард ва банди хайёлҳо барои худаш аз чойник ба стакони шишагӣ чойи хунук рехт.

Неъмат ба сурати сенафарони танаи девор чашм андохт: худаш буд ва Лоҷувард ва Ромиш. Ва ба Ромиш гӯё часпида буд Лоҷувард.

– Пас чӣ қадар, ки Ромиш ба ту, - Неъмат сӯи сурат ишора кард, - ҳуқуқ дорад, пас ман ҳам...

Лоҷувард боз нобовар ба Неъмат назар андохта буд.

– ...Муносибати ману Ромиш масъалаи дигар, - ниҳоят ба сухан омад Лоҷувард, ки ба хайёли амиқтар рафта буд. - Ту агар дӯсти мо бошӣ, инро бояд фаҳмӣ…

– Чӣ хел масъалаи дигар, ҳамааш як масъала— масъалаи муносибат бо ту.

– …Чизе, ки байни ману Ромиш ҳаст… - баъди хомӯшие, зӯр зада, ба забон овард боз Лоҷувард, - чизи дигар аст… Вай аз дӯстӣ ҳам… аз дӯстӣ зиёдтар…

– Ва он чизе, ки байни вай ва ту бошад, чаро набошад байни мо?

Лоҷуворд бо ҳайрат ба Неъмат менигарист:

– Чиҳо мегӯӣ ту-а? Худат бояд донӣ, ки… Баъзе чизҳое мешаванд, ки… Аз рӯи хости дил… ун чиҳо…

– Аммо бояд донӣ: Ромиш чӣ қадаре ба ту ҳуқуқ дорад, ман низ… - Лоҷувардро тарафаш кашидан хост Неъмат.

Духтарак танашро ва рӯяшро яктарафа бурд; аз Неъмат дур бурдан хост.

Неъмат ба сурати танаи девор, ки сенафарон якҷоя буданд, аз нав ишора намуд:

– Агар мо сенафарони ҷудонашаванда бошем, пас… Пас ба ҳама чиз якхела ҳаққу ҳуқуқ дорем. Ҳамту не? Ба муҳаббат ҳам…

– Муҳаббат… - Лоҷуворд лаҳзае андеша мекард. - Муҳаббат ба ду нафар дахл дорад, сеюмиро дар он, ҳамеша, «зиёдатӣ» номидаанд...

– Ин хелашро қабул карда наметавонам ман. Охир ман ҳам ҳуқуқ дорам ё не?… - Лоҷувардро буса карданӣ шуд Неъмат.

– Ту чӣ кор карда истодӣ-а? - безобита гардид Лочуворд.

– Чизе, ки мебинӣ, - якбора ба духтарак часпид Неъмат, ҳатто Лоҷувардро рӯи кат афтонд.

– Чӣ кор карда истодӣ-а?! Девона!

– Бале девонаи ту шудаам кайҳо. Чаро намефаҳмӣ инро, аққалан як бор?

– Ман каси дигарро фаҳмидан мехоҳам. Мефаҳмӣ инро худи ту?… - нидои Лоҷуворд буд.

– Не, намешавад, вақте ки мо се нафар дӯст бошему...

– Безор кардӣ бо «сенафарон»– у, «сенафаронат»! Охир баъзе чизҳо ҳаст, ки дахл дорад фақат ба ду нафар!

Духтарак Лоҷуворд бештар муқобилият мекард.

Неъмат бошад варо сахттар пахш карда, бӯсиданӣ мешуд…

– Ман фарёд мекунам…. Даъват мекунам… Ромиша ин ҷо, ба сарат-ҳатто овоз баланд кард: - Ро-ми-иш!!!

Неъмат, ки як лаҳза суст шуда буд, ҷавондухтар ду дасташро рӯи пештанаи вай тир карда, варо тавонист аз болои худаш тела дода, дур афканда бошад.

Балки ҳарду аз кат афтода буданд ҳолиё рӯйи фарш.

Лоҷуворд, ки бо ҷадала хеста буд, Неъматро, ки хестан мехост, шаппотие фароворд, ҳарчанд аз ин зарба худаш ҳам гӯё як қад парид… Ва дасташ дар осмон муаллақ монд; маълум мешуд, дар умри сараш касеро боре шаппотӣ назада буда то ҳоло…

…Назди дукони гулфурушӣ, ки пешаш сабадҳои гул, бо тарзи зебо чидагӣ буд, Ромиш, ки ҳамчунин либоси зебо ба бар карда буд, мунтазирӣ мекашид. Балки муғчагуле харида буд аллакай аз гулфурӯши ин ҷо барои Лоҷуворд. Ба соат ҳам менигаристу пасу пеш қадам мениҳод. «Лоҷуворд куҷо шуд-а, чаро вақти ваъдагӣ намеояд-а?»– яқин чунин маънӣ дошт изтироби Ромиш ҳолиё.

– Дер кардӣ-а? - Лоҷувардро ниҳоят дида, пурсид вай.

Лоҷуворд сурху сафед мегардид ҳанӯз ҳам.

– Хайр… зиндагӣ… - забон хоид Лоҷуворд. - Чунон гардишҳое доштааст ин зиндагӣ, ки…

– Кадом гардиш?… - нафаҳмид Ромиш изтироби ҳозираи духтаракро. - Шояд мадад лозим барои кушодани ин гиреҳ?

Лоҷуворд гӯё кадом чиро гуфтан мехост, вале гӯё ун ҳамаро чизи гузаранда пиндошта буд, ки даст афшонд:

– Хайр… гузашт… - ва зӯр зада, афзуд: - Рафтем, акнун…

Гулфурӯши дукон аз думболи ин ду навҷавони навошиқ менигарист бо завқи хоса. Менигарист, ки чӣ хел Лоҷуворд муғчагули ба вай дарозкардаи Ромишро ниҳоят гирифт ва кадом ғубори номуайянеро, ки дар андом дошт ва дар миён пайдо буд,

оҳиста дур афканд ва қиёфааш боз мутассил меҳрубонӣ ва лабханди ширину хосаи навҷавонӣ ва навошиқӣ пайдо мекард ҳолиё.

Аммо Неъмат нохуш буд, ки аз канорае ҳамаи инро ба мушоҳида мегирифт.

Неъмат бештар фаҳмида буд, ки ҳарчӣ дили худаш хоҳад, акнун, нахоҳад шудан…

Магар нахоҳад шудан дигар?

…Баъд Лоҷуворд ва Ромиш дар театр паҳлӯи ҳам буданд, якҷоя аз намоиши дроми «Э, ошиқон, э ошиқон» ба шавқ меомаданд.

Онҳо мамнун буданд паҳлӯи ҳамдигар.

* * *

Неъмат бошад танҳо менишаст дар ҳуҷраи хобгоҳ ва сахт ба андешаи худ печида буд. Гӯё Ромишу Лоҷувардро, мамнунии онҳоро аз наздик мушоҳида мекард, ё дар тасаввур медид ва авзояш тағир мехӯрд. Баробари ин ба кадом қарори дигар меомад мутассил вай. «Гумон кардед, ғолибтаред ҳардуи шумо аз ман ва ҳарчӣ хоҳед, мекунед бе ман? - овози ботинии Неъмат буд, албатта. - Наход-е?!…»

* * *

…Ромиши болида ва Лоҷуварди рӯҳгирифта бехабари ин ҳама аз театр мебаромаданд. Ва дар кӯчаҳо қадам мениҳоданд мамнун, ба мошине наншаста буданд, ки ба хобгоҳ зудтар расонад унҳоро. Балки ҷое шитоб надоштанд ҳарду, балки паҳлӯи ҳамдигар зиёдтар ва зиёдтар қадам ниҳодан мехостанд ва паҳлӯи ҳам зиёдтар будан мехостанд дар кӯчаҳои шабонаи шаҳристони азамат...

Паҳлӯи ҳам мерафтанд чунин тулонӣ ва мерафтанд паҳлӯи ҳам онҳо.

*

Чун ба хобгоҳ расиданд, аз миён чанд соати дигар даргузашта буд. Ромиш ҳоло Лоҷувардро то дами дараш оварда буд.

Ва рӯ ба рӯи ҳам истоданд онҳо дами дар ва гӯё нафаси ҳамдигарро эҳсос мекарданд бештар ва ё мекофтанд нафаси ҳамдигарро ва рӯяшон ба ҳам наздик меомад…

Вале кадом шарфаи по ва ё овози дигар ба гӯш расиду ба ин халал расонид.

Чун овоз гум шуд, онҳо-Ромишу Лоҷуворд боз ба ҳамдигар нигаристанд ва акнун лабҳои онҳо мекофт лаби ҳамдигарро. Шояд мерасид ин лабҳо ба ҳамдигар ин маротиба.

Вале кадом шарфа, ё овози дигар омад, ки боз халал расонд ба ҳамаи ин.

Онҳо мехостанду вале боз овози по, ё шарфае...

– Шаби хуш… - ниҳоят гӯё дигар илоҷ наёфта, овоз баровард Лоҷуворд.

– …Ба ту ҳам… - дилкашол монд Ромиш, ки ноилоҷ гуфта буд чунин.

Бо вуҷуди ин дилкашолии ниҳон рӯ ба рӯи ҳам медошт онҳоро ҳанӯз ҳам.

Вале кадом шарфаи по шуд ва ё овози дигар такрор омад аз долони дарозо…

Дигар ҳаминаш монда буд, ки духтарак ворид шавад ва Ромиш монад дар берун, паси дари ҳуҷра.

Бо вуҷуди ин Лоҷуворд дилкашол монда буд ба ҷавонмард Ромиш, ки шояд барои ҳамин пушти дари пӯшондаи худаш пахш кард тани пурэҳсоси ба ҷавонӣ ва нерӯ моломолашро. Лоҷуворд ҳоло канда-канда нафас мегирифт аз эҳсосу ғаллаёни ҷавонӣ.

Ромиш ҳанӯз ин ҷо истода буд. Шояд мехост ба ҳуҷраи Лоҷуворд ворид шавад. Аммо боз кадом шарфа буд ва кадом овозе дар толори дарози хобгоҳ, ки такрор гардид.

Ромиш акнун эб надид дари ҳуҷраи духтаракро тела дода кушояду ба ҳуҷраи вай ворид гардад… «Шояд ин аз рӯи одоб ҳам набошаду…»

Ромиш бо нигоҳ ба дари Лоҷуворд ва барои духтарак пичиррос зад:

– Хоби хуш… - тоб хӯрд, ки биравад.

* * *

Баъди рафтани вай толор муддатҳо хомӯшу пурсукут монд. Пасон аз ҳамон кунҷи торики долони дарозо, ки то ин дам шарфа ва овозҳо аз он ҷо мерӯида, Неъмат падид омад, ба рушноӣ баромад.

Неъмат дар долон муддате истод, пасон оҳиста ба дари Лоҷуворд наздик шуд, онро тела дод. Дар аз дарун маҳкам гардида буд.

Тарсасе баромад, гӯё боз шаппотие зада бошанд бари рӯи Неъмат, ки ноайён такон хӯрд.

Аммо тасаввураш буду дар асл овоз аз афтидани кадом чизе аз рӯи миз ва ё кати Лоҷуворд рӯи фарш сар зада буд.

Лоҷуворд хам гардида, чизи афтодаро, яқинтараш оинача ва шонаро бардошта, болои миз гузошт. Баъд либосҳояшро кашидан гирифт барои ворид шудан ба ҷойгаҳ. Ва тани булурини нозанинаш, ки тани фариштаҳо барин буд, намоён гардид.

Дар қаъри чашмони Неъмат, ки аз калиддаро инро медид, кадом хайёлҳо гардиш хӯрданд, кадом эҳсоси зиёд ҳамчунин.

Лоҷуворд пеш аз он, ки ба ҷойгаҳ дарояд, ба муғчагули ҳадякардаи Ромиш нигарист, табуссуми нарм гирди лабонаш дамид, гулро ба банкаи обдор гузошт ва маҳз ба он тарафи сурати сенафарон наздик бурд, ки худаш буду Ромиш ва баъдан ба ҷойгаҳаш ворид гардид.

Калиддаро, ки Неъмат ба он менигарист, тира шуд: зеро Лоҷуворд чароғро кушта буд.

Паси дар Неъмат боз каме хайёлманд истод, баъд қафо баргашт, вай ҳам ҷониби ҳуҷраи худаш рафт.

Ва паси мизи ҳуҷрааш хайёлманд биншаст тулонӣ Неъмат.

…Ва чун ақрабаки соати гӯшаи миз ду соати дигарро тай зада ва хуфтан кайҳо гузашта буд, Неъмат, ки кадом калидҳо ба даст гирифта буд, руймолчаро бо моеи шишачае тар кард, ба киса гузошт.

Вай боз пайдо гардида буд паси дари ҳуҷраи духтарак, дар долони дарози тамоман холимондаи бекаси хобгоҳи донишҷӯӣ.

Ва паси дари ҳуҷраи Лоҷуворд чанде андешаманд истод, пасон аз киссааш калидҳо баровард, санҷиданӣ шуд, ки бо кадоми ин дарро кушода метавон?

Баъд кушода тавониста буд дарро Неъмат.

Лоҷуворд хоб буд, партави зарҳалини маҳтоби рӯ ба рӯи тиреза ба чеҳрааш расида ҳувайдо мекард дар он умедворие ва хушбахтии ниҳони ҳастии духтаронаро. Мисли муғчагули навшукуфта метофт Лоҷуворд, ҳамон муғчагул, ки рӯи миз, андаруни банкаи обдор меистод қариби сурати сенафарон. Балки муғчагул дар он тарафе меистод, ки Лоҷуворд ва Ромиш дар сурат гӯё часпида буданд ба ҳам. Ва шояд Ромишро хоб медид ва ё дар хобаш ба вай сӯҳбат дошт ҳанӯз Лоҷуворд.

Неъмат тарафи духтараки хобида хам гардид. Лабашро ба лаби шукуфтаи Лоҷуворд наздик бурд ва ҳатто ба он оҳиста расонид…

Духтарак оҳиста чашм кушод. Баъд гуё аз кадом чизе тарсида бошад бо шаст дар гӯшаи кат тани нимурёнашро лунда кард.

– Эъ?! Дарро маҳкам накарда будаму?…

– Ҳама қулф барои кушодан аст, - овози Неъмат буд бо пичирроси тамоман ором. - Албатта, барои онҳое, ки кушода метавонанд, - афзуда буд ҳатто вай.

– Ман дод мезанам! Ҳамаро ба сарат меорам... - духтарак гӯё илоҷи дигар наёфта буд, ки чунин гуфт.

– Ромишро ҳам меорӣ ба сари ман? - саволи Неъмат буд.

– Набошад чӣ? - овоз баланд кард Лоҷуворд: - Ро-ми-иш! Ро-ми-иш-ее!

Неъмат лаҳзае гаранг монд.

– Ро-ми-иш-ее!!!

Кадом чизе ба хотири Неъмат расиду осемасар аз киссааш рӯймолча бароварда ва ба димоғи духтарак пахш кард.

Лоҷуворд гаранг шуда, беҳол гардид, дастонаш суст шуда, оҳиста ба ду тараф фаромаданд.

Неъмат боз ба сурате нигарист, ки Лоҷуворду Ромиш гӯё ба ҳам часпида буда, муғчагул ҳам ба онҳо такя зада буд ва партави маҳтоби паси тиреза ба онҳо мерасид.

«Гумон кардед, аз ман ғолибтаред ҳардуи шумо ва бе ман ҳарчӣ хоҳед, мекунед? Вале… Ҳоло пурра нашнохтаед, маро шумоён!»– Неъмат пеши бари духтаракро бикшод. Гӯё чоки гиребони субҳ буд он ҷо: покиза буд, беғубор буд, синаҳои мармарини сермушаки суфтаи таранге метофт он ҷо…

«Ман ҳамеша ҳама чиро, ки хоҳам, кӯшиш мекунам, гирифта бошам. Бо кадом роҳе набошад, гирифта бошам» – Неъмат миёни зонувони духтарак, ки худ урён карда буд, ворид шуд.

Ва аз зарби миёни ронҳош духтараки беҳушшуда, яъне Лоҷуворд такон хӯрд...

Такон такрор шуд ва такрор шуд…

* * *

…Лоҷуворд даме ба худ омада буд, ки дар рахти хобаш танҳо монда буд. Сафедии рӯзи нав медамид. Духтарак пеши барашро урёну синаҳояшро намоён дарёфта буд. Дар куртааш ва хоса миёни сонҳош чизи сурх метофт, яқинтараш он ҷо хун буд.

Духтарак якбора овози ба нидо ва ё эҳсоси номутаносиб монанд бароварда, ба ларза ва такон омад. Тамоми ҳастии вай гиря мекард ҳолиё.

Ногаҳон паси пардаи ашкҳояш дар гӯшаи ҳуҷраи худаш Неъматро бидид, ки нишаста ва аз стакан чой менӯшад баҳазӯр.

– Фарёд бароварданиӣ ту? - тамоман оромона гуфт Неъмат, ки аз Лоҷуворд чашм намеканд. - Мардумро ба мадад даъват карданиӣ? Ромишро ҳам? Аа? Фарёд кун-е. Ромишатро ҳам биёр ин ҷо!… Аа? Ин акнун ба фоидаи ту мешавад магар?

…Фарёд дар гулӯи Лоҷуворд дармонда буд… Охир дигарон варо ба ин аҳвол бинанд агар… Ба ин аҳволе, ки ҳоло ҳаст, бинанд-агар…

Тамоми ҳастии Лоҷуворд меларзид.

* * *

Донишҷӯён, ки аз хобгоҳ мебаромаданд, гузашта мерафтанд, яъне барои ба дарс расидан шитоб доштанд.

Ромиш назди дукони гул қарор гирифта, як дона муғчагул хариду мунтазир истод. Албатта мунтазири Лоҷуворд буд. Лоҷуворде, ки дина шаб тулонӣ ҳамроҳаш буд дар театр ва пасон дар кӯчаҳои шаҳристон.

Аз хобгоҳи холишаванда донишҷӯён торафт кам мебаромаданд, баъд дигар касе намонда буд он ҷо, шояд ҳама баромада рафта буданд ҷониби дарсхонаҳо.

…Аммо Лоҷуворд аз хобгоҳ набаромада буд.

Ромиш хавотир шуд, ҳарчанд ба дарс шитобидан лозим буд, вале вай қафо баргашт-ҷониби бинои хобгоҳ рафт.

Дар дасташ буд ҳамоно муғчагули харида.

Сӯи ҳуҷраи Лоҷуворд мерафт Ромиш.

Ба паси дари ҳуҷраи духтарак расида, онро тақ-тақ кард.

*

Лоҷуворд ба кати хобаш бештар фишор хӯрда буд аз шунидани овози тақ-тақи дар.

– Лоҷуворд, - овози Ромиш буд.

Духтарак ба кати хобаш бештар фишор хӯрд.

Аммо Неъмат, гӯё хуҷраи хоби худаш бошад, баҳазӯр хесту бепарво дарро кушод.

Ба Неъмати нимурёни андаруни хуҷраи Лоҷуворд нобовар нигарист Ромиш. Бештар ба ҳайрат омада буд акнун вай.

– Ту ин ҷо чӣ кор мекунӣ-а? - аз кадом чиз хавотир шуда, пурсид Ромиш аз Неъмат.

– Ин ҷо чӣ мекунаму чӣ не, иҷозаи туро намегирам.

Хавотирии Ромиш, ки аз ҳад гузашта буд, ниҳоят Неъматро тела доду ба дарун ворид гашт.

Лоҷуворд дар гӯшаи каташ бештар ба худ печида, пахш хӯрд ва кадом овози номафҳӯм баровард.

Ромиш ба Лоҷуворд менигарист.

Неъмат бошад менигарист ҷониби Ромиш.

– Хайр, ин дафъа даромадӣ, майлат, - чунин гуфт Неъмат барои Ромиш ҳоло. - Лекин… баъди ҳамин… ту дигар ҳуқуқ надорӣ ба ҳуҷраи Лоҷуворд ворид гаштан? Медонӣ барои чӣ? Барои он, ки вай минбаъд ба каси дигар дахл дорад. Яъне ба ман...

Нимурён буд ҳанӯз Лоҷуворд. Либосҳояш хунолуд, хоса шалвораш. Дар лабу рухсораш ҷо-ҷо нишонаи макидану хоидану газидан эҳсос мегардид.

Ромиш нобовар менигарист ба духтараки чунин гардида.

Лоҷуворд бештар ба худ лунда зада, гиря мекард ларзида.

– Не, ӯ саломат, - сухани Неъмат буд, ки нигоҳи пурҳайрати Ромишро ба Лоҷуворд ба мушоҳида мегирифт. - Ва хуни ягон узваш нарехта.. Ҳаа… ғайри хуни… номусаш… Ва ин хуни нангу номусашро бахшида вай ба ман-Неъмат суханашро ба охир расонида буд.

Лоҷуворд сахттар гиря кард ва аз дарду ноилоҷӣ ва ҳайратзадагӣ фиғон кашидан мехост.

Ромиш якбора ба такон омад ва дастони муштгаштааш бар Неъмат бархӯрд. Бархӯрд бо зарби ниҳоят гарон.

Неъмати сахт таконхӯрда хуни лабонашро тоза намуд.

– Акнун аз ин чӣ фоида-а? - ба ҷойи мушти ҷавобӣ задан гуфт Неъмат. Ва афзуд: - Миёни қавми мо бонуе, ки номусашро марде соҳиб шуда, марди баномуси дигар намегирад. Миёни қавми шумо чӣ, ҷаноби Ромиш? Аа?…

Муғчагуле, ки ҳанӯз дар як дасти Ромиш буд, балки чанд ҷояш шикаста буд, ба фарш афтод. Муғчагул фитода буд рӯи либоси хунолудаи Лоҷуворд.

Ва кадом чиз гуфтан мехост Лоҷуворд, аммо аз дарду алами зиёд наметавонист. Наметавонист аз он, ки чизи даҳшатнок рӯй додаву онро ислоҳ кардан мумкин нест, яъне бокира, яъне номуси духтариашро каси дигар рабуда, на оне, ки дӯсташ дошта буд...

Ромиш нигоҳи пуризтиробу пурғазабашро ба Неъмат оварда буд боз.

– Ман туро мекушам, зинда намемонам! - кафида буд Ромиш ба сари Неъмат.

– Вале бо ин нангу номуси ин духтаракро баргардонида оварда метавонӣ магар? А? Нангу номусе, ки ман соҳиб шудаам... - ва боз афзуда буд. - Аз ин, ки ман бо вай хобидам дар қадаш фарзанд ҳам пайдо шуданаш аз эҳтимол дур не? Пас ту танҳо Лоҷувардро не, балки фарзанди маро ҳам қабул карда метавонӣ?… Аа?… Марҳамат агар тавонӣ!…

Ромиш бештар беҳол шуда буд ҳоло.

* * *

– Вақтҳои охир муғчагул намехарӣ-а? - пурсид гулфурӯши дукони гул, ки аз Ромиш чашм намеканд.

…Ромиш ҷавоб нагардонд ва чашмаш рафт ҷониби Лоҷуворд. Лоҷуворде, ки баромада буд аз хобгоҳ. Ба пеши бари бардамидаи вай назар андохт Ромиш. Лоҷуворд, ки ба хайёлу ғумуми худ банд буд, шояд аз ин боис Ромишро надид ва нигоҳи варо эҳсос накард. Ва ё Ромиш худашро ба тарафе гирифта буд, ки Лоҷуворд набинад варо?

Гулфуруш ҳанӯз мунтазир буд, ки Ромиш гуле мехарад барои Лоҷуворд.

Аммо ба ҷойи вай Неъмат пайдо шуду аз думболи Лоҷуворд рафт ва ба ҷавондухтар наздик шудан гирифт.

– Ҳол он, ки ту метавонистӣ гуле хариву биравӣ аз думболи вай, - гуфт гулфурӯш барои Ромиш. - Шояд духтарак ун ҷавона неву гули бурдаи туро қабул мекард-а…

Ромиш, ки аз думболи Лоҷуворд ҳамоно чашм намеканд, ниҳоят лабонаш ҷумбид:

– …Дер шуд… Ҳаа… Фарзанди шиками вай ҳама чиро ҳал кардааст. Акнун чӣ метавонам кард, ки он фарзанд аз ман нест… Шояд, акнун ҳуқуқи маънавӣ ҳам надорам, ки… - Ромиш хомӯш монда буд, балки пакар гардида буд. Маълум набуд ин суханҳоро ба гулфурӯш гуфта буд ва ё барои худаш гуфта буд.

* * *

Баъд духтарак Лоҷуворд боз дар хобгоҳи донишҷӯӣ карахт менишаст.

Неъмат, ки даромада буд, инро ҳис намуд.

Лоҷуворд ҳанӯз ба андешаи пурпечи худаш гирифтор буд.

– Чӣ ин қадар фикр карда, худатро азоб медиҳӣ-а? - сухани Неъмат буд.

Косахонаи фурунишастаи чашмони духтарак пур аз об гардид.

– Акнун хоҳӣ-нахоҳӣ фарзанди қадат аз ман. Вобастаи ин акнун бояд дахл дошта бошӣ ту ба падари фарзанди худат-афзуд: - Ҳар ҷинси латиф дер ва ё зуд майл мекунад ба падари фарзанди худаш.

Пардаҳои оби чашмони Лоҷуворд қатра шуда, ба рухсораш чакид…

– Яъне умедат ҳанӯз ба Ромиш-а? Ҳҳмм. Уй, кадом ҷавон духтаре, ки номусашро ҷавони дигар соҳиб шуда, ба занӣ хоста? Хоса аз рӯи русуми диёри худамон. Хоса бо фарзанди бардамидаи шикамаш?...

Ромиш чунин давом медоду Лоҷуворд овоз андохта, гиря мекард, балки бо овози гиряаш пахш кардан мехост гуфтори Неъматро, ки бас кунад суханҳои худашро вай.

– Яъне барои ин-барои шахси сеюм гиря мекунӣ ту? А? - расми танаи деворро ишора кард Неъмат, ки паҳлӯи Лоҷуворд ва худаш буд сурати Ромиш низ. Балки дар як сурат буданд се нафар. - Вале ман ӯро кайҳо буридаам аз ин сегона. Фақат дар ин сурат монда, ки... ҳозир... - чанг зада, суратро аз танаи девор канду шахси сеюмиро аз он дарронда, ҷудо намуд.

«Шахси сеюм» аз сегона ҷудо шуда, ба замин афтод ҳамчун пораи дигар. Вай Ромиш буд, балки расми Ромиш буд.

Лоҷуворд овоз андохта, баландтар гиря кард.

Аммо акнун чӣ метавонист кардан алайҳи ҳар чизе, ки шуда ва рӯй дода буд?

Ва як пора сурати аз сегона ҷудо рӯи гилем мехобид. Мехобид бо нигоҳи пурумеде. Вале барои ӯ дигар чӣ умед монда буд, яъне чӣ умед монда буд барои Ромиш ҳолиё? Барои Лоҷуворд чӣ?

– Ту акнун хоҳӣ-нахоҳӣ зани ман шудӣ, инро худат медонӣ бо вуҷуди нахостанат, бовар накарданат... - ин сухан азони Неъмат буд. - Фарзанди шикамат ҳам гувоҳи ин.

Як пора сурати аз сегона ҷудо рӯи гилем мехобид. Мехобид бо нигоҳи пурумед. Балки болои он қатраи обе чакид, яъне чакид болои Ромиши дар сурат аксёфта. Шояд ин ҳам қатраи ашки чашмони Лоҷуворд буд?...

* * *

…Ва дар дасти Лоҷуворд ҳоло ҳамин сурати «сегона»– и аз ҳам ҷудо меистод. Аммо ин акнун дар хобгоҳи донишҷӯйӣ ва ё дар хонадони Неъмат набуд, балки буд ин дар иҷорахонаи навёфтаи худаш. Иҷорахонае, ки Лоҷуворд бо писараш баъди ҷустуҷӯи зиёд ва баъди зери борон монданҳо ва чанд рӯз овора шуданҳо дар ниҳояти ниҳоят дарёфт намуда, ин ҷо маскан гирифта буданд, яқинтараш ин ҷо барои худ маскан дуруст кардан хоста буданд онҳо. Зеро аз воқеаҳои собиқа, ки ба порасуратҳои аз ҳам ҷудокарда дахл дошт, аз байн гузашта буданд солҳо, балки солиёни зиёд.

Ҳаа, аз байн гузашта буд солҳо аз хонадории маҷбурии Лоҷуворд бо Неъмат…

Ва боз чанд рӯзаке гузашта буд аз рафтани Лоҷуворд аз хонаи Неъмат.

…Лоҷуворд паҳлӯи писари коҳидааш, ки вай аз воқеаҳои пурпечи айёми навҷавонӣ рӯида буд ва ҳоло дар ин иҷорахонаи канораи шаҳр беҳол мехобид, беҳол нишаст. Ва аз андешаҳои пурпечи худаш ҳанӯз баромада наметавонист Лоҷуворд.

* * *

Неъмат дар хонадони худаш танҳо менишаст ва рӯи мизи паҳлӯяш чанги бештар нишаста буд.

* * *

Дар хонадони дигар, ки як вақтҳо Ромишу духтарчааш зиндагӣ ба сар мебурданд, ҳоло фақат як узви оила монда буд, яъне Афсона монда буд. Ва аз шавҳару духтари рафтааш фақат мактубе монда буд барои Афсона: *«…Дадам, дар ин хонадон дигар истода наметавонад. Мегӯяд, ки «баъди ҳар чизи шуда, ин ҷо истоданам душвор». Бе дадам, бошад ин ҷо, истодани ман ҳам душвор, оча...»*

Зани Ромиш, яъне Афсона назди тирезаи хона карахт монда, берун менигарист. Менигарист ба шаҳри азими паҳно. Сахт андешаманд метофт вақтҳои охир. Дилгиршуда метофт ва нигоҳаш андӯҳе дошт, ҳарчанд дар сурати танаи девор табассум мекард сони собиқа.

Бехабар буд, ки дараш нимроғ аст ва аз он чашми ҳамсояҳои ин сӯ ва он сӯ мегузаштаи долон ба вай мефитад ва яке аз роҳгузарон қадамашро суст карда меистад.

– Вақтҳои охир аксари вақт пӯшидани дарро фаромӯш мекунед аз думболи худатон.

Ин овоз чунон ногаҳон буд, ки Афсонаи назди тирезаро гӯё тарсонид. Якрӯя гашта, ҳамсоямард-чарминапӯшро дид.

– Ҳаа, мефаҳмам танҳогиро ман ҳам, - аз остона гуфт марди ҳамсоя. - Баъди марги очаи раҳматиам танҳогиро бештар ҳис кардам… Душвор будааст ин чиз, ҳамсоя…

Афсона кадом эҳсосе зоҳир кардан хост гирди лабонаш барои ғамшарикии марди ҳамсоя. Ё шояд барои он, ки дар ин сину сол мардаки ҳамсоя танҳогиро нав эҳсос кардааст...

Аммо худи Афсона ҳам гӯё танҳо буд дар хонаҳои калони холӣ. Гӯё селе бурда буд ҳама чиро аз ин ҷо, ки чунин холӣ метофт ба чашми Афсона…

Ҳатто шаҳр низ гӯё холӣ метофт ба назари вай.

* * *

Афсона баъд дар хонаи Неъмат буд.

Ва ҳарду ёзида буданд рӯи бистари хонаи Неъмат.

Вале Неъмат ҳис мекард, Афсонаро кадом хайёлҳое банд медорад ҳанӯз.

– Пойҳом... - нимғурма кард Неъмат. - Ҳамин, ки поҳом пурра соз шуданд, меравам ман ҳам ба суроғат... ки ба қадри ту ҳам расидан лозим, - ва вазъро сабук кардан хост. - Акнун бехавотир ҳам рафтан мумкин, ки шавҳарат нест дар ун хонадон, - боз шухӣ кардан мехост вай.

Афсона ҳанӯз ғарқи андешаҳо буд ва дилгир метофт.

– Ман зиқ мешавам беҳад вақтҳои охир, - лаб кушод Афсона як вақт, ки аз банди хайёлҳои худ халосӣ ёфта наметавонист.

Неъмат аз бӯса кардани вай бозистод.

– Ҳаа, шояд барои он, ки… Барои он, ки ту ба навозиш ва оғӯши ду мард баробар одат карда будӣ; оғӯши ман ва шавҳарат. Акнун, ки як ман мондаам…

– Намедонам… - оҳ кашид Афсона. - Гумон мекунам сабаб дар чизи дигар ҳам бошад.

– Яъне…

– …Намедонам… - Афсона гиря кард.

Гиря мекард зери тани ҷавонмарде, ки бо вай аз сари ҷар парида буданд дар як шаби ишқварзӣ, дар гузаштаҳои на он қадар дур.

– ...Гуфтам-ку, шояд шавҳаратро ёд ҳам карда бошӣ? - боз шухӣ намудан хост Неъмат.

– Шавҳарам?... - гӯё барои худ савол дод Афсона, ки чашмону рухсораш тар буд. - Шавҳарам?… Ҳаа… - гӯё ҷавобе дарёфта буд акнун Афсона: - Вай мардаки бад набуд. Инро акнун… фаҳмидам...

– Шояд варо аз нав дӯст дошта бошӣ-а? Шучеката дар назар дорам!…

– Намедонам… - боз оҳ кашид Афсона. Ва баъдан афзуд: - Охир вай он қадар пурбардорӣ мекард нисбати ман, ки...

– Вале ҳамин пурбардориҳош буд, ки аз ҳама чиз маҳрум монд... Аввал аз Лоҷуворд-зани ман... Баъдан аз зани қонунии худаш... - ба Афсонаи оғӯши худаш ишора кард ва хост ханда занад. Вале маълум набуд, вай шухӣ мекунад ва ё таъна мезанад Ромишро дар ғоибаш бо ин тарзу усул.

Боз ду қатра ашк, аз чӣ бошад, ба рухсори Афсона чакида буд.

Аммо Неъмат гӯё инро ҳис накард.

* * *

Бозори меваи Шарқ. Ва чӣ меваҳои хушрангу дилрабое ҳаст дар ин ҷо. Гӯё гӯшаи биҳишт бошад бозори ин гӯшаи дунё, фақат фарқаш ҳамин, ки дар биҳишт меваҳо хариду фурӯш нашаванду ин ҷо хариду фуруш шаванд. Меваҳоро бо иштиёқи зиёд харидорӣ мекарданд мардум. Ва аз назди як растаи меваҳо мерафтанд назди растаи дигари пур аз мева иштиёқмандони лазизиҳои шарқӣ.

Миёни мардуми бозор, миёни фурушгору харидорон метофтанд Лоҷуворд ва писари вай. Ва онҳо харидорӣ мекарданд аз меваҳо. Яқин барои писараш мехарид маваҳоро Лоҷуворд, ки аввал ба писараш нишон медод ва чун вай хуш кунад, пасон хариданӣ мешуд. Писарак чашида медид меваро, бармеомад, аз тамъи он лаззат мебарад; аз дурахши чашмонаш, аз андомаш ин айён мешуд. Ба писарак нигариста, Лоҷуворд ташвишу печишҳои гузаштаи оламро гӯё фаромӯш кардан мехост ин ҳангом.

Писарак дар назди растаи меваҳо як вақт ба кадом касе бархӯрд,.

Аслан ба ҳам бархӯрдани тани инсон дар чунин ҷойҳои серодам чизи муқаррар ба шумор равад. Вале ба ин писарак бархурда буд духтараке… Ва писарак бо ҳайрат менигарист ба ин духтарак. Ва духтарак ҳам бо ҳайрат менигарист ба вай…

Падари духтарак, яъне Ромиш ба мевахарӣ машғул буду инро эҳсос накарда буд. Ва амсоли духтараш хушҳол метофт ҳолиё Ромиш.

Писарак менигарист ҳамчунин ба ин мард-ба Ромиш, ки сурати ҷавонии варо модари худаш оварда буд ба иҷорахона. Ва аз тамоми зиндагии собиқа ҳамин суратро оварда буд ба иҷорахонаи нав модари писарак, яъне Лочуворд…

Духтари Ромиш бошад менигарист ба писарак ва модари вай– ба Лоҷуворд. Ва Лоҷуворд ҳамон ҷавонзане буд, ки варо дар бемористон дида буд бо писараш ва пасон дида буд назди иҷорахонаи нави худашон, ки ҷавонзан он ҷо наистода, рафта буд.

Духтарак гӯё бовар намекард, ғайри беморхонаву иҷорахона дар ҷойи дигар ҳам вохӯрдан мумкин буда бо ин ҷавонзан ва писараш ҳамчунин…

Писарак ҳам яқин бовар намекард, ки дар ҷойи дигар ҳам вохӯрдан мумкин буда бо ин духтарак ва хоса дар ин бозор.

Ва ин вохӯрӣ дар бозор, чунон ногаҳонӣ буд, ки писаракро ҳам шах намуд. Модари писарак Лоҷувардро ҳамчунин.

Падари духтарак, яъне Ромиш ҳам духтари шахшудамондаашро ҳис карда, сӯе нигарист, ки вай менигарад. Ва дид писаракро ва модари вай– Лоҷувардро.

Ромиш ҳам шах шуда буд паҳлӯи духтараш ҳолиё.

Чор ҷисми аз ҳаракат монда ва карахт менигаристанд ба ҳамдигар дар ин бозори азамат, бозори пур аз мева, бозори пур аз нагҳат, бозори пур аз одам, бозори пур аз ҳаракат.

Писари Лоҷуворд менигарист хоса ба ҷавонмард Ромиш, ки дар сурати бо худ овардаи модараш буд, вале модар аз чӣ бошад аз иҷорахонае, ки ин ҷавонмард дар як утоқи он маскан гирифта буд, рафта буд.

Ҳоло низ баъди чанде шахшавӣ модари писарак-Лоҷуворд, аз чӣ бошад дасти писарашро гирифту аз ин ҷо дур гашт, гӯё мевахарӣ ҳам аз ёдаш рафта буд.

Мевахарии Ромишу духтараш низ гӯё аз ёдашон рафта буд, ки миёни бозори пур аз мева, пур аз одам, пур аз ҳаракат монда буданд беҳаракат, монда буданд андешапеч, монда буданд ҳайратзада...

Лоҷуворд бошад, ки кафи дасти писарашро ба кафаш гирифта буд аз бозор ҳамоно дур ҳамерафт…

* * *

Баъд…

Шаб кайҳо ба ҳукмронӣ гузашта буд ва оламро ва одамро ба оғӯши хоб кашида буд.

Вале Лоҷувардро хоб намебурд.

Хоб намебурд дар иҷорахонаи батартибу ба низому сомон кашидаи худаш.

Хобаш намебурд ҳарчанд бурда буд хоби писараш гӯиё.

Дар дасти Лоҷуворд буд боз сурати дупора: Ромиш ҷудо, худаш бо Неъмат якҷоя монда...

Кадом як чиз роҳи нафаси Лоҷуворди ба хайёл рафтаро танг мекард, балки мебаст, ки зӯр зада, аз рӯи ҷойгаҳ хестан мехост ва ниҳоят хест ва рафт ҷониби равзана ва бо дастони беҳол як паллаи равзанаро тела дода бикшод, ҳавои берунро канда-канда ва талвосаомез нафас гирифта, фурӯ бурдан мехост. Сари синааш номураттаб пасту боло мерафт.

– Чӣ шуд, очаа? - маълум буд писараш ҳанӯз бедор бошад, на, ки хоб, чунон ки модар пиндошта буд.

– Ҳеҷ чиз… - зӯр зада, чанде баъд афзудан мехост Лоҷуворд: - Ту хоб рав...

– Хоб меравам, оча, вақте ки ту ҳам хоб рафта бошӣ…. - гуфт писарак чунин баъди хело.

Ҳарду ҳанӯз назди тиреза ҳавои берунаро канда-канда, чуқур-чуқур нафас мегирифтанд, ҳанӯз пуризтиробу нооором буданд.

Писарак дар хонаи чароғаш кушта, вале аз партави чароғҳои берун, ё ширмаҳтоб нимарушан медид пораҳои сурати дасти модарашро. Шояд модараш пинҳон кардани онҳоро аз писараш фаромӯш карда буд ин маротиб ва ҳанӯз медошт онҳоро дар дастони пурҳаяҷон...

* * *

Рӯзи дигар писарак танҳо монда буд дар иҷорахона. Аз ҷевони иҷорахона, аз даруни салафанқоғаз кадом чиро мекофт. Ниҳоят дарёфт, ки ду пораи ҷудошудаи сурат

буданд. Писарак ба онҳо тулонӣ назар афканд. Падару модараш ҷудо буданд аз ҷавонмарди дигар-аз Ромиш. Писарак аз ин пораҳо ҳанӯз чашм канда наметавонист. Ба ёдаш меомад, ки модараш чӣ тавр ба ин пораҳо, ки дар дасти ларзонаш буд, ин шаб назди тиреза омада, нафастанг мешуд… Модараш шояд барои он ноорому пуризроб буд, ки сурат пораву ҷудо шуда. Писарак ҳам менигарист ҳоло ба ин пораҳои ҷудои сурат.

Баъд писарак аз куҷое шилм ва қоғази сафед дарёфта буд.

Пасон зӯр зада, порасуратҳоро ба ҳам пайваст карданӣ мешуд бо шилму қоғази дар паси сурат молидаву монда.

Дар ҳақиқат суратҳоро ба ҳам пайваст кард ва баъди ин гӯё кори ҷиддиро анҷом дода бошад, нафаси сабук кашид ва араќи пайдошудаи пешонаашро бо паси даст фиреҷ кард, баъд пораҳои якшудаи суратро гашта дар ҷояш ниҳод, яъне миёни чизҳои салафанқоғази мансуби модараш монд сурати бутуншударо вай.

* * *

Модар шаб ин чизҳоро кушод ва онро дид-ду пораи часпондаи суратро дид.

Нигоҳаш омад оҳиста ҷониби писараш.

Писараш хоб буд гӯё.

– Агар зиндагиро ва тақдири одамонро бо шилм (килей) ба ҳам часпонида мешуд, чӣ қадар… осон буд… Аммо афсус, ин дунё чунон шахшули муракаб аст, ки шилм пораҳои онро пайваст карда натавонад…

Писараш чашм кушод, яқин боз бедор буд бачаяк.

Модар пораҳои бо шилм часпондаи суратро ҷудо кард.

…Вале пораҳои ҷудокардаи суратро бори нахуст аз ҳам ҷудо-ҷудо неву балки якҷо монда буд, андаруни як салафанқоғаз монд онҳоро вай.

Писараш, ки аз кори ӯ чашм намеканд, ба андешаи амиқ рафта буд.

Модар ҳам назди ҷевон ба хайёлҳои худаш фурурафта монда буд…

* * *

Афсона аз думболаш пайдо шудани якеро эҳсос накард. Якеро, ки ба вай менигарист боз.

Ва буд ин марди ҳамсоя, яъне «чарминапӯш», ҳарчанд чармина надошт акнун дар танаш...

– Хавосатон ҳанӯз чунон парешон, ки пӯшонидани дари кушодаи худатонро фаромӯш мекунед...

– Ба кӣ акнун лозим ин хонаю даре, ки… - сухани Афсона буд оҳиста.

– …Мефаҳмам ҳолати шуморо ман. Ба Шумо ҳам осон не, акнун…

– Чанде хомӯш буд марди ҳамсоя. - Ҳамсӯҳбате лозим, ба Шумо, албатта, барои аз ин ҳолат баромадан...

Афсона маълум набуд, барои ҳамсоямард табассум кардан хост ва ё аз кадом андешаи дигари ботинӣ гирди лабонаш кадом чизе падид омад.

– Малол нашудед, ки ман аз думболатон ба хонаатон даромадаам?

Афсона барои чӣ бошад эътироз накард, шояд дар ҳақиқат ба вай ҳамсӯҳбат лозим буд дар ин лаҳза ва ин ҳолате, ки дошт чанд вақти охир.

– Аслан хавосам парешон шудааст, баъде ки… - Афсона хомӯш монда буд.

– …Баъде, ки шавҳаратон рафту ин хонаву дарро монд барои Шумо… - сухани марди ҳамсоя буд чунин.

Афсона оҳ кашид.

– Шавҳари Шумо… Аслан одамони пурбардор ҳамин хел хислат доранд: мебардоранд, мебардоранд, баъд яку якбора қаҳр мекунанд, аз бахри ҳама чиз

мебароянд. Ин хел одамҳо як бор, ки қаҳр карда рафтанд баъд баргаштанашон душвор, - боз сухани марди ҳамсоя буд.

Ва боз хомӯшӣ фитода буд дар миён.

– Баъди марги модарам ва баъди гӯру чуби вай ҳис кардам, ки… ҳар инсон фикри ошиқиҳои лаҳзагиро не, фикри ойиладории мудомро карданаш лозим. Аз ишқҳои лаҳзагӣ одамон… он чизҳое дидаанд, ки диданашон лозим набуд шояд…

Нигоҳи Афсона омада буд ба марди ҳамсоя. Ба марде, ки ҳоло тамоман наздики вай меистод…

– Ҳаа, ишқ бояд ба ойиладорӣ кашида тавонад. Он гаҳ ба чунин ишқ бовар кардан мумкин… Ин ҳамаро низ баъди марги модарам ҳис кардам... Вале чаро ин қадар дер, ба ростӣ, намедонам… Пештар ҳатто шуморо ин хел ҳис намекардам, ки ҳоло ҳис мекунам. Аҷиб!… - боз ба Афсона нигарист ва афзуд: - Азоби Шумо низ аз ҳамин, ки аз ишқи лаҳзагӣ фиреб хӯрдаед…

* * *

– Акнун, ки шавҳари ман рафт, зани ту ҳам рафт… - чунин мегуфт Афсонаи ғарқи хайёл барои Неъмат. Зеро дар хонаи Неъмат буд боз ва дар рахти хоби вай ёзида буд.

– …Акнун, ки шавҳари ман рафт… зани ту ҳам рафт… - такрор кард Афсона. - шояд онҳо дигар наоянд. Яқинтараш дигар намеоянд… - чанде хомӯш монда буд: - Шояд акнун… Шояд акнун ману ту дар фикри дигар шуда бошем-а…

Неъмат ба Афсона тарзе нигарист, ки дар кадом фикр бояд шудан?

– Шояд дар фикри он бошем, ки чӣ хел ойила бино кунем… - зӯр зада, боз илова кард. - …Охир ин метавонад болои шармандагии шударо пӯшонад… ҷойи холишударо пур созад… барои ману ту... - Афсона хомӯш монд.

Неъмат нобовар менигарист ба Афсона: яқин чунин чизро умедвор набуд ҳоло аз вай.

– Ин занҳо ҳама чиро, анҷом додан мехоҳанд мудом ба оиладорӣ-а? - боз ба шухӣ кашидан хост ин ҳолатро Неъмат.

– Зеро ҳар ҷинс, бо вуҷуди ҳама чизҳои гузаранда ягон чизи ҳамешагӣ ва баэътимод доштан мехостааст дар ин дунё. Хоса, ки зан. Ва зан чизи баэътимодро аз ойиладорӣ мекофтааст, аз чӣ бошад, ки… Фаҳмидам инро, акнун...

Неъмат ҳанӯз ҳайрон буд, ҳарчанд, инро ошкор кардан намехост.

– Ту бо зане, ки то ин вақт шӯдор буд, ойиладор шуданӣ нестӣ-а? - якбора пурсид Афсона, ки рост ба Неъмат менигарист.

Неъмат фаҳмид: «занаки шудида» гуфта, Афсона худашро дар назар дорад.

Афсона боз афзуда буд:

– Балки тамоман навашро, ҳатто очаш набусидагиро интихоб карданиӣ барои ойиладории оянда?… Ҳамту не?… Яъне ҳарчанд занҳои дигарро истифода мебарӣ, вале дилат намекашад барои оиладорӣ бо чунин занҳо, ки худат ба васлу висол кашидаӣ то ин вақт?..

– Ту фолбин барин шудаӣ-а? Дилҳои дигарро хондан мехоҳӣ-а?… Ин мӯъҷиза-а!… - боз ба кадом шухие кашидан мехост Неъмат.

– Аммо ту…

– Гуфтам-ку, авлиё шудаӣ акнун! Балки файласуф...

– Зиндагӣ ва печутоби зиндагӣ одама чиҳое намекардааст!… - Афсона оҳе кашид. Ва баъд афзуд: - Хонема холӣ, онро бе шавҳару духтарам дида, якбора ба чунин андешаҳое рафтам, ки… чунон ҳисҳо ба дилам роҳ ёфт, ки…

Афсона сукут намуд. Балки ба андешаҳои ботинаш бештар печида ва ғӯтида буд дар бистари Неъмат. Бори аввал Неъматро баробари ҳис кардан гӯё ҳис намекард, дар ҳоле, ки Неъмат дар бараш буд чун собиқ…

* * *

Писари Лоҷувард аз ҷевони иҷорахона, аз даруни салафанқоғаз боз мекофт кадом чиро. Ва онҳоро ниҳоят дарёфт: боз ду пораи ҷудокардаи сурат буд. Ба пораҳо тулонӣ нигарист писарак. Падару модараш боз ҷудо буданд аз ҷавонмарди дигар-аз Ромиш. Писарак аз ин ду пора чашм наканда, тулонӣ ба андеша рафт. Баъд аз куҷое боз шилм ва варақчаи сафед дарёфта баровард. Ва зӯр зада, порасуратҳоро пайваст карданӣ шуд аз сари нав.

– «Агар пораҳои зиндагӣ ва қисматҳоро бо шилм часпонда мешуданд… Аммо афсус, ки…»– овози модарашро шунид бача. Аммо худи модараш набуд, балки овози варо шунида буд аз хотири худаш ҳоло.

Писарак ҳамоно ба сурати часпонидаи худаш назар медӯхт.

– Аз ҷудо будан, якҷо будан зеботар… Ҳарчанд бо шилм часпонда шуда бошад ҳам, - хулосаи писарак чунин буд, ки барои худаш мегуфт…

Ва гӯё кори ҷиддиро анҷом дода бошад, нафаси сабук кашид ва пораҳои якшудаи суратро гашта дар ҷояш монд-дар миёни чизҳои салафанқоғази мансуби очааш монда буд сурати пайвасткардаи худашро писарак.

* * *

Афсона бошад боз дар хонаи худаш буд ва танҳову зиқмонда метофт.

Ва тулонӣ ғарқи андешаҳои худаш пасу пеш қадам мезад андаруни хона, баъд ғарқи чунин андешаҳо боз назди тирезаҳо истод.

Ва ба роҳи мошингард тулонӣ назар афканд.

Ногаҳ ба ёдаш овард, ки духтарчааш чӣ хел дар роҳи мошингард мегурехт, балки медавид миёни мошини зиёд, ки онҳо ба вай бархӯрданашон аз эҳтимол дур набуд.

Афсона баъди чанде дар поён буд, дар бари роҳи мошингард. Аммо духтарашро он ҷо наёфт ва надид: хаёлҳояш барҳам хӯрда буданд, албатта.

Вале ба хонадонаш барнагашт Афсона.

…Ва баъди хайёлҳое ба кадом ҷонибе роҳашро идома дод, ҳарчанд парешон метофт амсоли мӯи парешони бетартибаш.

Баъд ба мактаби ибтидоии духтарона расида буд.

Миёни духтарчаҳои зиёд мегашт.

Духтарчааш варо дида буд, ҳарчанд худи Афсона надида буд духтарчаашро ҳанӯз.

Духтараш миёни духтарчаҳои зиёд пинҳон шудан мехост.

Афсона ҳам миёни духтарҳои зиёд даромада буд. Вай фарзанди худашро ёфтан мехост. «Ана ин аст, духтарам»– ва ин духтарчаро ба сӯяш гардонид.

Аммо каси дигар буд ин духтарак.

– Ман духтарамро мекофтам—Тобонро… - узромез ифода кард Афсона.

– Вай… ана, хуу ун ҷо, - ишора кард духтарак. - Аммо чаро аз шумо мегурезад, хола, вақте ки духтари шумо бошад?

Афсона, бо ранги дигаршуда, ҷавоб надод. Аммо тарафи духтараш рафт, ки вай дур шуда, пинҳон гаштан мехост.

Духтараш худашро паси девор, ё сутун кашида буд. Аммо як пойи туфлиаш ҳанӯз метофт.

Афсона ба он тараф рафта буд.

Туфлии духтарак он ҷо буд. Аммо худи духтарак паси деворча ва сутун наметофт.

– То-бо-он!

Духтарчаи дуршуда медавид ва мегурехт. Мегурехт як туфлӣ дар брояш. Мегурехт аз модараш

Афсона ба зудӣ варо боз гум кард ва дигар ёфта натавонист, ҳарчанд ҷустуҷӯяшро идома ҳамедод.

Ва ана туфличаи дигари духтаракро бидид баногаҳ. Паҳлӯи буттадарахтҳо буд ин туфлича. Ва он сӯ рафт Афсона. Аммо духтарча боз набуд, ҳарчанд пойи дигари туфлича ин ҷо меистод.

Афсона нигоҳи ноумедашро аз атроф барканду боз ба як пойи ин ҷо мондаи туфлӣ овард. Ва дар як химчаи шикастаи бутттадарахти паҳлӯи туфлича варақчае халондагӣ буд. Ва он навиштае дошт: *«Ман туро дӯст медорам, оча. Вале бе дадам наметавонам. Барои ҳамин назди дадам меравам… Маро дигар накоб, оча».*

Афсона хати духтарчаашро, ки басо саросема навишта шуда буд, шинохта буд.

Худи духтарча дар атроф наметофт ва нишоне аз вай дигар набуд. Яъне кофтани вай акнун фоида надошт.

Афсона бехи химчаву буттадарахтҳо нишаст. Беҳол ба буттадарахтҳо такя кард.

Як пой туфличаи духтараш дар дасташ меларзид, пойи дигари туфлича ҳанӯз паҳлӯи буттадарахт рӯи замин меистод.

*

Баъд дар хонааш буд Афсона. Андешаманд менишаст.

Гӯё ин ҳолаташ охир надошт.

Телефон занг зад.

Хаёломез телефонро бардошт.

Гӯё овози духтарашро шунид:

«– Алло, оча ин ман. Ман Тобон. Ман худам аз ту гурехтаму боз худам занг задам ба ту. Занг задам, ки гӯям: «ман дигар аз ту намегурезам, оча. Ҳаргиз аз ту намегурезам, очаҷон…»

– ….

– Алло, наход маро шунида натавонӣ-а?

– Мешунавам-а.

– Агар шунавӣ-ин ман Неъмат. Чаро маро духтарам, ё Тобон меномӣ?

Афсона боз шах шуда буд ва ҷавоб дода наметавонист.

– Охир ин ман-Неъмат. Алло!

Афсона телефонро гузошт.

Телефон чанде баъд боз занг зад.

Афсона ба телефон нигарист, аммо онро дигар набардошт. Вай ба андешаҳои пурпечи худаш фурӯ рафта буд аз сари нав.

Паси тиреза шаҳри азим ҳамчунин гӯё ба андешаҳо печида ва ғӯтида ба назар мерасид.

* * *

– Бешухӣ зиқу дилгир шудаед зиёд, - гуфт марди ҳамсоя, яъне «чарминапуш»– Барои ҳамин пушидани дарро фаромӯш кардаед боз. - сухани вай аз паси остонаи дари нимроғ меомад. - Худам низ бисёр зиқ. Барои ҳамин, иҷоза шавад, медаром. Паҳлӯи каси зиқшуда лозим шояд инсони дигар…

Марди ҳамсоя, ки даромада, нишаста буд, баъди ба Афсона аз сари нав зеҳн монданаш, афзуда буд:

– Ман медонам, ки зиққетон аз чӣ? Ҳоо. Зеро ягон кас ҷойи духтаратона ва шавҳаратона гирифта наметавонад, ҳатто ун мард, ки шуморо беруни шаҳр бурда буд, ба саратон нохушӣ оварда буд. Барои ҳамин зиқ Шумо… Барои он, ки ҳамдил надоред баъди рафтани шавҳар ва духтаратон… Чунон ки ман, ҳамдили худро гум кардаам баъди сари модарам…

Марди ҳамсоя хомӯш монд:

– …Вале Шумо баъди ун воқеаи шуда дигар шудан гирифтед; ин барои худатон аҷиб. Ман ҳам баъди марги модарам чунон дигар шудам, ки… ин ҳам барои худам аҷиб.

Афсона ба умқи андешаҳои худ фурӯ рафта буд. Марди ҳамсоя ҳамчунин. Ё шояд марди ҳамсоя намехост ба хайёлҳои Афсона халал расонида бошад...

– Вақте ки шавҳарам хонаву дарро барои ман монда рафт, аз чӣ бошад дилам аз Неъмат хунук шудан гирифт, ҳарчанд, Неъматро шавҳарам боре ба ман бад накарда буд… Баъд шавҳарам метавонист худаш ин ҷо бошаду маро аз дар берун кунад. Шавҳарам бо некиаш, ба ман, чунон чизҳоро фаҳмонидан хост, ки зан дар ҳолати дигар фаҳмида наметавонад.

Чанде хомӯш монда буду пасон афзуд:

– Баъд чунон ки ба кофтани духтарам рафта будам, дилам хост, ба кофтани шавҳарам равам... Вале донистам: маро дигар қабул намекунад вай, яъне чӣ хеле, ки аз баҳри ин хонаву дар баромадааст, аз баҳри ман низ баромадааст... Аз баҳри ҳама чиз баромадааст баъди ҳар чизи шуда вай…

Ҳамсоямард, ки варо гӯш фаро медод, ба умқи андешаҳои худаш рафта буд.

– Мо ду соддаи бисёр чизҳоро дер фаҳмида, - ниҳоят гуфт марди ҳамсоя хулосаи худро дар бораи тақдири худашу Афсона ва ӯ низ хомӯш монд ва ин хомӯшӣ дигар вайрон нашуд.

* * *

Ба бинои баландошён, ки Афсона мезист, яке наздик меомад. Аҷибаш, ки Неъмат буд. Аҷибтараш, ки бе асобағал қадам мезад, ҳарчанд, ҳанӯз каме мелангид. Яқин гаҷи пойҳои варо кушода буданд акнун.

Як ба иморати баланд, ки Афсона он ҷо мезист, назар афканд, пасон ба воридгоҳи он қадам бинҳод.

Лифти бино кор намекард, ба дараш навиштае овезон буд: «дар таъмир аст».

Неъмат илоҷ надошт ғайри бо зинапояҳо боло шудан, ки барои пойҳояш осон набуд. Вале оҳиста ва зӯр зада боло мерафт.

* * *

Афсона менишаст ин ҳангом бо марди ҳамсоя.

Ва ҳарду-шояд баъди сӯҳбату гуфтугӯ– андешаманду хомӯш буданд.

Ин хомӯширо садои занги дар баршикаст.

Афсона ғарқи андешаҳои худаш менишаст ҳанӯз.

– Кӣ бошад-а?

Марди ҳамсоя китф ба ҳам кашид.

– Ягон касро интизор будед? - пурсид марди ҳамсоя аз худи Афсона.

– Ҳеҷ касро.

Занги дар такрор шуд.

– Боз шавҳарам набошад-а? Ҳамроҳи духтарчаам-а? - аз чӣ бошад якбора чунин тахмин кард Афсонаи умедвор.

– Хуб, ки умед дар дили Шумо ҳанӯз намурдааст: бозгашти шавҳаратон ва духтаратона ҳанӯз интизор, - фузуда буд марди ҳамсоя.

Нигоҳи умедвори Афсона ҳамоно ҷониби дар буд. Баъд хесту тарафи дар рафт. Бетоқату то ҳаде бо изтироб ва ҳатто дар ҳарос оҳиста хам шуд, аз чашмаки дар берун назар андохт… Яқин мехост шавҳарашро ва духтарашро бинад он ҷо…

Вале худашро қафо кашид Афсона.

– Яъне, вай шавҳаратон не, - хулоса баровард марди ҳамсоя. - Ҳаа, баргаштани вай душвор, аз рӯи хислаташ, - хулоса кард вай.

Вале занги дар такрор гардид.

– Яъне вай, номаш чӣ буд-а, Неъмат? - сухани марди ҳамсоя буд, ки чунин тахмин мекард.

Паси дар, дар ҳақиқат меистод Неъмат.

– Ман медонам, ки ту ҳамин ҷо, Афсона. Ҳама чизи вобастаи занҳоро ҳис мекунам ман... - сухани Неъмат буд аз паси дар. - Ман худам омадам пеши ту.

Афсона ба ҷойи дарро кушодан қафо баргашт.

Занги дар такрор гардид.

Афсона дигар сӯи дар нарафт.

Занги дар боз омад, балки ин дафъа беист садо медод.

– Агар дарро кушодан нахоҳанд-чӣ? - тоқат накарда, овоз баланд намуд ниҳоят марди ҳамсоя.

Овози Неъмат гум шуд.

– Он чӣ, ки шунидам ба овози шавҳарат монанд не-ъ-а… - овози Неъмат пайдо шуд паси дар аз нав.

– Хайр чӣ?! - тоқат накарда, таркид Афсона.

– Пас барои ҳамин дарро накушодӣ-а?

Афсона ба ҷойи сӯи дар рафтан ба диван биншаст, шояд ароз кард.

– Шавҳарам ин қадар гумону рашк набурда буд, вақте ки маро дида буд бо худи ҳамин Неъмат… - маълум набуд инро ба марди ҳамсоя гуфт ва ё ба худаш ва ё ба Неъмати паси дар.

Занги дар такрор гардид. Балки беист садо медод акнун занг.

Марди ҳамсоя аз ҷониби дар чашм намеканд.

– Не, ина бинанд-а, аз ҳад мегузаронад ҳама чиро. Кушодан нахоҳад чӣ?… - тоқат накард боз марди ҳамсоя.

Занги дар ҳамоно ист намекард.

Марди ҳамсоя ниҳоят хест, сӯи дар рафт, яқин тоқати вай ҳам тоқ шуда буд аз занги думболадори беист.

– Агар накушоем як рӯзи дароз занг мезанад вай, - шояд барои Афсона гуфта буд марди ҳамсоя.

Неъмат ҳанӯз ангушт аз болои тугмаи занг намегирифт, ҳарчанд дар акнун кушода меистод ва дами дари Афсона марди ҳамсоя меистод.

– Зангро чунон пахш мекунӣ, ки гӯё худат соҳиби ин хонаву ин зан бошӣ-а?! - ба худ овардан хост марди ҳамсоя Неъматро.

– Кӣ гуфт, ки ман бегона? - иллат кард Неъмат, ки бештар алаґда мегардид. - Аммо ту чӣ? Туро нашнохтам!

– Шарт не, маро шинохтани ту. Баъд, агар ту бегона набошӣ ман ҳам бегона не.

– Ин ҷо касе ҳақ надорад ғайри ман! - сухани Неъмат буд, ки қатъӣ садо дод.

– Ҳақи ҳамсоя ба ҳақи Худо баробар гуфтаанду… - суст омадан нахост марди ҳамсоя.

– Кадом ҳақ?

Марди ҳамсоя боз суст омадан нахост:

– Ҳамон ҳақе, ки худи мо медонему Худованд!

Неъмат аз ин бештар дар қаҳр шуда буд.

– Беандеша будаӣ ту!

Марди ҳамсоя бештар дар қаҳр шуд.

– Мо ҳамсояҳо ин ҷо истода, ба ҳамсоя бадие накарда, ғайри некии ҳамсоя бадиашро нахоста, мо беандешаву ту не-ъа?!

– Ҳа-а! Акнун фаҳмидам, барои чӣ Афсона тағир хӯрда будааст? Яқин зери таъсири файласафаҳои беақлонаи ту! - аз ин кашфиёт худаш бештар дар изтироб гардид ва барои ҳамин сари роҳаш, аз қаҳр, марди ҳамсояро дур афканда, ворид шудан хост ба хонаи Афсона.

Аз зарби тани вай марди ҳамсоя ба пахлӯдарӣ бархӯрд. Баъд мувозинаташро рост гирифта, тоб хӯрда ва ба Неъмат назар овард. Неъмате, ки ворид шуда буд ба хонаи Афсона.

– Агар ношод шудани рӯҳи модарамро андеша намекардам, барои ин авбошиат туро чунон ҷазо медодам, ки!… - овози марди ҳамсоя буд.

Неъмат бо қахр тоб хӯрд ба ҷониби вай.

– Ман медонам чӣ кор кунам модари туро! Ту бо ман баробар шуданӣ-а?… - Неъмат паст нишондан мехост алоби чашми марди ҳамсояро. - Очағар-е! - афзуда буд ҳоло вай.

Ранги марди ҳамсоя тамоман дигар шуд.

– Очаи ман солҳои зиёд зиндагӣ карду ҳеҷ кас, варо ягон бор, ин хел нагуфта буд. Очаи покдомани маро-а...

– Аммо ман гуфтаму боз мегӯям!

Нафас дар гулӯи марди ҳамсоя печида буд: яқин ба ҷойи басо нозуки вай чанг андохта буд Неъмат.

– Ман номуси очаи худамро агар ҳимоя карда натавонам, писари очам ҳастам магар? - ва якбора аз китфи Неъмат дошту тарафаш кашид.

Неъмат такон хӯрд, вале дӯғи дигаре зад:

– Очағар-е! - амали ҳамсоя яқин ғаши варо афзуда буд…

Марди ҳамсоя дигар ҳама чиро аз даст дода буд ва «ҳҳумм!»– гуфта, Неъматро панҷа зад ва «ҳҳумм!»– и дигар гуфта, варо бардошт болои сар.

– Ҳама медонанд, ки ман бо касе муштбагиребон шудан ва ҷанг карданро хуш надорам. Вале гапе, ки ту дар ҳақи модари ман гуфтӣ!… - идомаи ғазабашро ифода кард бо он, ки бошаст Неъматро ҳавола кард беруни дар.

Шалаппасзанон фитода буд Неъмат ва зарба магар сахт буд, ки чанде хеста натавонист.

– Вақте «ба ин занак ҳуқуқ дорам»– гуфта, ҳукм мекунӣ, худи ин занакро пурсидӣ магар? Дили ин зана медонӣ магар?... - маълум буд, ки алоби дили марди ҳамсоя ҳанӯз паст нашуда: - Медонӣ дили ягон занака, ғайри хоҳишҳои худатро ба сари онҳо бор кардан?… Медонӣ, ки барои чӣ зани ин хонадон дарашро ба рӯи ту кушодан нахост-а?

– Ба ту чӣ, номард?…

– Кӣ гуфт, ки ту марду ман не-ъъа? - қаҳри марди ҳамсоя боз фузуда буд. - Ҳарчӣ набошад, ман одамвор фаҳмидан мехом дили инсонро… Аммо ту? Ҳатто дили зане, ки бо ту будааст ва бо ту ба бадбахтӣ печидааст ва акнун тағир хӯрдааст, фаҳмидан намехоҳӣ. Шояд фаҳмида ҳам натавонӣ…

– Даҳаната мепӯшӣ ё не, очағар-е..?! - тоқат накард Неъмат ва яқин ғайри ихтиёри худаш кафида буд аз сари нав.

– Гумон кардӣ, ман ҳама чизи туро мебардорам? О, ҳатто, занат, ки ҳама чизи туро солҳо мебардошт, аз ту рафт, ки ман инро ҳам маълум карда донистам-панҷа зада, Неъматро бардошта буд вай.

– Дигар лозим не, - ба моҷаро ҳамроҳ шудан хост дар ниҳоят Афсона, ки пайдо шуда буд дами дар, зеро дониста буд, ки кор аз кор гузашта.

– Дилат сӯхт-а, дар охир?… Аммо дили ин мардак сӯхта буд ягон бор барои худи ту? А?! Вақте ки туро фиреб карда, маъюбу маслуқ карда, ба сарат бадбахтию касофат оварда, шавҳаратро ва духтаратро аз ту гурезонидуу?… - марди ҳамсоя ба «ту-ту» гузашта буд нисбати Афсона.

Вале барои Неъмат чунин гуфт:

– Ту ҳоло шукр гӯ, ки ман ба хурмати ҳамин занак шуда, туя аз зинапояҳо нишеб намекунам, ки дасту поят нашиканад ва туро боз набаранд ба беморхона! - марди ҳамсоя барои он, ки Неъматро назанад, мушташро ба дили ҳаво барзад. Аз ин ҳаво шуввӣ бурида шуд. Марди ҳамсоя барои он, ки сари қахр боз ба Неъмат начаспад, қафо тоб хӯрд. Ва рафт ҷониби дари хонаи худаш.

Балки ба Афсона боз гуфт:

– Айби худат низ ҳаст, ки ҳамеша ба чунин ношудҳо гузашт мекунӣ! - ин суханаш дахл дошт ба Афсонаи дами дар.

Марди ҳамсоя дарашро кушода, ҳамчунон бо ғазаб аз думболаш пӯшонид, ки аз зарби он дар бозгашт во гардид.

Ҳарчанд дарро кушода мондан одати вай неву одати Афсона буд, вале дари вай кушода монда буд акнун.

Афсона худашро андаруни хонааш зада буд, вале аз паси вай дар пӯшида шуда буд ва шараққӣ маҳкам гашт.

Афсона худашро рӯи диван партофта буд ва меларзид.

Дар долони паси дарҳо монда буд Неъмат.

Ва боз қоматашро рост кард ва болои пойҳои ланговарда беилоҷ меистод.

Баъдан боз зӯр зада, худашро паси дари Афсона гирифт.

Дари Афсона аз дарун маҳкам буд, ё худи қулфи дар аз асари пӯшида шудан маҳкам гардида ва ё сабаби дигар буд… Ба ҳар ҳол Неъмат онро тела дод, ки кушода нашуд.

Дасти Неъмат тарафи занги дар рафт.

Аммо дар кушода намешуд. Шояд Афсона аз асари гиряҳояш овози зангро намешунид, ё шояд дарро кушодан намехост. Бале гиря мекард Афсона ҳоло худро рӯи диван партофта.

Дастони беҳоли Неъмат, дар танаи девор, паҳлӯи тугмачаи занги дар муаллақ монд. Вай донист, ки ин дафъа дар кушода намешавад.

Неъмат дар чунин ҳол тулонӣ истод.

Шояд тарсе ҳам дошт барои дарро бо зурӣ зада даромадан, тарс аз марди ҳамсоя, ки дари вай ҳанӯз кушода меистод.

Вале қасосашро хоҳу ноҳоҳ Неъмат аз дари кушодамондаи ҳамсоямард гирифтан хосту ба он лағат фаровард.

Вале дар, ки оҳанин буд, ба пойи зарбазадаи Неъмат лат оварда буд ва чунон буд, ки вай пояшро дошта, чарх зад.

Марди ҳамсоя аз лағатзании вай набаромад, шояд дигар ба ин моҷаро ҳамроҳ шудан нахост, ё шояд худашро муддате нигоҳ дошта буд ва ба даст гирифта буд ва ё оқибати минбаъдаи корро интизор мешуд…

Дар долоне, ки дараш аз ду тараф пӯшида шуда буд, фақат Неъмат монда буд чун собиқа…

* * *

Баъд Неъмат, ки пойҳояш айёнтар мелангид, аз поғундаи зинапояҳо поён мерафт. Дар баромадгоҳи бино муддате истод, ба тирезаи Афсона назар андохт. Мунтазир буд, ки Афсона ва чеҳраи вай он ҷо падид меомада бошад? Аммо пайдо нашуд Афсона дар паси тирезаи хонаи худаш.

Неъмат барои ҳамин чанде рафт, боз истод, якрӯя гашта, боз сӯи тирезаи хонаи Афсона назар андохт. Мунтазир буд, ҷавонзан ва чеҳраи вай пайдо мешуда бошад дар он ҷо.

Аммо паси тирезаи хона холӣ меистод ҳанӯз.

Неъмат муқаддам аз он, ки боз лангон ба ҳаракат дарояд муддатҳои зиёд ин ҷо карахту шахшуда монда буд. Чунин шудани оқибати корро пешакӣ тассавур накарда буд. Аммо ҳамааш чунон тоб хӯрда буд, ки… Басо ногоҳон тоб хӯрда буд барои вай ин ҳама…

* * *

Андаруни хонааш гиря мекард Афсона канда-канда.

Маълум набуд, ки барои Неъмат гиря мекард ва ё аз боиси дарки бештари ҳақиқатҳои талхи аз сараш гузаштаву омада.

* * *

Неъмат равон буд ҳоло дар шаҳр, мерафту мерафт, вале дар асл гӯё намедонист куҷо меравад ва чаро бояд равад? Хоса чаро, ки равад чунин шикастхӯрда? Ва ягон бор чунин шикастхӯрда рафта буд магар?

Ва бори аввал гӯё куҷо рафтан ва чӣ кор карданашро намедонист ҳоло.

* * *

Шаҳри азим дар равуои ҳамешагии худаш буд.

Ва шаҳри азим андарунаш ҳамеша ҳодисоти зиёд дошт ва ин ҳодисаҳо низ мудом дар гардишу печиш буданд.

*

…Неъмат ниҳоят дар хонаи худаш буд, пояшро мебаст.

Ва ба андешаҳои амиқтар рафта буд.

– «Аз ҷое, ки умедвор набудан ва аз касе, ки умедвор набудан якбора шикаст хӯрдан-а? Даври гардун ба муроди мо нагашт, ки!»– аз чунин андешаҳо якбора мушт зад ба мизи пешаш Неъмат. Мизе, ки чанги бештар бардошта буд ларзида, пайи мушт дар миёни чангҳо бозмонд. Неъмат бо муштзаниаш шояд таскин ёфтан мехост ва ё касеро таҳдид кардан мехост бо ин шеваи худ…

* * *

– Ун дафъа бозори мева барои ту мева мехарем, гуфта рафтему аммо нахарида омадем. Акнун боз он ҷо меравем, зеро барои ту витамен лозим. Зеро сулфаат ҳарчанд кам шуда, вале рангат коҳида мондааст.

– Бозор барои он меравем, ки ун марду духтарашро агар бинем, боз гурезем-а?

Ба ин суоли писарак Лоҷувард посух надод. Балки посухи яқин надошт ба ин суоли писари худаш ҳоло вай.

*

…Бо вуҷуди ин дар бозори мева буданд онҳо: модару писар. Аҷибаш, ки ин дафъа ҳам вохӯрданд бо ҷавонмард ва духтари вай, яъне бо Ромишу фарзандаш.

Ҳарчанд аз ин вохӯрӣ андак суст шуданд, вале аз ҳамдигар дур нарафтанд ва нагурехтанд онҳо.

…Баъд бо салафанхалтаи пур аз мева мебаромаданд аз бозор. Мебаромаданд Лоҷуварду писараш. Ромишу духтараш ҳамчунин баромада буданд бо салафане, ки меваи харида дошт.

Ҳарчанд ба якдигар наздик набуданд, вале дур ҳам набуданд унҳо: Лоҷуварду писараш, Ромишу духтараш.

Бо якдигар ҳарф намезаданд, вале аз якдигар нагурехта буданд онҳо ва гурехтан ҳам намехостанд гӯё ин маротиб.

Ва ба кадом хайёлҳои аҷибу ширин ҳам мерафт чашмони аз андешаҳо даруннишастаи онҳо.

Ва даме, ки роҳҳо убур мекарданд, гӯё мошинҳои даргузарро низ эҳсос намекарданд.

Нозири роҳ, ки боре, дар як шаби боронӣ, ин ду нафарро маън карда буд, ҳоло низ ба лаб ҳуштак бурда, инҳоро, ки дар роҳ мошинҳои даргузарро гӯё намедиданд ва гӯё ба онҳо бархӯрда метавонистанд, маън кардан хост. Вале ҳарчанд ҳуштакро ба лаб бурд, аммо ҳуштак накашид нозири роҳ ва ҳамроҳи вай низ, ки дар паҳлӯяш пайдо

шуда буд, ҳамчунин ҳуштак накашид ва ин роҳгузарони ба хайёли худ рафтаро, яъне Лоҷуварду Ромишро аз роҳ надоштанд ва сӯи хоначаи нозирон набурданд. Ва нозирон ҳам гӯё мафтун буданд ба ин ду ҷуфт, ки гӯё ба ҳам набуданд, вале гӯё ба ҳамдигар кадом як бастагии нозуку нарм пайдо карда буданд ин лаҳзаҳо...

Фақат ин бастагӣ чӣ қадар устувор буд, касе пешакӣ намедонист.

* * *

Неъмат ин лаҳзаҳо дар хонадони худаш ҳар гоҳ банди пойҳои дардманди худро молида, ҳар гоҳ як ба хонаҳои холӣ назар меафканд. Бармеомад, ки вай аз танҳоӣ зиқ шуда ва дилаш аламҳои зиёд дорад.

Баъд кадом як лавҳи мусиқаро монда буд, ки гӯш фаро диҳад ва андак таскин биёбад.

Аммо мусиқа, он чиро, ки дили вай мехост пур карда натавонист, ки онро хомӯш намуд ва чанд лавҳи дигари овозро, ки дар дасташ буд бо иллат рӯи мизи чанголуд партофт.

* * *

Ҳаёти шаҳри азим идома меёфт зайли собиқ.

Шаҳр дар ҷумбиши ҳамешагии худ буд чун рӯзҳои дигар.

* * *

Зани аслии Неъмат-Лоҷувард дар иҷорахонае ва ҳамчунин ғарқи хайёлҳои худаш буд. Ва ин хаёлҳош акнун ба чӣ дахл дошт, маълум набуд.

…Ва дар ин иҷорахона писараш халал расонидан намехост ба андешаҳо ва хайёлҳои модараш.

* * *

Неъмат ниҳоят албомеро гирифта буд, ки андарунаш суратҳои бонувони зиёд буд. Яке буд зани худаш Лоҷувард, ки Неъмат онро чаппа кард, аз чӣ бошад. Ва сурати дигарро гирифт. Ва ин бонуи дар сурат аксёфта магар маъқулаш гашт, ки Неъмат як ба хайёл рафта, оҳиста гӯшаки телефонро ба даст гирифт ва рақамҳоеро барчид.

– Дурдона? - овоз дардод вай

– Бале.

– ….

– Ягон хизмат ҳаст?

– Ин ман… Неъмат?

– Неъмат?… - яқин ба андеша рафта буд соҳибаи овоз.

– Қариб ёд овардӣ-а? Ҳоо, ёдат ҳаст… Мо шинос шуда, баъд рафта будем бо мошини ман беруни шаҳр… Доири ишқи сегона ҳарф мезадем он ҷо… Баъд…

– ….. - аз он ҷониб хомӯшӣ буд, яқин ягон чизро ёд меовард, ё боиси дигар буд дар миён.

– Алло… - варо барангехтан хост Неъмат, яқинтараш ишқу иштиёқу ҳаваси собиқаи варо барангехтан мехост. - Алло, ин ман-Неъмат. Неъмати муштоқи Шумо. Беруни шаҳр рафта будему… Доири ишқи…

– …Ишқи сегона-а? Уфф!… - чанде хомӯш буд овози занона. - Баъдтар фаҳмидам, ки ҳатто парранда се бол дошта бошад, парида наметавонад. Барои парвози парранда ду бол кифоя будааст…

Сипас овоз афзуда буд:

– Аз ҳавасбозӣ ба зиндагӣ гузаштаам кайҳо. Ба ҳамаи дӯстон низ маслиҳат медиҳам ҳаминро. Домани як нафарро доштан лозим будааст, то расида бошӣ ба хушбахтӣ… Хушбахтии оилавиро ду кас сохта метавонистааст, на се касу ишқҳои сегона…

Неъмат бовар намекард ба чунин ақидаронии бону, ки номи Дурдонаро дошт ва сураташ дар дасташ буд.

Баъд яқин аз он сӯ гӯшаки телефон гузошта шуд, ки гуд-гуди канда-кандаи батакрор меомад.

Неъмат дигар илоҷ надошт ғайри он, ки гӯшаки телефонро монаду беилоҷ нишаста бошад. Гӯё ҳеҷ чизро намефаҳмид, ё фаҳмида наметавонист, ки ҳама тағир хӯрдаанд яку якбора баъди аз сари ҷарӣ бо мошин паридани худи вай. Ҳатто бонувони шиносаш ҳам рӯ ба тағирот овардаанд гӯиё кайҳо.

Неъмат, ки суратҳои бонувонро рӯи албом партофта буд, ба умқи андешаҳои пурпеч фурӯ рафта буд бештар.

* * *

Афсона ҳанӯз менишаст дар хонааш ғарқи андеша.

Баъд ҳамин хел андешаманд поён мерафт аз зинаҳо.

Сипас дар кӯчаҳо қадам мезад хайёлмандона.

Қадам мезад печидаи андешаҳои ботинии худаш.

Дар кадом ҷойи шаҳр, байни биноҳо гӯё намоён шуд биное, ки мактаби ибтидоии духтарона буд. Аммо холӣ метофт саҳни мактаб. Шояд рӯзи фароғатӣ ва истироҳат буд барои толибони мактаб...

Баъд роҳашро идома дод Афсона. Миёни биноҳои зиёд мерафту мерафт.

Ниҳоят миёни биноҳои зиёд намоён шуд биное, ки… Ва дар он мезист… Бале дар он мезист Неъмат. Неъмат буд ҳоло дар муаллақайвонаш.

Аз дидани Неъмат такон хӯрд Афсона. Балки ҳатто истод. Баъд тоб хӯрд. Вай аз ин бино бошитоб дур мерафт. Магар Неъмат варо дида буд?…

Чанд кӯчаро гузашт. Неъмат аз думбол набуд.

Афсона боз баргашта буд ба он биное, ки мезист худаш.

Дари хонаашро кушода, ворид шуд ба он ҷо.

Бехабар буд, ки ғарқи андешаҳои печида дарро аз думболаш боз нопӯшидаву нимроғ мондааст.

* * *

Марди ҳамсоя аз хонааш баромада буд: куҷое рафтан мехост, ки дар даст дошт кадом чизе. Дари Афсонаро нимроғ бидид. Як суст гардид. Вале аз он гузашта рафт.

Афсона ҳанӯз менишаст дар хонааш ғарқи андешаҳо, балки дар гирдоби андешаҳо печида буд.

Марди ҳамсоя, ки чанд поғундаи зинапояро поён рафта буд, бештар суст шуд, истод. Якрӯя гашта, ба дари кушодаи Афсона боз назар бурд.

Ниҳоят оҳиста ҷониби дари нимроғ баргашт вай.

Афсона назди тиреза меистод, ҳамоно ба куҷои берун назар меандохт. Балки ба қаъри кадом андешаҳояш менигарист гӯё вай.

– Медонам, ки шумо хафа шудед аз мо-мардҳо, - ниҳоят гуфт марди ҳамсоя бо овози хайёлманди паст. Ва чанде баъд афзуд-Ман намехостам чунин шавад. Аммо вай—Неъмат… аз ҳад гузаронд вай, рӯҳи очама чунон ношод кард, ки… Ман ҳам сари қаҳр… Вай рафт…

– Бояд ҳамин тавр мешуд… Бояд вай мерафт… - сухани Афсона омад ҳамчунин оҳиста, ҳарчанд сӯи мардаки ҳамсоя тоб нахӯрда буд ва рӯ ба тиреза буд. - Оқибати ин кор бояд ҳамин тавр мешуд, - Афсона якбора гиря кард.

Мардаки ҳамсоя ҳанӯз паси остона меистод.

Гиряи Афсона басанда намешуд, ки аз ларзаи китфони харобшудаи вай бармеомад.

Мардаки ҳамсоя паси остона намедонист чӣ кунад. Баъд гӯё натавонист, яъне натавонист ин бонуро-Афсонаи ба ғурбати худаш печидаро ба ин ҳол партофта равад. Шояд барои ҳамин ба дарун по ниҳода буд мардак. Яқин сухани даркорӣ ва тадбири дигар дарёфта натавониста буд ғайри ба дарун по ниҳоданаш. Андаруни хона ҳам тулонӣ рост истоду гӯё тадбир ва чораи даркорӣ ёфта натавонист, ки рӯи диван нишаст.

Аз ҷониби тиреза, аз китфони ларзони Афсона чашм канда наметавонист вай.

– Албатта ҳамааш ба номуайянӣ тоб хӯрд дар ҳаёти шумо, чунон ки дар ҳаёти ман ҳамааш номуайян аст хело боз…

Марди ҳамсоя тулонӣ хомӯш монд, пеш аз он, ки боз афзуда бошад:

– Вале ин номуайянӣ беҳтар будагист нисбате, ки дар ҳаёти кас бошад Неъмат барин нафаре. Ё нодуруст гуфтам?

Афсона чизе намегуфт, вале ҳанӯз китфони харобшудааш меларзид, балки бештар ба ларза омада буд ин китфон.

– Аслан дар дунё қисмати бештари одамон дар ҳоле умр мебаранд, ки қисматашон печидаву номуайян бошад… Чуноне ки азони мо ҳамин тавр шудааст, - мардаки ҳамсоя баъди ин дигар илова накард.

Афсона ҳам ба хаёлҳои худаш амиқтар фурӯ рафта буд.

* * *

Неъмат дар хонааш менишаст беилоҷ…

Баъд ба чанд ҷо занг бизад вай.

– Алло, Сафина…

Алоқа канда шуд.

Боз занг зад.

– Маро нашнохтӣ-а? Алло, ин ман, Неъмат. Ёдат ҳаст; рафта будем бо мошини ман… беруни шаҳр?… Ишқи сегона…

– Шинохтам, барои ҳамин гушакро партофтам.

Боз алоқа канда шуд ва гуд-гуд монд дар гӯшак ва дигар ҳеҷ чиз набуд.

Неъмат гӯё дигар ҷое телефон карда наметавонист.

* * *

Шаҳри азим ҳанӯз ҳаёти пурпечи худашро идома медод ба сони собиқа.

* * *

…Боз албомро варақ мезад Неъмат.

Ва миёни суратҳо боз сурати занашро дарёфта буд, яъне сурати Лоҷувардро.

Лоҷуворд буд бо шиками бардамида...

баъд Лочуворд буд бо писари навтавлиди худаш...

баъд бо писараки нав роҳраваш,

баъд бо писаракаш кадом як бозиву шухӣ мекард Лоҷуворд...

Неъмат ба ин ҳама нигариста, бори аввал эҳсос намуд, дар ин суратҳо худаш нест паҳлӯи занаш Лоҷуворд.

Боз саросема ҳамаи суратҳои албомро аз назар гузаронд.

«Ман нестам дар ягон сурати инҳоо-а?»– Неъмати ҳайратзада ба хайёл рафт. - Вале як сурате буд, ки…»

Ва ёдаш расид, ки чӣ хел ҳамроҳи Лоҷуворд ва Неъмат сурат гирифта буданд ва шарақкаси суратгиракро гуё шунид ҳоло баръало ва ларзид, ҳарчанд аз байн солҳои зиёд гузашта буд аз ин рӯйдод.

Аммо расми Ромишро аз ин сурат бурида ва дарронида буд худи Неъмат ва партофта буд пеши пои Лочуворд расми чудокардаи Ромишро… Ин як замони дуре буд…

Бале инро ҳам ёд овард Неъмат.

Аммо расми дупора ҳам набуд акнун андаруни албом ва онро намеёфт Неъмат. Ягона расме, ки Неъмат бо Лоҷуворд буд, ҳоло набуд андаруни албом, ҳарчанд ҳама расмҳоро аз албом рӯи мизи чангзеркарда резонида буд вай ва баъзе суратҳо ба поён, рӯи гилем ҳам афтида буданд.

Ба хаёлҳои амиқтар рафта буд Неъмат.

Хайёлҳояш бештар печида мешуданд…

«– Ягона касе, ки нозҳои туро мебардошт, ба ҳамааш тоқат мекард ҳамун занат буд, ки вай ҳам рафт аз ту»– таънаи марди ҳамсояи Афсонаро шунид гӯё аз даруни хайёлҳои худаш Неъмат ва рангаш тағир ёфта буд бештар.

* * *

…Рӯзи дигар омада буд болои шаҳристони азамат.

* * *

Неъмат, ки ҳанӯз саҳл– саҳл мелангид, дар кӯчаи миёни биноҳои азим мерафт. Вай ҷониби бинои Афсона намерафт аз чӣ бошад. Шояд медонист дигар он сӯ рафтан барояш фоида надорад. Ва Неъмат кадом бинои дигарро мекофт ҳолиё ва кадом касҳои дигарро ҳамчунин.

Ва чунин овора буд дар кӯчаҳои шаҳристон вай.

Мекофт кадом бинорo ва аз онҳо мекофт кадом нафарҳоро.

Ва бар он биноҳое, ки як вақтҳо занаш Лоҷуворд ва писари овораву аз хонаву дари худаш рафта, ворид шудаву баромада буданд, Неъмат ҳам ворид мешуд ва мебаромад ва тахминан бо роҳи идомадодаи онҳо роҳашро идома медод.

Неъмат мекофт бинои дигарро ва кадом касҳоро андаруни онҳо.

*

Ва ниҳоят ба биное ворид гардида буд вай.

Ба даре наздик омад. Лаҳзае истод. Пасон дарро тақ-тақ кард, зеро дар тугмачаи занг ҳам надошт.

Онҳое, ки дохили хона буданд, ба якдигар нигаристанд. Кадоме бошад, ки нафареро интизор набуданд дар ориятхонаи худашон онҳо? Интизор набуданд на Лоҷуворд ва на писари вай.

– Кист? - овоз дардоданд онҳо.

– Ман...

– Кӣ? - нафаҳмид каси овоздода.

– Овози шавҳари худатро нашинохтӣ-а?

Ин суол Лоҷувардро, ки дохили хона буд, ба ҳайрат овард. Бале интизор набуд инро тамоман вай.

– Дарро кушо! - овози Неъмат омад аз нав.

Лоҷуворд ҳайратзада буд.

Писараш аз модар чашм намеканд.

– Омадани ман чӣ маъно дорад, худат мефаҳмӣ, Лоҷуворд, - сухани Неъмат омад боз. - Яъне гуноҳҳои аз худам сарзадаро ба калла гирифтаам.

Ҷавоб наомад аз даруни хона.

– Ман, ки боре ба чизе сар нафаровардаам, бин, ки ба калла гирифтам гуноҳҳои худамро... - Неъмат чунин изҳор дошта буд.

Аз дарун хомӯшӣ буд ҳанӯз…

– Худат медонӣ, ки бо ҳама роҳ ман дарро кушода, даромада метавонам… - ва Неъмат кисаашро кофт ва калидҳое баровард.

Шаракқас зада, зӯр задани каси берун барои кушодани қулфи дар эҳсос мегардид.

Лоҷуворд, ки шахшудаву пакар меистод, ба писараш назар андохт.

Шояд калидҳо ба ин қулфи қадими дари қадим мувофиқ намеомад, ки каси берун изҳор дошт:

– Дарро кушо. Ҳамроҳ бармегардем ба хонаи ман. То кай дар иҷорахонаҳои носоз сарсону овора шуда мегардӣ?

– Ин сарсониву оворагиро ба сари ман магар худи ту наовардӣ? - кафид Лоҷуворд якбора.

– Ман гуфтам, ки гуноҳҳоямро...

– Як бор дар ҷавониҳот, гуноҳи дар хобгоҳ кардаатро ҳам ба калла гирифта будӣ, аммо баъд ба сарам чунон иснод овардӣ, ки… - Лоҷуворд боз худашро дошта натавониста буд.

– Одам як бор намефаҳмад, ду бор намефаҳмад, баъд мефаҳмидагист-да, - овози Неъмат садо дод аз беруни дар.

Вале аз дарун ҷавоб наомад.

– Бо вуҷуди ин ман мебарам бо худам туро. Ҳамроҳи писарат мебарам. Худат медонӣ, ки ман метавонаму…

Ба сари Лоҷуворд, ки то хело карахт меистод, ниҳоят кадом фикр зад, ки аз ҷевон ду халтачаи салафанӣ бароварда, чизҳоро ба он андохтан гирифт. Аз ҳаяҷон дастони саросемааш меларзиданд.

Писараш ҳайрон менигарист ба Лоҷуворд: магар модар барои рафтан бо шавҳараш омодагӣ мегирад, ки чизҳоро саросема меандозад ба салафанхалта? Ҳамон ду салафанхалтаи кӯчак, ки бо онҳо омада буданд ин ҷониб ва тамоми бисоти гирифтаашон аз хонаи Неъмат андаруни онҳо ғунҷида буд.

– Ман туро ҳамроҳи худ мебарам, Лоҷуворд, - овози Неъмат омад боз аз паси дар.

Лоҷуворд сӯи дар неву сӯи тиреза омад, аз ҷӣ бошад. Тирезае, ки панҷара дошт. «Магар аз он баромадан мумкин?»– нигоҳи писараш чунин маъниро ифода мекард.

Панҷараи тирезаи иҷорахона аз ду ҳисса иборат буд, онҳоро қулфе ба ҳам мебаст. Дастони Лоҷуворд калиде, ки аз куҷое ёфта буд, ба ин қулфи панҷараҳо андохтан мехост ва кушодан мехост.

Акнун аз ду тараф шарақошуруқ меомад: падар қулфи дарро кушода, ворид шудан мехост, модар қулфи панҷараи равзанаро кушоданӣ мешуд барои баромадан.

– Лоҷуворд зӯри ман ба ту мерасад. Худат медонӣ... Даромада метавонаму…

Ва як чиз тарракқас зад: шояд Неъмат, дар ҳақиқат қулфро кушода ва ё шикаста, ворид гардида буд.

Не, қулфи зери калиди дасти Лоҷуворд кушода шуда буд ҳоло.

Вале тарракқаси аз ин ҳам зиёд ба амал омад. Шояд ворид шудааст, Неъмат, дар ҳақиқат ба иҷорахона акнун?

Аммо ин ҳам гулдурроси раъди осмон буд. Гулдурроси абрҳое, ки боз осмонро печонида ва сиёҳ карда буданд.

Лоҷуворд ду паллаи тирезаро ҳам тела доду боз намуд.

Дар ҳоло меҷумбид бештар, қулфаш гӯё ҳамин ҳозир кушода мегашт.

Лоҷуворд дасти писарашро гирифту сӯи равзанаи бозшуда майл кард.

Лоҷуворду писараш аз тиреза болои боми як қисмати бари иморат фаромаданд, ки он боми бинои яккабата буд, шояд ҳамчу амборхона сохта шуда буд кадом вақте бари ин бинои дуқабатаи қадим. Дар болои боми кӯҳнаи патдор, ки аз таъсири борони шурӯъгашта лағжон шуда буд, бачаяк лағжида афтид. Вале ҳамоно бархост.

Фақат аз болои ин бом роҳи фаромад набуд рӯи замин: на аз ин тараф, на аз тарафи дигар; шояд нордбони амборхонаи қадим кайҳо фартут гардида, рехта буд.

– Шояд ба ту азоб бошаду қафо гардем-а, - чун роҳи фаромадро дарнаёфта буд Лоҷувард ноилоҷ монда изҳор дошта буд чунин дар ниҳоят.

Бачаяки беҳол, ки дар гӯшаи бом буд, якбора поён парид, Лоҷувард аз тарс овози «уҳ– ҳе!» баровард.

Писарак рӯи оби кулмакшави борон, ба поён афтид, лағжида, хело рафт. Вале хест дар ниҳоят.

Аз поён, ба сари бом, ба модар тарзе нигарист, ки «ту ҳам пар, акнун!»

Лоҷувард салафанқоғазҳоро поён партофт. Аммо худаш парида натавонист, ё шояд дар умри сараш аз чунин баландӣ боре напарида буд. Сари бом гоҳ майли пеш ва гоҳ майли қафо карда, вале парида наметавонист вай. Баъд қафо рафту аз сари бом панаҳ гардид. Дигар намоён нагашт ва писарашро ин ҳайрон кард…

*

Неъмат ҳамоно зӯр мезад бо калидҳои худ барои кушодани дари иҷорахонаи Лоҷувард.

Қулфи дар, ниҳоят, аз таъсири зурзаниҳои вай якбора кушода гашт ва Неъмат силтав хӯрда, якбора вориди хона гардид. Дурахши барқ ҳам ба хона зада даромад. Аз таъсири боду борон паллаҳои яке аз равзанаҳои кушодаи хона меҷумбид, ба ин хона шамол роҳ ёфта буду дигар ҷонзоде наметофт.

Дар беруни тиреза ҳам касеро надид Неъмат ва болои бом холӣ метофт ба назараш...

*

Неъмат бехабар буд, ки занаш ҳам паридааст аз сари бом ва ҳоло андаруни кулмак мехобад ва писараш зӯр мезанад, модарашро хезонида тавонад.

Модарро хезонида тавониста буд писарак. Ва яке аз салафанхалтаро аз дасти вай гирифта, зӯр зада, рафтан мехост, ки бори модар сабук бошаду суръат гирифтанаш имкон гардад.

*

Неъмат, ки зӯр зада, аз равзана рӯи бом гузашт, лаби бом омад. Чун касони дилхоҳро пайдо накард, ноумед гардид. Ниҳоят аз сари бом тоб хӯрд ва беҳол сӯи равзанаи кушодаи иҷорахона баргаштан хост.

Бале гӯё Лоҷувард ҳам рафта буд аз Неъмат… Гуё дуо расида буд ба вай, ки чунин шуда дар ҳаёташ думболи ҳам вақтҳои охир.

Вале ногаҳ як чиз водошт варо ҷонибе нигаристан. Дар дуриҳои дур, миёни тури борон дид занашро ва писари худашро. Дид, ки онҳо қадамашонро тезонида, дуртар рафтан мехоҳанд ва паси анбӯҳи дарахтони кӯча гоҳ пинҳон ва гоҳ айён мешаванд. Ва писараки беҳол салафанхалтаи модарро зӯр зада, бардошта, мадад расонида, пеш рафтан мехост, ҳарчанд такон мехӯрд аз бори дасташ писарак.

– Оҳҳо-ҳооэ! - ногаҳ фарёд баровард Неъмат ба онҳо синча карда.

Равандаҳо ё нашниданд, ё шунидан нахостанд, ки мерафтанд ҳамоно.

Неъмат ба ҳаяҷон ва ғирев ва ҳатто ба қаҳр омада буд ва якбора ба гӯшаи бом наздик омад ва овоз баровард:

– Оҳҳоо-эъ!… Зӯри ман ба ҳеҷ кас нарасад ҳам ба шумо мерасад!

Онҳое, ки бояд мешуниданд панаҳ гардида буданд.

Неъмат, сари ҳаяҷон, ё шояд сари қаҳр, баногаҳ аз сари бом парид чунон ки писараш ва занаш парида буданд аз ин ҷой.

Вале аз даруни кӯлмаки борон ба зудӣ хеста натавонист Неъмат, ки яқин ба пои маъюбаш боз зурӣ оварда буд чунин паридан ва чунин афтиданҳо.

Чун хест, бештар мелангид, вале зӯр мезад, қадамашро тезонида бошад ва ҷонибе рафта бошад, ки писараш ва занаш панаҳ гардида буданд.

– Ҳоло ба дастам меафтед шумоён!... - маълум буд, ки изтиробу қаҳраш аз ҳад гузашта ва дигар худашро дошта наметавонад, ки чунин нидо мезанад: - Оҳҳоо-еэъ!...

* * *

Лочуворд ва писараш ҳанӯз аз кӯчае ба кӯчаи дигар мегузаштанд.

Вале яқин ҳоло куҷо рафтани худро намедонистанд дар шаҳри боронӣ, ки баробари қатраҳои борон торикӣ ҳам мерехт болои он.

Бо вуҷуди ин шитобзада мерафтанд унҳо.

*

Вале аз думболагирии унҳо канда нашуда буд марде, ки пештар шавҳари яке буд ва падари дигаре.

– Ина бинанд-а, - ғурғуркунон мегуфт Неъмат бо худ. - Ман пештар аз инҳо ошкору пинҳон мегурехтаму инҳо маро мунтазир мешуданд, акнун, бинанд, ки инҳо мегурезанду ман аз думболи инҳо кашола-аъ…

Вале яқин медонист Лочувардро ва писарашро даст гирифта, ба хонаи худаш бурда метавонад. Ва медонист, муяссараш мешавад, ин, албатта.

Баъд дар ин ҳангоме, ки шаб мефарояд Лочуворд ва писари гурезони варо кӣ дар хонаи худ қабул медорад ва кӣ пушту паноҳ мешавад? Дар ин шаб иҷорахонаи дигар ҳам ёфтан илоҷ надорад барои унҳо…

Писараки беҳол, ки канда-канда нафас мегирифт, ба сулфа омада буд. Писарак, мисли модараш қабат ба қабати ҷонаш намӣ ва тарӣ кашида буд ва барои ҳамин бо фаромади шаб сардии фузуда ба ҷисми вай кора мекард.

Аз кӯча ба кӯчаи дигар мегузаштанд ҳамоно писараку модар ва писарак ҳамоно месулфид.

Шаб ба нисф майл мекард.

Дар ин шаҳр, ки ҳатто рӯзона иҷорахона ёфтан осон нест, магар дар ин нимашабӣ мумкин бошад-а?

Ногаҳ худашонро диданд модару писар қариби иморати болохонадори кампире, ки як вақтҳо ин ҷо иҷорахона кофта, ворид шуда буданд, вале боз рафта буданд аз ин ҷо. Акнун аз чӣ бошад истода буданд ин ҷо, очаву бача, ҳарчанд саросема гурехтанашон лозим буд. Дудила истода буданд; ин ҷо, ки дароянд, ё на?

Писарак бештар месулфид, зеро қабат ба қабати ҷонаш намӣ ва тарӣ кашида буд.

Борон шиддат дошт ҳамоно.

– Аққалан то пагоҳ, ин ҷо, дар иҷорахонаи кампир монем, - ниҳоят изҳор намуд модар, ки аз сулфаи писарак ва аҳволи вай хавотириаш фузуда буд, - Чанд пуле, ки кампири соҳибхона гӯяд медиҳему то пагоҳ меистем... Баъд рӯзи дигар… Рӯзи дигар кофта меёфтагистем иҷорахонаи дигар, албатта… - инро бо чунон оҳанг мегуфт, ки писарак қабул медорад ва ё на?

Писарак ба ҷойи ҷавоб додан варо сулфа гирифта буд аз нав.

*

…Вале кампири соҳибхона набуд дар ошёни поён ва дар он хонае, ки дафъа гузашта варо дида буданд, ҳамчунин ба чашм намерасид.

– Шояд баромада бошад ба қабати боло? - сулфаи гулугиршудаи писарашро эҳсос карда, изҳор дошт Лочуворд.

Азбаскӣ кампир намоён намешуд, модару писар, дигар илоҷ наёфта, бо зинапояи гирда боло шуданд. Онҳо ҳамебаромаданд ҷониби болохона...

* * *

…Иҷорашини ин бино-Ромиш бедор буд, ҳарчанд духтаракаш пинак мерафт аз таъсири ҳавои боронӣ. Ромиш ба андешае ғӯтта зада буд, ки ҳамчунин хоси рӯзҳои

боронӣ бошад ва хоси одами танҳо бошад. Вале дар бораи чӣ ва дар бораи кӣ андеша мекард ин лаҳза, маълум набуд.

Партави кабудчаи кадом чароғи шаб, ки аз кучое меомад, бари рӯи андешапечи Ромишро нимарӯшан медошт.

Баъд кадом овоз ба гӯш расид. Овоз андарунаш сулфа ҳам дошт.

Ромиш боз муддате ҳайрон истод, ки овоз аз кучо бошад ва чӣ тур пайдо шудааст? Пасон оҳиста бархост.

Дарро роғ карда, дар долон дид ду нафарро: Лочувард буд ва писараш. Саропо тар, аз либосашон об мечакид.

Ромиш инро дида, бовар намекард. Шояд тасаввури хаёлаш бошад пайдо шудани ин ду нафар? Охир Лочуварду писараш чанд рӯз муқаддам ин чо омада, вале ичорахонаи ин чоро қабул надошта, рафта буданд. Вале чаро, ки баргаштаанд акнун?

Лочувард бошад аз дидани Ромиш дар ҳолати нобоб монда буд.

– Ба кофтани соҳибаи хона баромадем, - ҳолати ноҳинчори модарашро шояд ҳис карда, гуфт писари вай. - Кампир набудааст дар поён.

Ромиш ҳамоно ба писараку Лочувард менигарист. «Пас ичорахона лозим?»– хулоса бароварда буд вай. Ва ниҳоят лабаш оҳиста чумбид:

– Аз боронгариҳои рӯзҳои ахир, кампир бемор шуда, тасфаш, ки нафаромад, беморхона бурданд…

Лочуварду писараш, ки аз тори сарашон то нуги пошон об мечакид, бештар дар ҳолати нобоб монда буданд ва ҳанӯз хомӯш меистоданд…

Духтарчаи Ромиш назди дар пайдо гардид, шояд вай ҳам бедор шуда, ё шояд бедор будааст дар асл? Духтарча менигарист ба писараки рангпарида, ба модари саропо тари вай.

Ромиш ҳам аз Лочуварду писараш чашм намеканд ва боз муддатҳо чунин андешаманд истод муқаддам аз он, ки ба забон оварда бошад:

– Кампирак, пеш аз он, ки беморхона равад, дари ичорахонаашро чанд қулфи дигар зад. Ба ин ичорахона як одами серпул меомадааст, ки кампир пешакӣ пули варо гирифтааст, - ба дари рӯ ба рӯи ичорахонаи худаш ишора кард Ромиш, ба даре, ки чанд рӯз муқаддам барои худи Лочуварду писараш кампири соҳибхона кушода, мурооот карда буду вале аз чониби Лочувард қабул нагардида ва онҳо рафта буданд аз ин чо.

Лочувард аз хабардор шудан аз он, ки ҳучраи ичорахона қулф асту банд гардидааст, бештар пакару шахшуда метофт.

Раъд меғуррид, барқ мерахшид, шиддати борон ҳатто аз тирезаҳои ин чо айён мегардид.

Лочувард гӯё дигар илоч наёфт, ки ниҳоят бо як даст банди дасти писарчаашро гирифт ва барои вай оҳиста гуфт:

– ...Меравем...

Очаву бача қадам ниҳоданд чониби зинапоя, ки нишеб шаванду раванд аз ин чо.

Дигар истодан ҳам бесуд бошад акнун.

Ромиш ҳанӯз менигарист ба ду нафари раванда, менигарист дар долон, аз пеши дари ичорахонаи худаш истода.

Писари Лочувард якрӯ шуда, ба Ромиши пеши дар шахшуда нигарист, пасон баробари модар гардид. Не, бори дигар назар афканд аз чӣ бошад ба Ромиш, муқаддам аз он, ки нишеб шуда бошад бо зинапояҳо ҳамроҳи модараш.

* * *

Дар кӯчаҳо бошад мекофт ҳанӯз занашро ва писарашро Неъмат. Ва аз ҳаячон дида, бештар дар қахр буд ҳоло вай.

– «Ба ҳеч кас зӯрам нарасад ҳам, мерасидагист ба шумоён!»– ҳанӯз ғуррунгос мезад бо худаш вай.

Ва ҳоло Неъмат гӯиё дар атроф ва ё наздики ин бинои кампир буд, биное, ки иҷорахона дошт.

* * *

Лоҷуварду писараш аз зинапояҳо фаромада, дар долони қабати якум мерафтанд ва пасон миёни борони бошиддат резандаи берун шуданд: қатраҳои борон онҳоро аз нав ба куфтан шурӯъ кард.

Яқин сӯи номаълум рафтанӣ буданд модару писар аз нав дар ин шаби пурташвиши намрез.

– Лоҷувард! - омад овозе як вақт.

Магар овози Неъмат бошад, яъне шавҳари худи Лочувард, ки пайдо шуда ҳоло ва дидааст онҳоро ниҳоят дар ин ҷо?

Яке меомад ҷониби Лоҷувард аз думбол ва меомад ҳамчунин сӯи писари вай.

Каси омада боронӣ надошт, кастум ва плаш ҳам надошт, фақат куртаи хонагӣ дар танаш буд. Ва наздик омад ба Лоҷуварду писараш ва истод.

– Шумо метавонед монед ин ҷо, - изҳор намуд каси омада.

Лоҷувард ба вай нигарист: Ромиш буд, ки чунин таклиф пешниҳод мекард. Ва аз борон тар мешуд куртаи яккаи тани Ромиш.

– Иҷорахонаи кампир банд, - ифода кард Лоҷувард дар ниҳоят сабаби истода натавонистани худро чунин ошкор карда. Ва боз равон гардид бо писараш ҷониби роҳи калон.

– Куҷо ҳам меравед дар ин нимаи шаб? Куҷо сарпаноҳ мeёбед дар ин бевақтӣ?

– ... – Лоҷувард ҳеҷ чиз нагӯяд ҳам наистода буд.

– Писарат месулфад... Аққалан барои вай шуда...

– Агар кампири соҳибхона мебуд, - ҷумбид лабони Лоҷувард, ки аз нав истода буд, - Агар иҷорахонааш холӣ мебуд …ҳеҷ не то пагоҳ... мондан мумкин мегашт…

Охири суханаш бо сулфаи навбатии писараш омехта гардид.

– Метавонед, бошед дар иҷорахонаи ман, - таклиф пешниҳод намуд Ромиш баногаҳ.

Ранги Лоҷувард як дигар шуд, тааммул намуд.

Ғайри шуввоси борон дигар овоз набуд дар атроф. Не, боз сулфаи писарак бар он даромехта буд.

– Худи ман метавонам халал нарасонам бар шумоён, - сухани Ромиш буд. - метавонам равам аз ин ҷо...

– Куҷо-о? - овози писарак омад, ки аз борони бошиддат чашм намеканд.

– Ин проблеми мардона; ту ки мардӣ бояд донӣ: як шабро дар ягон ҷойи дигар рӯз кардан барои ман душвор нее… Вале ту… дар хонаи гарм бояд бошӣ. Бин, чӣ хел сулфаат намеистад.

Шуввоси борон бо сулфаи писарак меомехт.

– Ба хонаи ман раветон. Духтарчаи ман ҳам мунтазир шумора…

Дами иморат, зери борони башиддат, духтарчаи Ромиш ҳам баромада буду меистод ва чашм намеканд аз Лоҷувард ва писарчаи вай... Куртаи тани духтарак ҳам тар мешуд, ё кайҳо тар шуда буд аз борони бошиддат ва ин еурта ба танаш мечаспид.

* * *

Маҳз дар атрофи ин бино мекофт Неъмат занашу писарашро.

Ҳоло аз пушту бари бино тоб хӯрда, ба даромадгоҳи бино омад Неъмат.

Вале дар он ҷое, ки чанде муқаддам Лоҷуварду писараш ва Ромишу духтарчаи вай буданд, касе наметофт.

Фақат кадом як мард, ки дар ин ҳаво, аз чӣ бошад, дар танаш танҳо куртае буд, аз ин бино дур мерафт. Кӣ буд ин нафар? Вале ин барои Неъмат аҳамият надошт. Вай зану писарчаи худашро мекофт, на кадом марди равандаро.

* * *

...Аз шаб соатҳо мегузашт.

Сулфаи писарак дар ҳақиқат монда буд, ё кам гардида буд.

Ориятхона аз оташдони печсимаш сурхшудаи электрикӣ гарму гуворо буд.

Писарак хобида буд. Духтари Ромиш ҳамчунин ба хоб рафта буд.

Лоҷувард дар кате, ки пеш Ромиш дар он ёзида буд, сар монд. Вале ӯро хоб намебурд, чунон ки ин ҷо хоб набурда буд дар оғози ин шаб Ромишро ҳамчунин.

Аз шаб мегузашт боз вақт...

Лоҷувард сарашро ба болиште, ки шабҳо Ромиш ба он сар монда мехобид, пахш намуд. Магар гиря мекард, ки ба ларза омада буд ҷисми наҳифшудаи ҷавонзан.

* * *

Неъмат дар хонааш истода, ба ёд ҳамеовард, барои чӣ бошад ун ҷавонмардеро, ки аз бино, яқинтараш аз бинои иҷорахонаи кампир дур мерафт. Як бари рӯи он ҷавонмард тофта буд. «Магар Ромиш набуд ин нафар?»– хаёле тир барин зад ба сари Неъмат баногаҳ. Ва чаро аз бинои кампир баромада буд вай ва чаро аз он дур мерафт?

Дар берун субҳ медамид ҳолиё...

* * *

Бале субҳ медамид дар олам. Оҳиста ва мутассил медамид.

Лоҷувард ба либоси хушкгаштаи танаш печида, паси шишаи тиреза истода, берун назар меафканд. Сафедии субҳ мегирифт кӯчаҳои шаҳристони азаматро. Шаҳристони бороншустаи ҳанӯз тарро.

Як вақт касеро бидид нигоҳи Лоҷувард. Касеро, ки пайдо шуда меомад дар кӯчаҳои шаҳристон.

Ва Ромиш буд ин нафар.

Лоҷуварди паси шишаи тиреза часпида, магар пайдо шудани Ромишро мунтазирӣ намекашид ҳолиё?…

Ромиш ба воридгоҳи иморат қадам бинҳод.

…Баъд шарфаи помониаш дар долон пайдо гардид, сипас гӯё аз он ҷо ғайб зад шарфаи помонии вай?

Чаро надаромад ба иҷорахона? Ба Ромиш чӣ шуда, ки овози қадамзаниаш дигар намеояд?

Лоҷувард хело мунтазиру ноҷумбон меистод.

Вале дигар овоз намеомад аз берун.

Лоҷувард худаш ба долон баромад.

Ромиш ин ҷо, ба деворе такя карда меистод, саропо тар буд, аз танаш об мешорид, дирӯзаи Лоҷувард ва писараш барин буд: ранги андак хаста ва коҳида дошт.

– …Надаромадӣ?… - Лоҷувард, ки аз вай чашм намеканд, лабонаш ҷумбиданд чунин.

– Гуфтам, ки аввал шумо бедор шавед...

– Ман бедор будам... - сухани Лоҷувард буд. Ва баъд аз чӣ бошад хастаҳол илова намуд: - Тамоми шаб хобам набурд...

– …Шабҳои охир хоби ман ҳам намебарад… - сухани Ромиш буд, ки баъди муддатҳо зикр шуда буд.

Дар миён сукунат фитода буд аз нав.

Ва чашми Лоҷуврд аз Ромиши саропо тар канда набуд.

– Ин иҷорахонаи худат... - ҷумбиданд лабони Лоҷуврд-Даро, гарм шав, либосот тар.

Ромиш чизе нагуфт, аз Лоҷуврд чашм намеканд. Лоҷуврде, ки мисли худаш хаста буд. Лоҷуврде, ки мехост вай дарояд ба иҷорахона.

Ромиш ниҳоят по ниҳода буд ба даруни иҷорахона.

– Рангат кандааст. Таб баровардаӣ, ба фикрам, - сухани Лоҷуврд буд.

Ромиш хастаҳол табассум намуд. «Мегузаштагист», - афзуда буд вай.

Ба ёди Лоҷуврд гӯё чизе расида бошад, аз термос ба пиёла чойи гарм рехту тарафи ҷавонмард дароз кард.

Ромиш чойи сӯзони пиёларо ба лаб бурда, оҳиста ошомид.

– Писарчаро бедор мекунам, мо меравем, - сухани Лоҷуврд буд. - Ту метавонӣ ба ҷойгаҳат дароӣ, хоб равӣ. Дам гирифтанат лозим, - сухани охираш ба Ромиш дахл дошт.

– Борон намондааст, - Ромиш ба Лоҷуврд нигариста буд, ки тараддуди писарашро бедор кардан ва рафтан дошт.

Нигоҳи Лоҷуврд ҷониби борони паси тиреза омад ва андармон гардид.

– Зери ин борон писарчаро овора карданат лозим набудагист... - иловаи Ромиш буд. - …Ҳеҷ не, то ёфтани иҷорахонаи дигар ҳамин ҷо истад… - Ромиш ба писарак менигарист. - Бача зиёд хаста шудааст, ҳарҷӣ, ки аз сари вай гузашт аз сину солаш зиёд буд… Барои ҳамин хобаш сахт бурдааст... Духтарчаи ман ҳам мисли вай хоб… Бачагӣ… - Неъмат боз хомӯш монда буд.

– Ман аз паси иҷоракобӣ меравам... - баъди чанде гуфт Лоҷуврд ва пасон аз миёни ду салафанқоғази вобастаи худаш сумкачаашро дарёфта, ба даст гирифт. - Бачаро баъд мебарам.

Ромиш ҳанӯз аз вай чашм намеканд.

Лоҷуврд дари иҷорахонаро бо нуги ангуштони хастааш тела дод, боз кард, ба долон баромад.

Нигоҳи Ромиш ҳанӯз аз вай канда набуд.

Лоҷуврд аз Ромиш нигоҳашро барканда, аз долон ҷониби зинапояҳо қадам ниҳод.

Ба ошёнаи якум фаромада буд вай.

Аз долони ошёнаи якум ҷониби баромадгоҳ қадам мениҳод.

Дари баромадгоҳ наздик гашту аз он берун шуданӣ буд Лоҷуврд.

Вале аз чӣ бошад якбора такон хӯрд ва ҳатто истод.

Чаро истод, ки рафтанаш лозим буд барои кофтани иҷорахонаи дигар?

Гӯё кадом чиро ба мушоҳида гирифта буд дар берун нигоҳи ҳайратзадаи Лоҷуврд ҳолиё.

Зеро дида буд шавҳари худашро-Неъматро вай; балки шавҳараш наздик мешуд ба воридгоҳи бино: магар пай бурда ва ё дониста буд, ки Лоҷуврд ва писараш ин ҷо панаҳ бурдаанд? Ва ё аз сари таваккал меояд ба ин ҷониб Неъмат?

Хуллас Неъмат имрӯз ҳам аз баҳри онҳо набаромадааст ва амсоли дирӯза ва дишаба дар суроғи онҳо буда ва аз думболашон омадааст.

Лоҷуврд чанде ноҷумбон ва шахшуда монд. Баъдан худашро яктарафа кашид. Охир Неъмат наздиктар мешуд ба воридгоҳи ин иморат.

Лоҷуврд худашро ба даруntari долон гирифт, шояд барои он, ки Неъмат набинад варо.

Вале Неъмат ба ин бино ворид гардида буд.

Лоҷувард худашро сӯи зинапояҳо кашид: дигар илоҷ ҳам надошт вай.

Неъмат гӯё аз долон сӯи зинапояҳо майл намуд.

Лоҷувард маҷбур худашро аз зинапояҳо боло гирифт: дигар роҳе надошт боз вай.

Вале дар долони ошёнаи дуюм биистод: дигар куҷо ҳам мерафт? Баъд чӣ хел бозгашта даромада метавонист назди Ромиш ва чӣ гуфта ҳам метавонист ба ин ҷавонмард, ки аз кадом боис баргаштааст ба наздаш аз нав?…

Вале шавҳари Лоҷувард-Неъмат бо поғундаи зинапоя боло мешуд.

Ана ба поғундаи охир расид, ба долони ошёни дуюм баромад.

Шояд медид ҳозир зани худашро вай? Яъне Лоҷувардро пайдо менамуд ниҳоят Неъмат.

Аммо Лоҷувард дар долони ошёнаи дуюм ҳам набуд. Пас куҷо шуда бошад, ки дигар ҷойи рафт ҳам надошт?

Лоҷувард ворид гардида буд ба иҷорахонаи Ромиш: дигар чӣ илоҷ ҳам монда буд барои вай?

Вале шарфае дар долон меомад сӯи даре, ки вай даромада буд ва роғаке дошт ва чашме менигарист аз ин роғ. Чашми Лоҷувард буд, албат.

Чун шарфа наздик омад, дар пӯшида гардид, роғаш нопадид шуд, шояд барои он, ки чашми варо набинад Неъмати наздикомада.

Вале Неъмат меомад ҷониби ҳамин дар.

Ва расид ба ин дар.

Истод.

Лоҷувард, ки андаруни дари пӯшида буд, ин шарфа ва исти поро эҳсос намуд ва гӯё дигар илоҷ наёфт ва калиди қулфи дарро тоб дод, шояд барои он, ки Неъмат ворид шуда натавонад, ба ин ҷо, ба назди вай.

Вале гӯё маҳз ҳамин лаҳза фаҳмид: кори нодурусте карда, яъне баргашта ба иҷорахонаи бегонае, бе иҷозаи соҳиби он қулфи дарро ҳам маҳкам карда.

Аз ин муҷиб бошаст ба Ромиш нигарист Лоҷувард.

Ромиш аз ӯ чашм намеканд, ҳарчанд ҳарфе намегуфт.

Вале аз паси дар овозе омад:

– Дидӣ, ки ман туро ёфтам, Лоҷувард… - овози Неъмат буд.

Миёни абрувони Ромиш ду рахе падид гардид. Вале ҳанӯз ноҷумбону хомӯш истода буд вай.

– То кай дар иҷорахонаҳои шароиташ ношоям овора шуда мегардӣ? - овози Неъмат буд боз. - Ба хонаи ман баргардем. Хонаи ман ҳама шароит дорад барои зиндагии хуб…

– Дар ҳақиқат, ҳама шароит дорад, хонаву дари вай … - ҷумбиданд ниҳоят лабони Ромиш оҳиста ва баъди муддатҳо ба андеша рафтан.

Лоҷувард бошаст нигоҳашро ба ҷониби Ромиш овард. Шояд аз Ромиш чунин суханро мунтазир набуд ин лаҳзаҳо.

– Хонаву дари худат чӣ? - ногаҳон пурсид Лоҷувард аз Ромиш. Ва баъди муддате афзуд: - Аммо чаро рафтӣ ту аз ун хонаву дарат?…

Ромиш ҷавоб дода натавонист.

– Медонам, ки шумо ин ҷо, дарро кушоед, - омад овоз аз берун.

Лоҷуварду Ромиш ҳанӯз ба ҳамдигар менигаристанд.

Неъмат кадом калидҳоро, ки онҳоро аз нав аз киса бароварда буд, яқин истифода мебурд барои кушодани дар.

Писари Лоҷувард бедор шуда буд ва бо хавотир менигарист ҷониби дар.

– Лоҷувард, туву писарчаатро мебарам бо худам!

Дохили хона бошад беҳаракатӣ буд ҳанӯз.

– Ман ба ягон каси дигар ғалаба карда натавонам ҳам, ғалаба мекунам ба Шумо. Аз рӯи таҷриба. Пас, ки худатон инро медонед, кушоед дара.

Лоҷувард гӯё дигар илоҷ надошт ва банди дасти писарашро, ки ба ӯ наздик омада буд, миёни панҷаҳош гирифт. Ниҳоят салафанқоғазҳоро низ ба дасти дигар гирифта буд. Магар тайёр мешавад барои рафтан бо шавҳараш аз ин ҷо?

Ромиш аз Лоҷувард чашм наметканд. Духтари Ромиш ҳам, ки бедор шуда буд, менигарист ба онҳо.

– Дигар чӣ илоҷ ҳам монда? - сухани Лоҷувард буд. - Аз тирезаи иҷорахонаи ин ҷо фаромада нашавад, ки дар поёнаш бом нест, ки бо воситаи он ҷойи дигар гурехта тавонем… Пас илоҷи ягона, ки монда, - сӯи дар нигарист Лоҷувард, - шояд рафтан бошад ба хонаи худ?… - хомӯш шуд.

– Аз қафои тиреза норбон ҳаст, - якбора расид ба хотири духтари Ромиш. - Паси бино фаромадан мумкин бо ин нордбон.

Лоҷуварду писараш ҳайратзада ба духтараки Ромиш менигаристанд.

– Ман бо ин норбон баромада фаромадаам зиёд. Ғайри ҳамин дигар бозие нест ин ҷо, - чунин фузуда буд духтарак.

Хашар-хушур карда, бо кадом чиҳо кушодан мехост дарро ҳамоно Неъмат.

– Худатон медонед, ки ман бо ҳама роҳу васита мебарам шуморо, - овози Неъмат омада буд боз.

Андаруни иҷорахона духтари Ромиш барои падараш пичиррос зад:

– Ин холама Шумо фароред, - ва худаш аз паи мадад расондидан шуд ба писари Лоҷувард. - Халтачаҳоро ҳам шумо фароред, - илова кард барои Ромишу Лоҷувард аз сари тиреза духтарча.

– Ду рӯз боз кори мо фақат гурехтан бо воситаи тиреза… - пичиррос зад хайёлолуд ва хаста Лоҷувард, ки маълум набуд барои худаш гуфт ва ё барои Ромиши дар паҳлӯяш монда. - То куҷо мегурехта бошем-аа?…

Духтарак, ки яқин ба баромаду фаромади норбон таҷриба дошт, писаракро ба осонӣ поён бурд; сари вай ва сари писарак ғайб зада буданд аз паси тиреза.

Дар ҳамоно меҷумбид, яъне Неъмат кушодан мехост бо ҳама роҳу васоит онро.

Лоҷувард тарафи тирезаи кушода майл намуд. Сӯи норбоне майл намуда буд, ки поғундаҳои он писарашу духтаракро поён бурд.

Ромиш ҳанӯз ноҷумбон меистод ва чашм наметканд аз Лоҷувард.

Ва Лоҷувард бо салафанқоғазҳои дасташ ба тиреза баромаданӣ ва аз норбон паси он фаромаданӣ буд.

Ромиш ҳанӯз чашм наметканд аз ин бонуи хастаҳоли рангпарида.

– …Ту… бояд… наравӣ… - ниҳоят ҷумбиданд лабони Ромиш.

Лоҷувард ҳайрон ба вай нигарист.

– Охир… - сӯи даре, ки бештар шароқошарақ мекарду маларзид, дида бурд Лоҷувард. - Дигар илоҷе надорам ғайри рафтан…

Неъмат ҳанӯз аз ин бонуи басо хасташудаву рангпарида чашм наметканд.

– Ману ту аз хонаву дарамон рафтем? Ҳамту не? Аслан ин корро бояд мекардем пештар. Кайҳо… - Ромиш лаҳзае хомӯш монд. - Лекин аз баҳри ҳама чиз баромаданамон медонӣ барои чӣ буд?…

Лоҷувард аз Ромиш, ки инро пурсида буд, чашм наметканд, вале ҷавоб намедод. Ромиш ҳам амсоли худаш хаставу беҳол метофт.

– Барои он, ки… Яқинтараш мекофтем… Касеро мекофтем, ки…

Лоҷувард ҳамоно аз Ромиш чашм наметканд.

– На вобаста ба ҳама рӯйдод ва шудаҳо… на вобаста ба ҳама чиз мекофтем… пинҳонӣ… Мекофтем пинҳонӣ якдигарро… - Ромиш хомӯш монд. - …Аз хонамон рафтем, ки шояд ёбем якдигарро… - афзуда буд чунин.

Лоҷувард ҳанӯз чашм канда наметавонист аз Ромиш.

– Мегурехтем аз дигарон… барои он, ки расида бошем… Расида бошем шояд ба якдигар?... Ман сарфаҳм рафтам ба ин ҳоло. Ин лаҳза… Чаро ин лаҳза?… Намедонам... - Ромиш боз хомӯш монда буд.

Лоҷуворд аз ӯ чашм намеканд.

– Гумон мекунам акнун… Балки кайҳо… дер шуда… - сухани Лоҷуворд буд ниҳоят. - Ману ту дигар донишҷӯ не, ки… Навҷавону навдухтар не, ки сар карда тавонем ҳамаашро аз сари нав… Чунон воқеаҳо шуданд дар миён, ки… Худат медонӣ ҳамаи онро, - чанде хомӯш монда буд. - Ҳар чизи дар миён шударо фаромӯш карда метавонӣ ту? Ё фаромӯш карда метавонам ман?…

Ромиш акнун чизе гуфта наметавонист. Вале аз Лоҷуворд чашм намеканд.

Дар алвонҷ мехӯрд.

Калидҳои Неъмат андаруни қулф тоб хӯрдан мехост.

Духтари Ромиш, ки кайҳо писараки Лоҷувардро поён фароварда буд, менигарист ба норбон, ки ҳанӯз холӣ буд ва аз тирезаи кушода касе пайдо намегардид.

Писари Лоҷуворд ҳам аз поён менигарист ба тирезаи кушода, ки чаро модараш намефарояд то ҳанӯз? Дар хавотир буд писарак яқин.

– …Ту аз аввал медонӣ, ки ин писари ман аз касе, ки… - ҷумбиданд боз лабони Лоҷуворд, андаруни хона, паси тирезаи кушода, - Ту аз аввал медонӣ, ки… ин писари ман… аз марди дигар… - тарафи дар рафт нигоҳи Лоҷуворд. Даре, ки меларзид, меҷумбид. Ва паси он падари писараш буд, яъне Неъмат буд…

– Лекин барои ман… Барои ман акнун… фарқ надорад инаш, - ҷумбиданд лабони Ромиш боз. - Барои ман акнун чизи асосӣ ҳамин, ки вай писари ту. Писари ту… Азони ту, ки бошад, пас азони ман низ мешавад. Инро фаҳмидам, имшаб, вақте ки миёни борон қадам мезадам то дами субҳ. Балки фаҳмидам ҳозир, ба чунин хулоса омадам ҳамин лаҳза… - чанде хомӯш буд-Ҳаа, асос, вай писари ту. Пас барои ҳамин азиз аст барои ман ҳам... - Ромиш муддате тааммул кард: - Баъд ману ту бояд аз пайи табобати ин писарак шуда бошем, ки месулфад мудом. Ба вай… ба писари ту… мисли писари худам нигаристам бори аввал имрӯз, балки лаҳзае пештар худи ман…

Лоҷуворд ба ларза омада буд.

Ромиш меистод рӯ ба рӯи вай. Рӯ ба рӯи Лоҷуворди коҳида, хаста, беҳол ва миёни абрувонаш ду рахи ожанг чуқуртар нишаста.

Ромиш ҳам коҳидаву хаста буд, пуризтиробу пурҳаяҷон метофт, балки ларзаи ниҳон дошт.

Дар ҳамоно меҷумбид, яқин варо кушодан мехост Неъмат дар ниҳоят бо калидҳои зиёди дасти худаш.

– Худатон медонед, ки ба касе зӯри ман нарасад ҳам, мерасад ба Шумо. Ба ту марасад Лоҷуворд, ба ту Ромиш. Ёдатон ҳаст? Дар ҷавонӣ. Хобгоҳи донишҷӯӣ… Худатон медонед, ки… - сухани Неъмат буд, ки аз паси дар меомад.

– Ману ту… - лабони Ромиш ҷумбиданд боз андаруни хона. Ҳамон Ромише, ки ҳанӯз чашм намеканд аз Лоҷуворд. - Ману ту… баъди ун ҳама саргузашт фаҳмидем, ки на вобаста ба фиреби дигарон… на вобаста ба гардиши зиндагӣ… одамӣ муҳаббат мекофтааст, ҳамдилӣ мекофтааст… тамоми умр… - ва чанде хомӯш буд, - Ҳаа, мисли солҳои ҷавонӣ… шояд боз… аз иҷорахона, ё хобгоҳ шурӯъ кардан лозим ҳамаашро… Вале акнун… бо тарзи дигаре…

Ва аз якдигар чашм канда наметавонистанд ҳанӯз Ромишу Лоҷуворд.

– Намедонам… - ҷумбиданд лабони Лоҷуворд: - Намедонам… - чанде хомӯш монда буд. - Барои ин зӯри ман мерасад ё не? Зӯри ту чӣ?…, - ин маротиба Лоҷуворд тулонӣ хомӯш монд. - Хусусан баъди ҳар чизе, ки шуда дар миён… зӯри ману ту мерасад акнун барои ҳамаашро аз сар шурӯъ кардан?…

– Зӯри ту мерасад? Намедонам. Зӯри ман мерасад? Инро ҳам намедонам… – Ромиш боз хомӯш монда буд.

– …Вале ягона коре, ки мо метавонем ҳамин монда акнун… - Ромиш гуфта буд инро ҳам. - Зеро дил… Дили ман… Дили ту… Дили ту чӣ мегӯяд дар ин масъала? Аа?

– Дили ман?… Дили ту?… - Лоҷувард ба андеша рафта буд. - Онҳо то охир ба ақидаи ҳозирашон мемонда бошанд, ё вобаста ба тағири дунё тағир мехӯрда бошанд, чунон ки тағир хӯрда будем айёме ману ту…

– …Намедонам… - Ромиш пичиррос зада буд.

– Пас ду роҳе монда барои ман: ё гурехтан лозим аз ин ҷо, ё баргаштани ман лозим бо Неъмат ба хонаи вай?

Аз беруни дар калидҳои дигарро истифода мебурд барои кушодани дар Неъмат.

Писараку духтараки поён ҳамоно аз пояи норбон ҳайрон менигаристанд, ки чаро падару модарашон нафаромадаанд аз болохона? Чаро таваққуф кардаанд, ки дарро кушода, даромада метавонад Неъмат ва модари писаракро-Лоҷувардро бурда метавонад ба хонаи худаш бо ҳама роҳу васоил.

– Медонам, зӯри ман ба касе нарасад ҳам, мерасад ба ту Лоҷуворд… ба ту Ромиш. Чуноне ки мерасид пештар зӯрам бар шумо… Солҳои студентӣ дар ёдатон ҳаст? Баъд ту Лочуворд дигар чӣ лозим ба ин Ромиш?… Баъди он чизи дар ҷавонӣ шуд вай туро қабул надошта буд… Акнун қабул медорад магар?… Баъд Лоҷуворд… акнун донистам, фақат ту метавонӣ бардорӣ ҳама чизи маро, бори маро. Ғайри ту каси дигар бардошта наметавонад ин ҳама бори маро…

Ромиш ҳоло шояд яқин дониста буд, ки бо калид наметавонад дарро кушодан ва кадом чиро мекофт ҳоло ва аз ҷевони лоқу пари долон-ё шояд ҷевони зиддисӯхторӣ-ногаҳон кувалди зангзадаро дарёфта буд. Ва онро ба даст гирифту хурсанд гардид: бо ин дарро шикаста даромадан осон ва Лоҷувардро бурдан мумкин. Ва назди дар омад ва бо тамоми зӯр бо кувалд ба танаи даре, ки то ҳанӯз бо тамоми зӯрзаниҳояш кушода нашуда буд, барзад. Шояд зарба беҳад сахт буд, ё шояд яке аз чубҳои танаи дар нисбати дигаронаш заифу ковок буд, ки баршикасту ҷудошудаи он ҳамроҳи кувалд ҳатто ба дарун парид. Ва тахминан як ваҷаб бару ду ваҷаб дарозӣ ва сурохӣ ба вуҷуд омада буд бар танаи дар.

Неъмат аз ин роғ кадом чиро бидиду ҳайрон бимонд ва карахт ҳам шуд. Зеро ҳарчанд зани вай Лоҷуворд ин маротиб бо восилаи тирезае, ки кушода меистод, нагурехта буд, вале бо дӯсти солҳои навҷавонии худ-бо Ромиш истода буд, балки… Ромиш кашида буд ба оғӯш Лоҷуворди варо, балки зани варо… Балки Неъмат намефаҳмид, ки Лоҷуворд Ромишро бӯса мекунад ва ё Ромиш бӯса мезанад Лоҷувардро? Балки мебӯсиданд ҳардуи онҳо ҳамдигарро? Боиштиёқу ташна мебӯсанд якдигарро, гӯё хатари даромадани Ромишро, хавфу хатарҳои гузаштаву навхезаро ва тамоми оламро фаромӯш мекарданд. Балки рӯйдоди дигари олам аҳамият надошт акнун барои Лоҷуворд ва барои Ромиш. Балки фаромӯш карда буданд гӯё ҳамаро ва Неъматро ҳамчунин. Неъматро фаромӯш карда мебӯсиданд Ромишу Лоҷуворд якдигарро, чунон ки гӯё муҳаббати наврӯид бошад дар миёни онҳо. Боиштиёқу борағбат, ташнаву зор мебӯсиданд якдигарро онҳо… Гӯё ҳаргиз халалпазир нашуда буд муносибате, ки як вақт буд миёни онҳо дар навҷавонӣ-айёми донишҷӯии худи унҳо...

Ромиш ин ҳамаро медид, вале даромада ҳам наметавонист, ки дар ҳарчанд як тахтааш аз миён даршикаста ва роғ пайдо карда буд, аммо кушода нашуда буд. Ва кувалде, ки бо он дигар қисматҳои дарро шикаста, дармадан мумкин буд, андаруни хона, ба дурӣ парида буд.

Мебӯсиданд Ромишу Лоҷуворд ҳамдигарро ва ҳатто ба ин ҳама нигаристани Неъматро ва ин ҳамаро дидани Неъматро эҳсос намекарданд. Ва гӯё Неъмат вуҷуд

надошт боз барои онҳо, чунон ки вуҷуд надошт барои онҳо дар оғози навҷавониву навошиқии худашон. Неъматро фаромӯш карда буданд онҳо, чунон ки фаромӯш мекарданд дар навҷавонӣ ҳамеша варо. Фаромӯш мекарданд даме, ки ба ҳамдигар баста мешуданд ва майле доштанд…

Неъмат ҳамаи инро медид, вале он ҷо даромада наметавонист ва дар кушода нашуда буд ва кувалд ба дарун парида дур гардида буд, худи Неъмат ҳам гӯё дигар мадор надошт барои кушодани дар. Ромишу Лоҷуворд бошанд ҳамоно мебӯсиданд якдигарро ва инро дидани Неъматро эҳсос намекарданд. Ва Неъматро фаромӯш карда буданд, чунон ки фаромӯш мекарданд дар навҷавонии худашон ҳамеша варо. Фаромӯш мекарданд даме, ки ба ҳамдигар баста мешуданд ва майле доштанд ба ҳамдигар онҳо…

* * *

Борон мерехт ва шаҳристон меистод ҳанӯз зери он.

Балки ҳам борон буду ҳам аз баъзе роғакҳои абр сар зада буд дастаҳои партави хуршед.

Қатраборону нурборон ба ҳам омезиш доштанд бо як тарзи мӯъҷизаборе.

* * *

…Баъд мерафт Неъмат дар кӯчаҳои шаҳристон. Мерафт, аҷиб, ки танҳо. Намебурд бо худаш Лоҷувардро. Ва ҳатто бо Неъмат набуд писараки вай. Писараш, ки дигар дар поёни занапоя наметофт.

Мерафт лангон, калавида, такон хӯрда Неъмат. Шатта хӯрда ва лабаш кафидаву пайи хун дошт. Ва ҳар гоҳ ба замин туф мекард шояд аз ин боис. Вале мерафт танҳо, зери борон. Мерафт лангон ва беҳол. Вай шатта хӯрда буд аз Ромиш ва ё худашро зада буд ба дари нимшикан ва чунин зарбу захм бардошта буд, маълум набуд ва касе ин ҷиҳати масъаларо намедонист.

…Шамоле, ки амсоли ҳаво шӯриш дошт, ногаҳ як порча қоғазро аз равзанае рабуда, бардошта, тоб дода, дар осмон чанд бор пасту боло бурда, пасон боз поён кард ва тоб дода, пеши пои яке фаровард дар ниҳояти ниҳоят…

Балки пеши пойи Неъмат фароварда буд қоғазро шамоли печон.

Аҷиб, ки сурати худи Неъмат буд, балки сурати навҷавонии худи вай буд. Балки ҳамон сурате буд, ки аз сурати сегона ҷудо шуда, ба панҷаи шамол супорида шуда буд ва шамол баъди бозӣ доронидан ва тоб доданҳо афтонда буд онро пеши пойи худи Неъмат.

Менигарист ба сурати пеши пойи худаш-ба навҷавонии худаш-Неъмат, ҳарчанд сину солаш аз навҷавонӣ дур шуда буд ва дар атроф меистод туфону шӯриши муҳит ва абр мегирист, раъд ғулғула мезад, барқ мерахшид...

Барои чӣ мегирист абр ҳанӯз? Ва барои кӣ мегирист меғҳои осмонӣ беист?

Ва чаро дастаҳои анвор ҳам сар задаанд аз чокҳои кучаки меғҳо? Ва чаро онҳо чунин поканду хушҳолу умедбахшо?

Чаро, ки?…

* * *

Рӯи ду сурати ду нафари як вақтҳо аз ҳам дарондаву ҷудокарда, ки боз бо кадом шилму қоғаз, бо тарзи бачагона часпонида шуда буд, муғчагуле пайдо гардид. Балки дар пояи сурати ба ҳам часпонидаи Лоҷуворд ва Ромиш пайдо гардида буд муғчагули танҳо.

Ин ҳозир буд ва ё баъд…

…маълум набуд.

Балки вақт акнун аҳмият надошт дигар…

Магар ҳама воқеа ба охир расида буд баъди ҳар чизи шуда ва ё оғози дигаре гирифта буд аз сари нав воқеаҳои пурпечи зиндагӣ?…

Инро ҳам касе дигар намедонист ва ҳоло пешгӯӣ карда наметавонист…